**ISSN 2307 – 5198**

**ДОНИШГОҲИ МИЛЛИИ ТОҶИКИСТОН**
**ТАДЖИКСКИЙ НАЦИОНАЛЬНЫЙ УНИВЕРСИТЕТ**
**ФАКУЛТЕТИ ҲУҚУҚШИНОСӢ**
**ЮРИДИЧЕСКИЙ ФАКУЛЬТЕТ**

**Апрел – июни 2022, № 2 (38)**
**Апрель – июнь 2022, № 2 (38)**

Маҷаллаи илмӣ – иттилоотии «Ҳаёти ҳуқуқӣ» («Правовая жизнь») соли 2013 таъсис додашуда, дар Вазорати фарҳанги Ҷумҳурии Тоҷикистон (шаҳодатномаи № 163/МҶ – 97 аз 25 – уми октябри соли 2020) ва Маркази байналмилалии ISSN (ISSN 2307 – 5198) ба қайд гирифта шудааст.

Маҷалла ба Шохиси илмии тақризшавандаи Россия аъзо буда, ба Феҳристи маҷаллаҳои илмии тақризшавандаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Вазорати илм ва таҳсилоти олии Россия ва ба Феҳристи маҷаллаҳои тақризшавандаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ворид карда шудааст.

Научно – информационный журнал «Правовая жизнь» (Ҳаёти ҳуқуқӣ) создан в 2013 г. и перерегистрирован в Министерстве культуры Республики Таджикистан (свидетельство № 163/МҶ – 97 от 25.10.2020г.) и Международным центром ISSN (ISSN 2307 – 5198).

Журнал аккредитован в Российском индексе научного цитирования, включен в Перечень рецензируемых научных изданий Высшей ате – стационной комиссии при Министерстве науки и высшего образования РФ и Перечень рецензируемых научных изданий Высшей аттестационной комиссии при Президенте Республики Таджикистан.

**Душанбе – 2022**

**Муассис:** Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, факултети ҳуқуқшиносӣ
**Учредитель:** Таджикский национальный университет, юридический факультет

**Сармуҳаррир:** Ш. К. Ғаюрзода — доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, профессор
**Главный редактор:** Ш. К. Гаюрзода — доктор юридических наук, профессор

**Ҳайати таҳририя:**

Тоҳиров Ф.Т. — академики АМИТ, доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, профессор;
Маҳмудзода М.А. — академики АМИТ, доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, профессор;
Насриддинзода Э.С. — узви вобастаи АМИТ, доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, профессор;
Раҳмон Д.С. — доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, профессор;
Диноршоҳ А.М. — котиби масъул, доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, профессор;
Малко А .В. — доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, профессор (Россия) ;
Муртазозода Ҷ.С. — доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, профессор;
Шарофзода Р.Ш. — доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, профессор;
Сафарзода Б.А. — муовини сармуҳаррир, доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, профессор;
Шарипов Т.Ш. — доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, профессор;
Золотухин А.В. — доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, профессор;
Раҷабзода М.Н. — номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ, дотсент;
Қурбонализода Н.Ш. — номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ, дотсент.

**Редакционная коллегия:**

Тахиров Ф.Т. — академик НАНТ, доктор юридических наук, профессор;
Махмудзода М.А. — академик НАНТ, доктор юридических наук, профессор;
Насриддинзода Э.С. — член-корреспондент НАНТ, доктор юридических наук, профессор;
Рахмон Д.С. — доктор юридических наук, профессор;
Диноршох А.М. — ответственный секретарь, доктор юридических наук, профессор;
Малько А.В. — доктор юридических наук, профессор (Россия) ;
Муртазозода Дж.С. — доктор юридических наук, профессор;
Шарофзода Р.Ш. — доктор юридических наук, профессор;
Сафарзода Б.А. — зам. главного редактора, доктор юридических наук, профессор;
Шарипов Т.Ш. — доктор юридических наук, профессор;
Золотухин А.В. — доктор юридических наук, профессор;
Раджабзода М.Н. — кандидат юридических наук, доцент;
Курбонализода Н.Ш. — кандидат юридических наук, доцент.

Шохиси обунавии маҷалла: **77735**
Подписной индекс журнала: **77735**

Маҷалла дар се моҳ як маротиба бо забонҳои тоҷикӣ ва русӣ чоп мегардад
Журнал выходит один раз в три месяца на русском и таджикском языках

**Нишонии маҷалла:** 734025, ЧумҳурииТоҷикистон, ш. Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ, 17
**Адрес редакции:** 734025, Республика Таджикистан, г. Душанбе, проспект Рудаки, 17
Телефон ва дигар воситаҳои алоқа: (+992 37) 2 21 77 11, www. law. tnu. tj, www.pravovayazhizn.tj
Телефоны и иные средства связи: (+992 37) 2 21 77 11, www. law. tnu.tj, www.pravovayazhizn.tj

**©Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, 2022 © Ҳайати муаллифон, 2022**
**©Таджикский национальный университет, 2022 © Коллектив авторов, 2022**

## МУНДАРИҶА – СОДЕРЖАНИЕ

I.ИЛМҲОИ НАЗАРИЯВӢ – ТАЪРИХИИ ҲУҚУҚӢ (ИХТИСОС: 5. 1. 1)
**I. ТЕОРЕТИКО – ИСТОРИЧЕСКИЕ ПРАВОВЫЕ НАУКИ (СПЕЦИАЛЬНОСТЬ: 5. 1. 1)**

**Муртазозода Ҷ. С. Рушди соҳаи сайёҳӣ ва ташаббусҳои бунёдии Пешвои миллат дар даврони истиқлолият........................................................5**

**Фозилов М. М. Понятие коллизии правовых актов и способы их разрешения…..........................................................................................15**

**Азиззода У.А., Шодизода Н. М. Принсипҳои умумӣ-ҳуқуқии ҷазои ҷиноятӣ ҳамчун намуди ҷавобгарии ҳуқуқӣ.................................................22**

**Шарифзода С.Ш. Инкишофи мафҳуми «соҳибихтиёрии давлат» тибқи санадҳои меъёрии ҳуқуқии Тоҷикистон: таҳқиқоти назариявӣ ва таърихӣ – ҳуқуқӣ.......................................................................................................33**

**II. ИЛМҲОИ ОММАВӢ – ҲУҚУҚӢ (ДАВЛАТӢ – ҲУҚУҚӢ) (ИХТИСОС: 5. 1. 2)**
**II. ПУБЛИЧНО – ПРАВОВЫЕ (ГОСУДАРСТВЕННО – ПРАВОВЫЕ) НАУКИ (СПЕЦИАЛЬНОСТЬ: 5. 1. 2)**

**Имомов А. Кафедре конституционного права Таджикского национального университета – шестьдесят лет: становление и развитие….…….…44**

**Ғафурзода А. Д.,Рустамзода Дж. Ю. Самтҳои асосии такмили механизми танзими ҳуқуқии назорати давлатии молиявӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон..................................................................................................79**

**Ойев Х. Шартномаи маъмурӣ: мафҳум, хусусият ва вазифаҳо…………92**

**Имомов Ҳ.Ш. Робитаи ҳуқуқӣ – конститутсионии ҳизбҳои сиёсӣ бо давлат.......................................................................................................102**

**Муродзода У. У. Конституционно – правовые споры как институт конституционного права………………………...............……………… 108**

**Наимов Б.Г. О понятии и системы властных субъектов разрешительной дея-тельности……………….........................................................…………119**

**III. ИЛМҲОИ ХУСУСӢ – ҲУҚУҚӢ (МАДАНӢ) (ИХТИСОС: 5. 1. 3)**
**III. ЧАСТНО – ПРАВОВЫЕ (ЦИВИЛИСТИЧЕСКИЕ) НАУКИ (СПЕЦИАЛЬНОСТЬ: 5. 1. 3)**

**Султонова Т. И., Исмаилов С. Ш. Перспективные направления совершен-**

**ствования законодательства о несостоятельности……………………..……..130**

**Ғаюрзода Ш. К., Мирзозода П. З. Аломатҳои сифат дар муомилоти гражданӣ……………………………………………………………………………143**

**Қосимов Ф. А. Нерӯгоҳи барқи обии «Роғун» субъект ё объекти ҳуқуқи гражданӣ?……………………………………………………………………………150**

**Золотухин А.В. Правовая основа рекламной деятельности……………….160**

**Мавлоназаров О. А. Права на надлежащую рекламу и потребитель…166**

**Ғаюрзода Ш. К., Султонова Д. Ш. Вазъи ҳуқуқии фармоишгар дар шартномаи иштирок дар сохтмони ҳиссагии манзили истиқоматӣ……………………175**

**Қурбонов Қ.Б., Буриев А.Р. Нақши қонунгузории гражданӣ дар танзими муносибатҳо оид ба истифодаи сарватҳои зеризаминӣ……………………………………………………186**

**Хоҷамуродов Д.Г. Оид ба баъзе масъалаҳои хусусияти оммавӣ доштани шартномаи хизматрасонии муздноки байторӣ………………………………197**

## IV. ТАҚРИЗҲОИ ВОРИДШУДА IV. ПОСТУПИВШИЕ ОТЗЫВЫ

**Бободжонзода И. Х (Бабаджанов И.Х.), Сальников М. В. Финансовый суверенитет в контексте финансовой безопасности современной России. Рецензия-размышление по поводу монографии Хабибулина А.Г., Анищенко Е.В., Анищенко А.В. «Финансовый суверенитет, финансовая безопасность Российской Федерации: угрозы и риски» - М.: «Эдитус», 2022. - 342 с. ……………………………………………………………………… 204**

## V. ҚОИДАҲО БАРОИ МУАЛЛИФОН
## V. ПРАВИЛА ДЛЯ АВТОРОВ

# I.ИЛМҲОИ НАЗАРИЯВӢ – ТАЪРИХИИ ҲУҚУҚӢ (ИХТИСОС: 5. 1. 1)

# I. ТЕОРЕТИКО – ИСТОРИЧЕСКИЕ ПРАВОВЫЕ НАУКИ (СПЕЦИАЛЬНОСТЬ: 5. 1. 1)

**Муртазозода Ҷ. С.***

## РУШДИ СОҲАИ САЙЁҲӢ ВА ТАШАББУСҲОИ БУНЁДИИ ПЕШВОИ МИЛЛАТ ДАР ДАВРОНИ ИСТИҚЛОЛИЯТ

**Калидвожаҳо:** паёми Президент Ҷумҳурии Тоҷикистон, миллат, истиқлолият, ташаббуси қонунгузорӣ, сайёҳӣ, субъектони сайёҳӣ, суғурта

**Ключевые слова:** послание Президента Республики Таджикистан, нация, суверенитет, законодательная инициатива, туризм, субъекты туристической деятельности, страхование

**Keywords:** address of the President of the Republic of Tajikistan, nation, sovereignty, legislative initiative, tourism, tourism activity’s entities, insurance

Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон (минбаъд - ҶТ) ба Маҷлиси Олии ҶТ аз 26 – уми январи соли 2021 ба ғояҳои баландпояи пурмазмун асос ёфта, дар фарҳанги сиёсии миллатамон чун ҳуҷҷати барномавии стратегӣ ва оғозбахши соли нави молиявӣ, равандҳои худшиносии ҷомеаи соҳибистиқлолро пайгирӣ карда, самтҳои нави пешрафти иқтисодӣ ва иҷтимоии онро муайян кард ва ҷомеаро ба кору фаъолияти пурмаҳсулу самарабахш даъвату ҳидоят намуд.

Яке аз муҳимтарин масъалае, ки дар паём баён гардид (дар баробари дигар масъалаҳои иқтисодию иҷтимоии кишвар), ин рушди соҳаи сайёҳӣ буд. Президенти муҳтарами мамлакат иброз доштанд, ки «Бо дарки мавқеи ин соҳа дар иқтисоди миллӣ мо рушди соҳаи сайёҳиро яке аз самтҳои афзалиятнок муайян карда, солҳои 2019 – 2021–умро «Солҳои рушди деҳот, сайёҳӣ ва ҳунарҳои мардумӣ» эълон намудем.

Бо дарназардошти соли ҷамъбастии ташаббуси «Солҳои рушди деҳот сайёҳӣ ва ҳунарҳои мардумӣ», Кумитаи рушди сайёҳӣ, дигар сохтору мақомоти марбута, аз ҷумла роҳбарони вилоятҳо ва шаҳру ноҳияҳо вазифадор карда шуданд, ки доир ба афзоиш додани саҳми соҳаи сайёҳӣ дар рушди иқтисоди кишвар ва ҳалли масъалаҳои иҷтимоӣ, барои ба меъёрҳои байналмилалӣ мутобиқ намудани хизматрасониҳо, дарёфти роҳҳои нави ташкили инфрасохтори сайёҳӣ, ҷалби ҳарчи бештари сайёҳони дохиливу хориҷӣ, бахусус, рушди сайёҳии дохилӣ чораҳои аввалиндараҷа андешанд».

Бо талошҳои зиёди Сарвари давлат ва бо такя ба иродаи қавии халқ, яке аз тафовутҳои паёми соли 2018 дар он буд, ки нақшаҳои гузошташуда барои 3

---

*Вакили Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии ҶТ, доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, профессори кафедраи ҳуқуқи граждании факултети ҳуқуқшиносии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон.

сол барномарезӣ карда шуданд. Аз он ҷумла, яке аз масъалаҳое, ки ба он таваҷҷуҳи махсус зоҳир карда шуд, аз ҷониби Президенти мамлакат эълон гардидани солҳои 2019-2021 ҳамчун «Солҳои рушди деҳот, сайёҳӣ ва ҳунарҳои мардумӣ» буд. Ҳадаф аз ин тадбирҳо, қабл аз ҳама, муаррифии имкониятҳои сайёҳӣ ва фарҳанги миллӣ дар арсаи байналмилалӣ, инчунин эҳё ва рушди ҳунарҳои мардумӣ, беҳбудӣ бахшидан ба вазъи иҷтимоиву иқтисодии минтақаҳои кишвар ва таъмини шуғли пурмаҳсул мебошад.

Воқеан ҳам, дар ҳошияи сиёсати пешгирифтаи Ҳукумати ҶТ баҳри тавсеаи сайёҳӣ дар кишвар иқдомҳои назаррас роҳандозӣ гардида истодаанд. Имрӯз дар мамлакат барои рушди соҳаи сайёҳӣ ҳамаи заминаҳои зарурии меъёрии ҳуқуқӣ фароҳам оварда шудаанд ва илова бар ин, як силсила чораҳои ҳавасмандкунӣ низ татбиқ гардида истодаанд. ки барои рушди соҳа заминаи созгор фароҳам овардаанд. Сиёсати давлатӣ дар соҳаи сайёҳӣ барои таъмин намудани шароити мусоиди ҳуқуқӣ, барои ташкили фаъолияти самарабахши субъектҳои фаъолияти сайёҳӣ, дар ин замина таъсиси бозори самаранок ва рақобатпазирии сайёҳӣ дар ҶТ равона гардида, имкониятҳоро барои қонеъ намудани талаботи дохилӣ ва хориҷӣ ба хизматрасониҳои мухталиф ва сифатноки соҳа таъмин намояд.

Сайёҳӣ ҳамчун падидаи ҳуқуқӣ - иқтисодӣ таҷассумгари таъриху фарҳанг, табиат ва анъанаҳои миллӣ мебошад. Тоҷикистони биҳиштосо - сарзамини миллати куҳанбунёди дорои фарҳанги ғаниву маърифати баланддошта, соҳиби иқлими хушу мусоид, манзараҳои нотакрори табиат, кӯҳҳои осмонбӯс, пиряххои азим, обҳои шифобахш, ҳайвоноту набототи нодир, урфу анъанаҳои мардумӣ ва макони беҳтарини сайру сайёҳат мебошад.

Тавре, ки Пешвои муаззами миллат дар паёмашон қайд намуданд, дар ҶТ соҳаи сайёҳӣ яке аз самтҳои афзалиятнок ва даромадноки иқтисодиёти кишвар ба ҳисоб рафта, бо суръати баланд рушд намуда истодааст. Паҳлуҳои гуногуни муносибатҳои нави иқтисодию иҷтимоӣ, ташаббусҳои бунёдии таъмини рушди соҳаи сайёҳӣ, фароҳам овардани шароити зарурии ҳуқуқӣ, самаранок гардонидани соҳаи хизматрасонӣ, барои баланд гардидани сатҳи некуаҳволии мардуми кишвар замина гузоштанд.

*Тибқи дастуру супоришҳои Президенти мамлакат, вобаста ба рушди минбаъдаи ин соҳа Қонуни ҶТ «Дар бораи сайёҳӣ» қабул гардид, ки он муносибатҳои ҷамъиятии соҳаи сайёҳиро танзим намуда, барои таъмини ҳуқуқи шаҳрвандони ҷумҳурӣ, хориҷӣ ва шахсони бешаҳрванд равона гардидааст. Ҳамзамон, барои фароҳам овардани шароити баробар ба рақобатпазирии субъектҳои сайёҳӣ, ташаккули низом, ташаккули намудҳои хизматрасонӣ, рушди робитаҳои байналмилалӣ, истифодаи оқилонаю ҳифзи захираҳои сайёҳӣ, ҳифзи муҳити зист ҳангоми фаъолияти сайёҳӣ ва таъмини амнияти сайёҳон заминаи ҳуқуқӣ омода намудааст. Тибқи қонуни амалкунанда дар мамлакат ба фаъолияти самараноку озоди иқтисодӣ ва иҷтимоию фарҳангии субъектҳои хизматрасонии сайёҳӣ кафолат дода шудааст. Ҳамзамон, ташаббускорӣ дар соҳаи сайёҳӣ дастгирӣ ёфта, ҳифзи ҳуқуқу озодиҳои субъектҳои фаъолият дар соҳаи сайёҳӣ таъмин гардидааст ва барои рушди маърифати сайёҳӣ ва истифодаи оммавии захираҳои сайёҳӣ имкониятҳои мусоид фароҳам гардидаанд.*

Инчунин, таъмини бехатарии сайёҳон дар ҳудуди ҶТ таваҷҷуҳи бештарро тақозо менамояд. Бинобар ин, мутобиқи б. 5 қ. 2 м. 11 Қонуни ҶТ «Дар бораи сайёҳӣ» субъектони фаъолияти сайёҳӣ вазифадор ҳастанд, бехатарии сайёҳон, нигоҳдории амволи онҳо, омӯзонидани қоидаҳои амният ва расонидани ёрии таъҷилиро ба сайёҳон таъмин намоянд, инчунин тибқи муқаррароти қонун барои зарари ба сайёҳон расонидашуда ҷавобгар ҳастанд. Мувофиқи м. 16-и ин қонун, сайёҳон вазифадоранд қоидаҳои шахсии бехатариро ҳангоми сайёҳат риоя намоянд. Қабули қонуни мазкур барои рушди сайёҳӣ пояҳои устувори ҳуқуқӣ гузошта, барои фаъолияти самараноку натиҷабахши ин соҳа замина гузошт ва шиносоии ҶТ ба ҷаҳониён тавассути сайёҳон бештар гардид. Бо мақсади ҷалби сармояи дохиливу хориҷӣ ва боз ҳам беҳтар намудани фазои сармоягузории соҳаҳои иқтисодиёти мамлакат, аз ҷумла соҳаи сайёҳӣ Қонуни ҶТ «Дар бораи сармоягузорӣ» ва як зумра санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ ва барномаҳо таҳия ва қабул гардиданд.

Ҳамзамон, ҷиҳати таҳкими заминаҳои рушди босуботу дарозмуддати соҳаи сайёҳӣ дар стратегияву барномаҳои давлатӣ барои давраи то соли 2030 масъалаҳои баланд бардоштани самаранокии истифодаи дороиҳои миллӣ, махсусан неруи инсонӣ ва воситаҳои асосӣ, инчунин тақвияти институтсионалии рушди соҳа ҳамчун самтҳои афзалиятнок мебошанд. Ҳамзамон, дар «Стратегияи миллии рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030» ҷиҳати «Беҳтар намудани фазои сармоягузорӣ ва соҳибкорӣ дар бахшҳои суғурта, сайёҳӣ тавассути фароҳам овардани шароити мусоид барои ҷалби сармоя ва рушди соҳибкорӣ дар бахши сайёҳӣ» ҳадафҳои мушаххас гузошта шудаанд ва амалӣ гардида истодаанд.

Дар Барномаи пешазинтихоботии номзад ба мансаби Президенти ҶТ Ҷаноби Олӣ, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон, ки аз ҷониби Ҳизби халқии демократии Тоҷикистон пешниҳод гардидааст, бо мақсади татбиқи сиёсати иқтисодӣ ва рушди соҳаи сайёҳӣ чунин қайд гардидааст: «бо ҷалби сармояи дохиливу хориҷӣ ташаккул додани инфрасохтори замонавии сайёҳӣ, бахусус

сайёҳии экологӣ, табобативу солимгардонӣ, таърихиву фарҳангӣ, кӯҳнавардӣ, шикор ва дигар намудҳои сайёҳӣ ва бо истифода аз усулҳои муосир васеъ ба роҳ мондани тарғибу ташвиқи имкониятҳои сайёҳии кишвар» ва дар ҳафт соли оянда ҳалли масъалаҳои болозикр муҳим арзёбӣ гардидаанд.

Ҷиҳати тақвияти иқтидорҳои сайёҳӣ, ташкилу тарғиби ҳаматарафаи имкониятҳои соҳа, таъмини рақобатпазирӣ, баланд бардоштани сифати хизматрасонӣ, муаррифии бренди миллии мавзеъҳои сайёҳӣ, истифодаи оқилонаи захираҳои табиию рекреатсионӣ, инкишофи маркетинги хизматрасонӣ, логистикаи он, пешбурди маҳсулоти сайёҳӣ ва ҳифзи мероси таърихию фарҳангӣ дар Ҷумҳурӣ ислоҳоти доманадори фарогир роҳандозӣ гардидааст. Ҳамзамон, бо мақсади ташаккул ва инкишофи инфрасохтори соҳаи сайёҳӣ равзанаи ягонаи бақайдгирӣ ва муосири нуқтаҳои қабули сайёҳон таъсис дода шуда, барои фаъолияти самараноки фурудгоҳҳои дорои аҳамияти байналмилалӣ ва маҳаллидошта, гузаргоҳҳои сарҳади давлатӣ ва терминалҳои нақлиётӣ ҳама имкониятҳо фароҳам оварда шудаанд.

Бо мақсади рушди соҳа, тақвияти ҳимояи ҳуқуқҳои соҳибкорон, бартараф намудани монеаҳои маъмурӣ, кам намудани шумораи расмиётҳои танзимкунанда, аз ҷумла дар самти низоми бақайдгирӣ, ҳисоботдиҳӣ ва фискалӣ як қатор қонунҳо қабул гардиданд. Бояд қайд намуд, ки дар натиҷаи қабули Қонуни ҶТ «Дар бораи бақайдгирии давлатии шахсони ҳуқуқӣ ва соҳибкорони инфиродӣ» мӯҳлати бақайдгирии давлатӣ мувофиқи модели «равзанаи ягона» аз 45 то ба 5 рӯз ва барои соҳибкорони инфиродӣ то 3 рӯз кӯтоҳ гардид. Инчунин, шумораи ҳуҷҷатҳои зарурӣ барои бақайдгирии давлатии таъсисдиҳии шахси ҳуқуқӣ аз 30 то ба 7 адад коҳиш ёфт. Таҳия ва қабули Қонуни ҶТ «Дар бораи иҷозатномадиҳӣ ба баъзе намудҳои фаъолият» имконият дод, ки шумораи соҳаҳои иҷозатномадиҳӣ аз 805 то 86 адад кам карда шуда, расмиёти дастрас намудани онҳо низ одӣ гардид. Зиёда аз ин, низоми электронии пешниҳоди иҷозатҳо то 30 фоиз зиёд гардид.

Ҳамзамон, бо мақсади рушд бахшидани соҳаи сайёҳӣ, густариши раванди танзими давлатӣ, дастгирии сайёҳии дохиливу хориҷӣ, ҷалби бештари сармоя, омода кардани кадрҳои ба талаботи замон ҷавобгӯ, ҷиҳати вусъат бахшидан ба ҳалли масъалаҳои соҳа, бо дарназардошти зарурати инкишофи инфрасохтори деҳот дар ҳамаи минтақаҳои кишвар ва андешидани чораҳои иловагӣ соли 2017 Кумитаи рушди сайёҳии назди Ҳукумати ҶТ таъсис дода шуд.

Бо иқдоми ҳадафмандонаи Сарвари давлат санади муҳим бобати таъмини афзалиятҳои миллӣ, таъмини рушди бештари соҳаи сайёҳӣ ва амалишавии ҳадафҳои мушаххас «Стратегияи рушди сайёҳӣ барои давраи то соли 2030» қабул гардид, ки ин стратегияи дарозмуддати рушди соҳа буда, дар он ҳадафҳо, захираҳои мавҷуда, таъсири омилҳои беруна ба рушди соҳа, ба инобат гирифта шудаанд ва барои татбиқи ин ҳадафҳо чанд омили муҳим, аз ҷумла рушди неруи инсонӣ, рақобатпазирии бахши соҳа бо сатҳу сифати баланди хизматрасонӣ муҳим арзёбӣ гардидаанд.

Ҷиҳати ҳимояву дастгирӣ ва ҷалби сармоя ба инфрасохтори соҳа аз тарафи Ҳукумати мамлакат дар се соли охир барои рушди соҳаи сайёҳӣ ва дигар бахшҳои афзалиятнок иловатан 30 намуди имтиёзу сабукиҳо ҷорӣ карда шуданд. Ҳамзамон, аз 22 – уми январи соли 2017 бо мақсади дастгирии давлатии соҳаи сайёҳӣ аз 1 – уми январи соли 2017 воридоти таҷҳизоту техника ва маводи сохтмонии иншооти сайёҳӣ (аз ҷумла, меҳмонхонаҳо, осоишгоҳ ва истироҳатгоҳҳои табобатӣ, марказҳои сайёҳӣ ва дигар иншооти сайёҳӣ), ки номгӯи онҳоро Ҳукумати ҶТ тасдиқ менамояд, аз боҷҳои гумрукӣ ва андозҳо озод гардиданд, инчунин даромад аз фаъолияти сайёҳии субъектҳои соҳибкорӣ ба мӯҳлати 5 сол, аз санаи бақайдгирии давлатӣ аз андоз аз фоида (андози низоми содакардашуда) озод карда шуданд. Инчунин, бо мақсади ҳавасмандгардонии аҳолӣ ҷиҳати истеҳсоли молҳои ниёзи мардум дар хона ва рушди ҳунарҳои мардумӣ аз 1 – уми январи соли 2018 фурӯши чунин молу мавод аз пардохти ҳамаи намудҳои андоз озод карда шуданд.

Таҳлилҳо собит сохтанд, ки ба соҳибкорон ва сармоягузорон дар маҷмӯъ 73 имтиёз ва 240 сабукиҳои андозиву гумрукӣ пешбинӣ шудааст, аз шумораи умумӣ 29 намудро имтиёзҳои андозӣ, 23 намудро имтиёзи гумрукӣ, 4 намудро имтиёзҳи танзимкунанда ва 15 намудро имтиёзҳои молиявӣ, грантҳои аслии давлатӣ ва ғайра ташкил медиҳанд, 85 фоизро имтиёзҳои фискалӣ ва тақрибан 15 фоиз ба ғайрифискалӣ рост меоянд.

Дар баробари ин, дар натиҷаи пешбурди сиёсати устувори иқтисодӣ, таъмини рушди нерӯи инсонӣ ва сифатан баланд бардоштани сатҳи хизматрасониҳо ба сайёҳони дохилию хориҷӣ, аз ҷумла дар бахши рушди соҳибкорӣ ва сармоягузорӣ, ки ҳамчун самтҳои афзалиятноки минбаъдаи рушди соҳа муайян гардидаанд, ҶТ тибқи натиҷаҳои ҳисоботи «Пешбурди соҳибкорӣ»-и Бонки ҷаҳонӣ, ки танзими давлатии фаъолияти соҳибкориро дар кишварҳои олам арзёбӣ мекунад, дар соли 2020 мавқеи худро 4 зина боло бурд ва таҷрибаи пешқадами ҷаҳониро ба даст овард, ки дар миқёси кишварҳои пасошӯравӣ ин яке аз нишондиҳандаҳои беҳтарин маҳсуб мёёбад. Инчунин, боиси ифтихор аст, ки ҶТ аз назари таҳқиқоти маҷаллаи байналмилалии молиявӣ «Global Finance» ба рӯйхати бехатартарин давлатҳои ҷаҳон дохил шуд.

Инчунин, бо мақсади муҳайё намудани шароити муосири таълимӣ, омода намудани кадрҳои баландихтисоси соҳавӣ ва ҷавобгӯи бозори ҷаҳонии меҳнат дар заминаи Донишкадаи соҳибкорӣ ва хизмат Донишкадаи сайёҳӣ, соҳибкорӣ ва хизмат таъсис дода шудааст. Айни замон дар 15 муассисаҳои таҳсилоти олии касбии ҷумҳурӣ зиёда аз 2100 нафар ва дар литсею коллеҷҳои касбии техникӣ зиёда 500 нафар аз рӯи 16 намуд ихтисосҳои соҳавӣ (саёҳат ва меҳмондорӣ, иқтисодиёт ва идора дар корхонаҳои сайёҳӣ, иқтисод ва идораи сайёҳӣ, географияи сайёҳӣ ва менеҷменти саёҳат, менеҷмент дар соҳаи сайёҳии байналмилалӣ, фаъолияти меҳмонхонавӣ, таъмини забони робитаҳои байнифарҳангӣ, роҳбаладӣ, меҳмонхонадорӣ, ошпазӣ, қаноддӣ,

хизматарсонии меҳмонхона) ба таҳсил фарогир мебошанд, ки барои таъмини рушди устувори соҳа таккони ҷиддӣ мебахшад.

Президенти муҳтарами мамлакат дар паёмашон қайд намуданд, ки «Тайи солҳои 2018 – 2020 –ум дар кишвар 145 ширкати нав иҷозатномаи фаъолият гирифта, дар ин муддат, дар маҷмӯъ 224 ширкат ба бозори сайёҳӣ ворид гардид». Дар ин заминаи 15 лоиҳаи инфрасохтори сайёҳӣ аз имтиёзҳои пешбинишуда бархурдор гардидааст, ки тавассути онҳо ҷойҳои кории нав таъсис дода шуд. Ҳамзамон, Ҳукумати кишвар бо мақсади рушд додани соҳаи сайёҳӣ ва ҳунарҳои мардумӣ ба масъалаи вусъатдиҳии шуғли пурмаҳсул ва таъсиси ҷойҳои нави корӣ диққати махсус дода, дар ин самт якчанд барномаҳои давлатиро амалӣ намуда истодааст. Ҳукумати мамлакат ҳамкориро бо соҳибкорони ватанӣ, тавассути ҳарчӣ бештар ҷалб намудани сармояи дохиливу хориҷӣ ва сохтмони иншоотҳои нави сайёҳӣ, ки омили асосии муҳайё намудани ҷойҳои корӣ мебошанд, ҷиддӣ ба роҳ мондааст. Дар давоми ҳафт соли оянда 110 ҳазор ҷойи кории доимӣ, бахусус, барои занону ҷавонон таъсис диҳад.

Воқеан, сайёҳӣ яке аз соҳаҳои муҳими ба шуғл фаро гирифтани аҳолии қобили меҳнат, баланд бардоштани сатҳи зиндагии мардум, рушди соҳаҳои хизматрасониву истеҳсолӣ ва аз ҳама асосаш муаррификунандаи таъриху фарҳанг, табиат, анъанаҳои миллӣ дар арсаи ҷаҳонӣ ба ҳисоб меравад. Миллати тоҷик аз қадим соҳибҳунар, дорои фарҳанги воло ва суннатҳои неки аҷдодӣ буда, ба омӯзиш ва рушди ҳунармандӣ дар кишвари худ таваҷҷуҳи махсус зоҳир менамоянд, ки боиси ифтихори баланди миллӣ мебошад.

Ҳадафҳои муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон, ки аз хиради воло ва фитрати модарзодиашон бармеояд, дар шароити муосири раванди таъмини рушди устувори иқтисодии кишвар саривақтӣ аст, чунки рушди деҳоту соҳаи сайёҳӣ ва ҳунарҳои мардумӣ ба ҳамдигар пайвандӣ доранд, ҳамчунин амалигардонии чорабиниҳои ҳадафмандонаи стратегияи рушди соҳаи сайёҳӣ барои инкишофи ҳамаҷонибаи онҳо мусоидат менамояд.

Бояд қайд намуд, ки соҳаи сайёҳӣ бидуни рушди деҳот ва бе фароҳам овардани шароити мусоиди инфрасохтори он дар маҳалҳо чандон инкишоф намеёбад, аз ин рӯ, Ҳукумати мамлакат ба ҳалли ин масъала таваҷҷуҳи махсус зоҳир менамояд. Чунки қисми зиёди аҳолии кишвар дар деҳот зиндагӣ мекунанд ва ҳунарҳои мардумӣ низ дар деҳот рушд мекунанд. Қобили зикр аст, ки ҳунармандони маъруф, боистеъдоду соҳибтаҷриба дар деҳот умр ба сар мебаранд, ҳунару маҳорати худро аз аҷдодони соҳибҳунару бомаърифати худ мерос гирифтаанд. Ҳамчунин навъи ҳунарҳо ва молу маҳсулоти анъанавӣ ва фарҳангии мардуми тоҷик мавҷуд ҳастанд, ки аз онҳо дар хориҷи кишвар ҳанӯз муаррифӣ нагардидаанд. Ба шарофати пешбурди солҳои рушди деҳот, сайёҳӣ ва ҳунарҳои мардумӣ самараи ҳунару маҳорат, молу маҳсулоти таърихию фарҳангии кашфношудаи миллати куҳанбунёди тоҷикон мавриди таваҷҷуҳу эътибори хосаи сайёҳони хориҷӣ қарор гирифта, завқу салиқаи

эшонро ба таъриху фарҳанги қадимаи тоҷик ва табиати зебои Тоҷикистон афзун намудааст.

Дар Тоҷикистон зиёда аз 3000 ёдгории таърихию фарҳангӣ ба қайд гирифта шудаанд, аз ҷумла, аз ёдгориҳои таърихӣ, мамнуъгоҳи таърихию фарҳангии Ҳисор, Қалъаи Хуҷанд, пойгоҳи бостоншиносии Панҷакент-Саразм, Маҷмааи ҷумҳуриявии осорхонаҳои Кӯлоб, Осорхонаи ҷумҳуриявии таърихию кишваршиносии ба номи Абӯабдулло Рӯдакӣ, Маҷмааи таърихию фарҳангии Панҷрӯд, Мамнуъгоҳи таърихию фарҳангии Хулбук, Осорхонаи миллӣ, аз имконоти рекреатсионӣ осоишгоҳҳои «Гармчашма», «Ямчун» - Бибӣ Фотимаи Заҳро, «Баҳористон», «Сатурн», «Хоҷа Оби гарм», «Сароб», «Сафеддара», «Пули сангин», «Чилдухтарон» ва дигарон имконият медиҳанд, ки сайёҳони хориҷӣ бо таърихи фарҳанг ва анъанаҳои қадимаи тоҷикон аз наздик ошно гардида, аз табиати беназиру биҳиштосои диёри зебоманзара, обу ҳавои аз ҷиҳати экологӣ тоза, чашмаҳои бо хусусияти табобатии нодир як ҷаҳон таассуроти нек бардоранд.

Айни замон, дар кишвар бештар аз 25 ташкилоти дохилии сайёҳӣ ба қайд гирифта шудаанд, ки ба сайёҳони дохиливу хориҷӣ хизмат расонида истодаанд, аз чумла, ассотсиатсияи «Зарафшон», ҷамъияти байналмилалии туризми ҷавонон «Спутник», ҶДММ «Сайёҳати Олӣ», «Суғдиён- Помир-Тур», «Ҷаҳонгард», «Алп Сомон-тур», «Бунёд-Тур», «Саёҳатҳои Кӯҳҳои Помир», «Ҷавоҳир», «Ориент Адвентур», «Куҳандиз», «Помир Силк Тревел», «Скай Тур», «Сайру Саёҳати Кӯҳӣ», «Чил Меҳроб», «Зарафшон Меджистик Трэвел», «Сафари Помир», «Ҳафткӯл», «Боми ҷаҳон Тур», «ААА-Тур», «Мерима», «Панҷакент интур», «Империя – 55» ва ва дигарон мебошанд.

Мувофиқи рейтинги ҷаҳонии кишварҳо оид ба хулосаи сомонаву шабакаҳои байналмилалӣ дар раддабандии Ташкилоти байналмилалии «British Backpacker Society» аз рӯи имкониятҳои сайёҳати саргузаштӣ ва пиёдагардӣ Тоҷикистон ба даҳгонаи аввали кишварҳои беҳтарини ҷаҳон шомил шуда, мавқеи 7-умро ишғол намудааст, шабакаи иҷтимоии «BBC» дар Британияи Кабир дар соли 2012 ҶТ-ро дар қатори 10 кишвари ҷолибтар барои боздиди сайёҳон эътироф намудааст, шабакаи иҷтимоии «Globe Spots» ҶТ-ро дар сархати даҳгонаи кишварҳои ҷолиб барои сайёҳати саргузаштӣ дар соли 2014 ҷой додааст.

Нашри русии маҷаллаи маъруфи «National geographic» (28.02.2016с.) дар соли 2016 шоҳроҳи Помири Тоҷикистонро дар байни 10 роҳи зеботарини дунё ворид намудааст. Дар маҷаллаи ТОП-100 дар соли 2015 пойтахти Тоҷикистон – шаҳри Душанбе ба мавзеъҳои бехатар аз рӯи таъмини шабона ворид гардида, дар соли 2016 се минтақаи Тоҷикистон ва қаторкӯҳҳои Помир дарҷ гардидааст. Тибқи таҳлилҳои Созмони умумиҷаҳонии сайёҳии Созмони Миллали Муттаҳид Тоҷикистон кишвари сайёҳиаш дар ҳоли рушд қарордошта муайян гардидааст. Ҳамзамон, дар рӯйхати ҷаҳонии рақобатпазирӣ дар соҳаи сайёҳӣ, ки аз ҷониби Форуми ҷаҳонии иқтисод (ФҶИ) дар соли 2017 муаррифӣ гардид, Тоҷикистон аз 136 ҷойи имконпазир

мақоми 107-умро касб кард. Ҷолиби диққат аст, ки Тоҷикистон дар рӯйхати кишварҳое, ки дар давоми як сол ҷаҳиши беҳтарин сайёҳӣ нишон додаанд, алоҳида қайд гардида, пас аз Озарбойҷону Ҷопон дар ҷойи сеюм қарор гирифтааст. Оҷонсонии таҳлилии «Тур Стат» (Россия) даҳгонаи шаҳрҳои ҷалбкунандаи Шоҳроҳи Абрешимро муайян намуд, ки дар қатори шаҳрҳои Самарқанд, Бухоро, Тароз, Ганҷа, Витебск, Хева, Туркистон, Гумрӯ, Марв, шаҳри Хуҷандро низ ҷой додааст.

Бо қарори Шӯрои вазирони сайёҳии кишварҳои узви Созмони ҳамкории иқтисодӣ аз 3 – юми октябри соли 2019 шаҳри Душанбе солҳои 2020-2021 ҳамчун пойтахти сайёҳии кишварҳои аъзои Созмони ҳамкории иқтисодӣ ва аз 28 – уми сентябри соли 2018 бо қарори Шӯрои сарони давлатҳои узви Иттиҳоди давлатҳои мустақил (ИДМ) соли 2021 ҳамчун пойтахти фарҳангии ин иттиҳод эълон карда шуд.

Бо ифтихор ва қаноатмандӣ метавон гуфт, ки ҳамаи ин пешравию дастовардҳо дар рушди устувори соҳаи сайёҳӣ дастовардҳои фараҳманду арзишманди даврони истиқлолият, шоҳкориҳою фидокориҳо ва сиёсати оқилонаву хирадмандонаи Пешвои миллат мебошад. Инчунин, фаъолияти бахшҳои сайёҳии кишвар бо истифода аз технологияҳои муосир ва таҷрибаи пешқадами ҷаҳонӣ такмилёфта, истеҳсоли маҳсулоти ҳунармандони ватанӣ бо ҷалби бештари соҳибкорону сармоягузорон таъмин гардида истодааст. Ин раванд бо дарназардошти муайян намудани бартариятҳои мавҷудаву имконпазири иқтисоди миллӣ ва самтҳои таъминкунандаи рушди соҳа ташаккулёфта, барои то ба андозае коҳиш ёфтани муҳоҷирати меҳнатӣ заминаи хуб гузошта истодааст. Барои аҳолӣ ҷойҳои кории нав таъсис дода шуда, барои рушди деҳот ва ташаккул ёфтани ҳаёти иҷтимоии табақаи миёнаи аҳолӣ мусоидат намуда истодааст.

Ташаббуси роҳбари давлат нақши муҳиму созандагиро дар инкишофи минбаъдаи ҳаёти сиёсӣ, иқтисодию иҷтимоӣ ва фарҳангии мардуми кишвар эҷод намуд ва ба зиёдшудани шумораи сайёҳони хориҷӣ такони ҷиддӣ бахшид. Соли 2017 ба ҶТ 430992 сайёҳ ташриф овард, ки нисбат ба соли 2016 — 86019 нафар ё ба андозаи 25,3 фоиз зиёд буд. Падидаи ҷолиб аст, ки дар ин замина шумораи сайёҳони хориҷӣ дар соли 2018 ба 1 миллиону 200 ҳазор нафар расида, нисбати ба соли 2017 – ум 2,6 баробар афзудааст. Дар соли 2019 беш аз 1 миллиону 260 ҳазор нафар сайёҳони хориҷӣ аз мавзеъҳои нодири кишвари мо дидан карданд, ки нисбат ба соли гузашта шумораи онҳо 20 фоиз зиёд мебошад.

Аз оғози соли 2020 паҳншавии бемории сироятии COVID-19 ба таъғйирёбии иқтидори иқтисодии ҷаҳон сабаб гардид. Сайёҳӣ низ ҳамчун яке аз соҳаҳои муҳими иқтисодиёти миллӣ бо таъсири эпидемияи коронавирус осебпазир гардида, вазъи соҳаи мазкур нисбатан ташвишовар гардид. Дар ин радиф, Ҳукумати мамлакат ҳамоҳангсозии талошҳоро барои наҷот додани ширкатҳои сайёҳии кишвар, меҳмонхонаҳо, ширкатҳои технологӣ, агентиҳои сайёҳӣ, тарабхонаҳо, кормандони мустақили сайёҳӣ ва тамоми зинаҳо

захираҳо барои нигоҳ доштани ҷойҳои корӣ, ки ба бахши сайёҳӣ ҳамчун манбаи воситаи зиндагӣ вобастаанд, роҳандозӣ намуд.

Бо Фармони Президенти ҶТ «Дар бораи пешгирии таъсири бемории сироятии COVID-19 ба соҳаҳои иҷтимоию иқтисодии Ҷумҳурии Тоҷикистон» аз 1 – уми апрел то 1 – уми сентябри соли 2020 ба иншооти соҳаи сайёҳӣ, меҳмонхонаҳо, ташкилоти хӯроки умумӣ, марказҳои саломатию варзишӣ, осоишгоҳҳо, ҳамлу нақли мусофиркашонии байналмилалӣ ва аэронавигатсия таътили пардохтҳои андозиро пешбинӣ намуда, ҳисобкунии фоизҳоро барои сари вақт пардохт нагардидани андозҳо барои ҳамин давра манъ намуд. Бо фармони мазкур дастгирии давлатии соҳаи сайёҳӣ роҳандозӣ гардида, барои ҷалби соҳибкорони ватанию хориҷӣ ба бунёди инфрасохтори сайёҳӣ, аз ҷумла, меҳмонхонаҳо, осоишгоҳу истироҳатгоҳҳо, тарабхонаҳо, дигар иншооти зарурӣ барои сайёҳон, ҳамзамон, бо истифода аз имкониятҳои мавҷуда барои ҳамкории самараноки давлат ва бахши хусусии соҳаи сайёҳӣ заминаи мусоид фароҳам овард.

Ҳаводиси охир, паҳншавии бемории сироятӣ ва таъсири он ба иқтисодёти ҷаҳонӣ бори дигар ин ҳақиқатро собит сохт, ки ҷаҳони муосир ниҳоят тағйирёбанда мебошад, Бинобар ин, Ҳукумати мамлакат барои нигоҳ доштани мавқеи устувор ва ҷиҳати таъмини рақобатпазирии иқтисодиёти кишвар ва бартараф намудани осебпазирии он, механизму фишангҳои самаранокро, ки иқтисодиёти кишварро аз таъсири омилҳои ҳассоси беруна эмин медоранд, роҳандозӣ намудааст ва новобаста аз ҳолати ноустувори иқтисодиёти ҷаҳони муосир ва заиф гардидани механизмҳои идоракунӣ дар бозори ҷаҳонӣ ва низоми молиявии он, суботи иқтисодиро дар кишвар таъмин намуда, ҷиҳати беҳдошти зиндагии мардуми кишвар, афзоиши табақаи миёнаи аҳолӣ ва рушди соҳибкорӣ шароити боз ҳам мусоидро фароҳам сохтааст.

Имрӯз Тоҷикистон бо ибтикору дастгириҳо ва заҳматҳои доимии Пешвои муаззами миллат ва бо саҳмгузории пайвастаи сокинони шарафманди мамлакат ба кишвари воқеии сайёҳиву фароғат табдил ёфтааст. Дар оянда низ бо истифода аз мактаби созандагии Ҷаноби Олӣ, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон бо дарназардошти ҳифзи ёдгориҳои бою ғании таърихию фарҳангӣ, мавзеъҳои нодири табиӣ, имкониятҳои васеи рушди сайёҳӣ, варзиш ва кӯҳнавардӣ ва дигар сарватҳое, ки хоси сарзамини мост, бо ҷалби бештари сармоягузориҳои дохилию хориҷӣ роҳандозии имтиёзҳои махсуси андозию гумрукӣ ба рушди инфрасохтори нақлиётию логистикӣ ва сайёҳӣ, меҳмонхонаҳо, осоишгоҳҳо, маҷмааҳои сайёҳӣ, ташаккулёбӣ ва рушди истеҳсоли маҳсулоти ҳунарҳои дастӣ, соҳибкории саноатӣ ва сайёҳӣ дар деҳот ва дар ноҳияҳои дурдасти кишвар, ки дорои иқлим ва табиати беназир мебошанд, фароҳам оварда мешаванд.

Ҳамзамон, баҳри таъмини сиёсати давлатии сайёҳӣ ва то соли 2030 ҳамчун кишвари соҳаи сайёҳиаш устувор ва дар минтақаву сатҳи ҷаҳонӣ эътирофшуда гардидани ҶТ тадбирҳои зарурӣ амалӣ гардида, барои муаррифии имкониятҳои сайёҳӣ, ҷалби бештари сайёҳони хориҷӣ ба ҶТ, афзоиши саҳми

соҳаи сайёҳӣ дар маҷмӯи маҳсулоти дохилии мамлакат, таъмини шуғли пурмаҳсули аҳолӣ, баланд бардоштани сатҳи некуаҳволии мардум, тамоми неру ва имкониятҳои мавҷуда бояд истифода гарданд.

Бояд тазаккур дод, ки дар ҷумҳурӣ омодагиҳо ба ҷашни бузурги миллӣ 35-солагии истиқлолияти давлатии ҶТ босуръат идома доранд ва барои сазовор истиқбол гирифтани ин санади таърихӣ имрӯзҳо дар саросари кишвар корҳои созандагию ободонӣ, ба ободу зебо гардидани ватанамон нигаронида шудаанд. Бино ба иттилои Пешвои муаззами миллат дар доираи нақшаи ба истиқболи ин ҷашни бузурги миллӣ тасдиқгардида, дар шаҳру ноҳияҳои кишвар беш аз 25 ҳазор иншооти иҷтимоиву истеҳсолӣ ва сайёҳӣ мавриди истифода қарор дода мешаванд. Ва дар ин радиф, ҳамаи чорабиниву тадбирҳои судманде, ки Ҳукумати мамлакат бо сарварии Пешвои муаззами миллат амалӣ намуда истодааст, баҳри шукуфоии Тоҷикистон равона гардидааст.

Воқеан ҳам, ҳар як Паёми Президенти мамлакат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон муждаи умедбахшу амалишавии ҳадафҳои олӣ, рушду нумӯъ, тараққиёту пешравӣ ва дастовардҳои беназири миллату давлат буда, ҳар як нуктаи дар он зикргардида баҳри таҳкими пояҳои давлати миллиамон, таъмини зиндагии шоистаи мардум ва баланд бардоштани обрӯю нуфузи Тоҷикистон дар арсаи байналмилалӣ равона шудааст.

**Адабиёт:**

1. Паёми Президенти ҶТ Эмомалӣ Раҳмон ба Маҷлиси Олии ҶТ аз 26 – уми декабри соли 2018 // Садои мардум, аз 6 – уми январи соли 2019.- С. 1.

2. Паёми Президенти ҶТ Эмомалӣ Раҳмон ба Маҷлиси Олии ҶТ аз 26 – уми январи соли 2021 // Садои мардум, аз 26 – уми январи соли 2021. – С. 2.

3. Фармони Президенти ҶТ аз 2 - юми январи соли 2019, № 1170 «Дар бораи «Солҳои рушди деҳот, сайёҳӣ ва ҳунарҳои мардумӣ» эълон намудани солҳои 2019-2021» // http://www.prezident.tj (Санаи муроҷиат: 27. 10. 2022с.).

4. Глобальный этический кодекс туризма / Одобрен на Генеральной ассамблее Всемирной туристической организации в Сантьяго (Чили) 1 октября 1999 г.

5. Стратегияи миллии рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030. – Душанбе, 2016.- С. 21 – 23.

6. Барномаи пешазинтихоботии номзад ба мансаби Президенти ҶТ Эмомалӣ Раҳмон аз ҷониби Ҳизби халқии демократии Тоҷикистон. – Душанбе, 2020. – С. 3.

**Муртазозода Ҷ. С.**

**Фишурда**

**Рушди соҳаи сайёҳӣ ва ташаббусҳои бунёдии Пешвои миллат дар даврони истиқлолият**

Дар мақолаи мазкур Паёми Президенти ҶТ ба Маҷлиси Олӣ ҳамчун падидаи ҳуқуқӣ (махсусан Паём аз 26 - уми январи соли 2021) таҳлил карда шуда, дар соли ҷамъбасти 2019 – 2021–ум «Солҳои рушди деҳот, сайёҳӣ ва ҳунарҳои мардумӣ» эълон намудан, ҷамъбаст кардашуда, натиҷаҳои илмии

ҳуқуқӣ - иқтисодӣ зикр шудаанд. Хулоса карда мешавад, ки ҳар як Паёми Президенти мамлакат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон муждаи умедбахшу амалишавии ҳадафҳои олӣ, рушду нумӯъ, тараққиёту пешравӣ ва дастовардҳои беназири миллату давлат мебошанд.


**Муртазозода Дж.С.**

**Аннотация**

**Развитие туристической отрасли и принципиальные инициативы Лидера нации в эпоху независимости**

В данной статье анализируется Послание Президента РТ Маджлиси Оли как правовое явление (особенно Послание от 26 января 2021 года), подводятся итоги объявленных «Годами развития села, туризма и народных промыслов» 2019-2021 гг., а также обобщаются ее правовые и экономические результаты. Делается вывод о том, что каждое Послание Президента страны уважаемого Эмомали Рахмона является обнадеживающей вестью о реализации высоких целей, развитии, прогресса и уникальных достижениях нации и государства.

**Murtazozoda J.S.**

**The summery**

**Development of tourism industry and principal initiatives of the Leader of the Nation in the era of independence**

The article analyzes the Address of the President of the Republic of Tajikistan to the Majlisi Oli of the Republic of Tajikistan as a legal phenomenon (especially the Address dated of January 26, 2021), sums up the results of the 2019-2021 declared “Years of Rural Development, Tourism and Folk Crafts”, and summarizes the legal and economic scientific results. It is concluded that each address of the President of the country respected Emomali Rahmon is encouraging news about the implementation of high goals, development, progress and unique achievements of the nation and state.


**Муқарризи мақола Раҷабзода М.Н. – номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ, дотсент**

**Фозилов М. М.***

## ПОНЯТИЕ КОЛЛИЗИИ ПРАВОВЫХ АКТОВ И СПОСОБЫ ИХ РАЗРЕШЕНИЯ

**Калидвожаҳо:** ихтилофот, ихтилофоти ҳуқуқӣ, ихтилофоти байни санадҳои ҳуқуқӣ, сабабҳои пайдоиши ихтилофот, тарзи ҳалли ихтилофоти санадҳои ҳуқуқӣ, қонунгузорӣ, ҳуқуқи гражданӣ, доктрина, модели танзими ҳуқуқӣ, назарияи ҳуқуқи байналмилалии хусусӣ, юрисдиксия, батанзимдарорӣ,

*Научный сотрудник Отдела теоретических проблем современного государства и права Института философии, политологии и права имени А. Баховаддинова Национальной академии наук Таджикистана.Emal: mekhrob.fozilov@inbox.ru

низоми англо – америкоӣ, низоми романию – олмонӣ, пайвасткунӣ, ҳуқуқи татбиқшаванда, назарияи ҳуқуқи коллизионӣ

**Ключевые слова:** коллизия, юридическая коллизия, коллизии правовых актов, способы разрешения коллизии правовых актов, законодательство, гражданское право, доктрина, модель правового регулирования, теория международного частного права, юрисдикция, урегулирования, англо – американская система права, романо – германская система права, привязка, применимое право, теория коллизионого права

**Keywords:** collision, legal collision, collision of legal acts, methods of resolving collision of legal acts, legislation, civil law, doctrine, model of legal regulation, theory of private international law, jurisdiction, settlement, anglo–American system of law, Romano –Germanic system of law, binding, applicable law, theory of collision, of law

Классические теории коллизионного права были территориально ориентированы. Немецкий юрист и ученый-правовед Фридрих Карл фон Савиньи (1779–1861гг.) стремился определить право, где «в соответствии с его природой» находится правовая проблема или правоотношение.

Англо-американское право также стремилось к территориально применимому праву, потому что, по мнению американского ученого-правоведа Джозефа Била (1861–1943гг.), чьи мысли сформировали большую часть американских коллизионных норм теории в первой половине 20-го века, именно там права и обязанности сторон «закреплены» в правоотношения. Эта доктрина неотъемлемых прав утверждала, что, как только право было создано в одном месте, его существование должно быть признано повсюду. Классические теории коллизионного права использовали ряд связующих факторов для определения территориально применимого права. В вопросах семейного права англо-американское право использовало домицилий сторон (в узком смысле).

В тех странах где, напротив, национальность лица до недавнего времени была самым важным связующим фактором. Однако, из-за влияния Гаагской конференции по международному частному праву, в настоящее время чаще делается ссылка на право «обычного места жительства» лица (как и в праве юрисдикции).

Как отмечалось выше, случаи коллизионного права возникают из-за различий между правовыми системами. Заметные различия существуют, например, между странами с традициями общего права и странами, использующими гражданское право. В договорном праве, например, гражданское право не имеет прямого аналога требованию общего права о том, что обещание должно быть подкреплено «встречным рассмотрением». Точно так же системы различаются в отношении формальностей, которые могут потребоваться для заключения контракта (например, письменная форма).

Даже в пределах широких групп общего права и гражданского права, национальные правовые системы расходятся, иногда существенно. Таким образом, английское материальное право часто существенно отличается от американского права, хотя две страны общего права имеют общие традиции и базовую методологию. Точно так же страны гражданского права во многих

отношениях различаются по решениям, которые они предлагают для конкретных правовых проблем, в зависимости от того, принадлежат ли они к скандинавской, германской или римско-франкской правовой семье. В немецком праве, например, Коммерческий кодекс предписывает субъективный подход к определению коммерсанта: это зависит от лица, цели и способа его действий.

Во французском Торговом кодексе используется объективный подход: именно конкретная сделка определяет, какая сторона сделки является продавцом.

В старом шведском законе основное внимание уделялось определению торговца. В более новых законодательных нормах используются более всеобъемлющие понятия лиц, занимающихся торговлей. Различия касаются также вопроса о том, может ли добросовестный покупатель приобрести право собственности на украденные товары. Правовые системы некоторых стран (например, Италии и многих стран бывшего советского блока) разрешают это, в то время, как правовые системы других стран (например, Германии и Португалии) не допускают этого.

Другие различия правовых и внеправовых (вненациональных) норм также могут порождать проблемы коллизионного права. Описанные выше ситуации обычно предполагают унитарные правовые системы, которые могут существовать в странах с унитарной политической структурой (например, во Франции) и в странах, организованных как федерации (например, в Германии). Однако, в некоторых федеративных странах нет единого федерального частного права.

В США частное право - это, в основном, право нескольких штатов США. Таким образом, американское коллизионное право является как межрегиональным (межгосударственным), так и международным, при этом материальное и коллизионное право Иллинойса, например, отличается от права Нью-Йорка, Луизианы или Индианы.

Точно так же в Канаде закон Квебека отличается от закона Онтарио или Ньюфаундленда, а в Мексике закон Чиуауа не совсем такой же, как закон Техаса. В Германии и Швейцарии системы частного права в общем и целом единообразны, но между законами различных земель Германии и между законами швейцарских кантонов все еще существуют незначительные различия. Кроме того, воссоединение Германии в 1990 г., оставило в силе некоторые восточно - германские законы на переходный период. Примером последнего является право супружеских пар, проживающих в бывшей Восточной Германии, выбрать в течение двух лет с даты воссоединения дальнейшее применение восточно - германского закона о супружеской собственности.

В последнее время в отечественной науке отмечается значительное повышение интереса к вопросам юридических коллизий в целом и коллизий пра-

вовых актов в частности.[1] Не сложилось единого подхода к решению таких вопросов, как классификация способов разрешения коллизий правовых актов, отсутствует четкое представление о правовой природе и взаимодействии способов устранения и преодоления указанных коллизий в отечественной системе законодательства.

Изучение противоречий в праве в настоящее время является первостепенной задачей юридической науки. Современное развитие правовой системы предполагает более полное исследование противоречий в праве и правовых коллизий в частности. Это исследование не должно ограничиваться лишь теорией.

По нашему мнению, необходимым условием разрешения и преодоления коллизий актов, а также создания эффективного режима их предотвращения является научное уяснение причин порождающих указанные явления в правовой сфере.

При этом необходимо помнить, что коллизии правовых предписаний неразрывно связанны с иными противоречиями, возникающими в правовой системе, поэтому анализ правовых коллизий нельзя свести лишь к технико-законодательным изъянам. Как справедливо отмечает Ю. А. Тихомиров: «юридическая коллизия выступает как свидетельство естественных противоречий, нормального развития и функционирования государственно-правовых институтов».[1] Следовательно, возник-новение коллизий и в системе права не следует понимать как нечто противоестественное. Недостаточная эффективность существующих способов устранения коллизий нормы индивидуально-правовых предписаний, многочисленные случаи перерастания их в конфликты, непосредственно обусловлена научным подходом к коллизиям, как к явлениям, носящим временный, технико-законодательный характер, без анализа социальных противоречий в праве, служащими предпосылками возникновения нормативных противоречий или расхождений в праве (коллизий). Такое понимание юридических коллизий связанно с догматическим подходом к праву, который не способствовал «...более широкому его пониманию, в том числе и как инструмента обращения с социальными психологическими конфликтами».[2]

---

[1]Подробно см.: Бободжонзода И.Х., Анушервонни Исрофил. Правовая система Республики Таджикистан в годы государственной независимости.// Правовая жизнь.- Душанбе, ТНУ, 2019, №3 (27).- С. 21-39; Бободжонзода И.Х. Понятие публичного порядка в правовой системе Республики Таджикистан.// Национальная правовая система Республики Таджикистан и стран СНГ: анализ тенденций и перспектив развития.VII межд. научно-практ. конф., посвященная 25-летие Конституции Республики Таджикистан (Душанбе, 31 октября 2019г.)./ Ежегодный сборник докладов.- Душанбе, 2019.- С. 236-245; Нематов А.Р. Закон Республики Таджикистан “О нормативных правовых актах”: прошлое, настоящее и будущее. // Государство и право, 2009, № 10, С. 60–64; Тагаева С.Н. Правовое регулирование брачных отношений в международном частном праве: дисс. канд. юрид. наук. - Бишкек, 2007. - 151с. и др.

[1]Тихомиров Ю.А. Юридические коллизии и конфликты// Теория государства и права// Под. ред. В.К. Бабаева.- М., 1999.- С.470.

[2]Кудрявцев В.Н. Казимирчук В.П. Современная социология права.- М., 1995.- С.214.

Такой подход к праву, безусловно, затруднял совершенствование права и его претворение в жизнь. Как справедливо отмечал Р. Паунд ... «юридические монахи», которые проводят свою жизнь в атмосфере чистого права, безжизненной и лишенной живого человеческого слова, не могут сформулировать практические принципы, применяемые в беспрестанно меняющемся мире из плоти и крови. Наиболее логичные и блестяще обоснованные нормы могут уничтожить право при практическом применении, так как неприспособленны к среде, в которой они должны проводиться в жизнь».[1]

Способы решения и устранения правовых споров, по сути представляют собой процедуру разрешения правовых споров. Эти способы выражаются в следующем: принятие нового нормативного правового акта; отмена действующего или утратившего силу нормативного правового акта; вносить изменения в нормативный правовой акт; юридическое толкование; разработка и модернизация законодательства; гармонизация законодательных актов; конституционное правосудие; судебная и административная практика; соблюдение требований международных правовых актов.

В соответствие с ч. 1 ст. 10 Конституции Республики Таджикистан (РТ): «Конституция Таджикистана имеет высшую юридическую силу, его нормы имеют прямое действие. Законы и другие нормативно - правовые акты, противоречащие Конституции, не имеют юридической силы».[4]

Раскрывая причины возникновения коллизий правовых предписаний, следует обратить особое внимание на правопонимание граждан, которое без сомнения, является главной субъективной первопричиной возникновения правовых коллизий и иных противоречий в сфере права. Правовые взгляды, правовая идеология, уровень правосознания, будучи часто и весьма различными, влекут за собой расхождения в правотворчестве и в правоприменении. Поэтому, одно из главных объяснений коллизий актов, споров и конфликтов лежит в плоскости правопонимания. Нельзя лишь по противоречивости актов, сочетанию или противостоянию компетенций органов, по фактическим юридическим действиям оценивать коллизии в праве. В отношении граждан к праву, к закону кроются первопричины правовых коллизий. Расхождения в правопонимании в отечественной правовой литературе как правило делят на две группы. Одна, включает развитие теоретических взглядов, научно-правовых концепций и интерпретаций правовых взглядов и явлений, другая характеризуется уровнем обыденного правового сознания. Причём расхождения могут наблюдаться как в рамках общепринятых концепций, так и новых различных подходов.

Как известно у людей всегда существовали потребности, самые различные, начиная от потребности в защите и безопасности и заканчивая потребностями в самореализации. Все эти потребности, так или иначе, были и до сих пор отражены в праве. И если, по несчастливому стечению обстоятельств, система

---

[1]Цит. по: Цвайгерт К., Кётц Х. Введение в сравнительное правоведение в сфере частного права. Т.1.- С.368-369.

[4]Конституция РТ от 6 ноября 1994г., с изм. и доп.1999г., 2003г., 2016г. [Электроный ресурс] // http://www.mmk.tj/ru/ (Дата обращения: 08.02.2021г.).

права устарела и была несвоевременно не обновлена, в нее не были во время внесены изменения или коррективы, которые бы соответствовали настоящим потребностям людей, то в случае внесения данных изменений, корректив, с большой степенью вероятности, в измененной системе права возникнут коллизии.[1] Это объясняется тем, что нормы права, так же как и некоторые модели поведения, одного времени не применимы к другому.

В соответствие со ст. 83 Закона РТ «О нормативных правовых актах» (2017г.), законы РТ должны соответствовать Конституции РТ, другие нормативные правовые акты - Конституции РТ и законам РТ и должны приниматься правотворческим субъектом в пределах компетенции, определенной законодательством РТ, с соблюдением правил разработки и принятия нормативных правовых актов.

В случае противоречия нормам законов совместных постановлений Маджлиси милли и Маджлиси намояндагон Маджлиси Оли РТ, постановлений Маджлиси милли Маджлиси Оли РТ, постановлений Маджлиси намояндагон Маджлиси Оли РТ, Указов Президента РТ, постановлений Правительства РТ, нормативных правовых актов министерств, государственных комитетов, органов при Президенте РТ и органов при Правительстве РТ, Национального банка Таджикистана, Агентства по ядерной и радиационной безопасности Академии наук РТ, местных органов государственной власти, органов самоуправления поселков и сел, действуют нормы закона.[2]

Потребности сегодняшней реальности настоятельно требуют приведения действующего законодательства в стройную, взаимосогласованную систему, которая наиболее полно и всесторонне охватывала бы правовым регулированием многообразные сферы общественных отношений, интересы субъектов здравоохранительных правоотношений, возможные коллизии и пути их устранения.

Коллизии между нормативными правовыми актами устраняются путем: приведения в соответствие нормативных правовых актов между собой в процессе разработки проекта нормативных правовых актов; внесения изменений и дополнений в действующие нормативные правовые акты; прекращения действия нормативных правовых актов или приостановления их действия; принятия нового нормативного правового акта; официального толкования нормативного правового акта; приведения в соответствие внутригосударственных нормативных правовых актов (за исключением Конституции РТ) международным правовым актам, признанным Таджикистаном.

Обобщая все сказанное по данному вопросу, можно сделать вывод, что коллизии возникают либо по вине людей, либо по иным обстоятельств. Следовательно, на наш взгляд, коллизии, возникающие под влиянием иных факто-

---

[1]http://lawtheses.com/kollizii-pravovyh-aktov-i-mehanizm-ih-razresheniya#ixzz78fgb3U1J(Дата обращения: 08.10.2021г.).

[2]Закон РТ «О нормативных правовых актах» от 30 мая 2017г. (в редакции закона РТ 19.07.2019 г. №1632) Режим доступа: https://andoz.tj/ (Дата обращения: 14.04.2021г.).

ров, следует рассматривать как закономерность, непременно возникающую после обновления системы ценностей и ориентиров в обществе.

Чтобы в процессе развития общества не возникали коллизии или другие не менее серьёзные проблемы, на наш взгляд, следует развивать эффективный правотворческий аппарат и согласованную и слаженную систему права. Суть нашего предложения в следующем. Эффективный правотворческий аппарат застрахует систему права от объективно возникших коллизий путем своевременной адаптации права к ценностям современного общества, а слаженная система права не позволит возникать субъективным коллизиям, которые возникают из-за людских ошибок. Можно наладить систему так, чтобы издаваемые нормативно-правовые акты проходили жесткую проверку на возникновение коллизий. Учитывая современные технологии, можно проделывать данную операцию многократно, не затрачивая большого количества ресурсов и труда.

В связи с этим, на наш взгляд для создания реально действующего механизма преодоления коллизий необходимо принятие Закона РТ «О коллизии правовых норм», который бы закрепил законодательно процедуры преодоления разногласий и споров.

**Литература:**

1. Бободжонзода И.Х., Анушервонни Исрофил. Правовая система Республики Таджикистан в годы государственной независимости.// Правовая жизнь.- Душанбе, ТНУ, 2019, №3 (27).- С. 21-39.

2. Бободжонзода И.Х. Понятие публичного порядка в правовой системе Республики Таджикистан.// Национальная правовая система Республики Таджикистан и стран СНГ: анализ тенденций и перспектив развития.VII межд. научно-практ. конф., посвященная 25-летие Конституции Республики Таджикистан (Душанбе, 31 октября 2019г.)./ Ежегодный сборник докладов.- Душанбе, 2019.- С. 236-245.

3. Нематов А.Р. Закон Республики Таджикистан “О нормативных правовых актах”: прошлое, настоящее и будущее. // Государство и право, 2009, № 10.- С. 60 – 64.

4. Тагаева С.Н. Правовое регулирование брачных отношений в международном частном праве: дисс. канд. юрид. наук. - Бишкек, 2007. - 151с.

**Фозилов М.М.**

**Фишурда**

**Мафҳуми ихтилофоти санадҳои ҳуқуқӣ, сабабҳои пайдоиш ва тарзҳои ҳалли онҳо**

Дар мақола масъалаи ҳалли ихтилофотҳои санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ ҳамчун як намуди коллизияҳои ҳуқуқӣ дар илми ватанӣ ҳамчун вазифаи аввалиндараҷаи илми ҳуқуқшиносӣ баррасӣ карда шудааст. Ба ақидаи муаллиф, шарти зарурии ҳал ва рафъи ихтилофоти санадҳои меъери ҳуқуқӣ, инчунин фароҳам овардани онҳо, дарки илмии сабабҳое, ки боиси ба вуҷуд омадани ин падидаҳо дар соҳаи ҳуқуқӣ ва мураттабсозии принсипҳои умумии

муносибатҳои ҳуқуқӣ, дар ташаккули қонунгузорӣ ва ҳуқуқтатбиқкунӣ мебошад, баён гардидааст. Ақидаи муаллиф дар бораи таъсиси механизми воқеии амалкунандаи рафъи бархурдҳо асоснок карда шуда, зарурати қабули Қонуни ҶТ «Дар бораи ҳуқуқи ихтилофот» қабул карда шавад, ки тартиби рафъи ихтилофот ва баҳсҳоро танзим намояд.

**Фозилов М.М.**

**Аннотация**

**Понятие коллизии правовых актов, причины возникновения и способы их разрешения**

В статье исследуется проблемы разрешения коллизий правовых актов, как вида юридических коллизий в отечественной науке как первостепенной задачей юридической науки. По мнению автора, необходимым условием разрешения и преодоления коллизий актов, а также создания эффективного режима их предотвращения является научное уяснение причин порождающих указанные явления в правовой сфере и сформулировать общие принципы формирования законодательства и правотворчества. Обоснована авторская идея о создания реально действующего механизма преодоления коллизий путем принятие закона РТ «О коллизионном праве», который бы закрепил законодательно процедуры преодоления разногласий и споров.

**Fozilov M.M.**

**The summary**

**The concept of conflicts of legal acts, causes and ways to resolve them**

The article examines the problem of resolving collisions of legal acts as a type of legal collisions in domestic science as the primary task of legal science. According to the author, a necessary condition for resolving and overcoming conflicts of acts, as well as creating an effective regime for their prevention, is a scientific understanding of the causes that give rise to these phenomena in the legal sphere and formulate general principles for the formation of legislation and lawmaking. The author's idea of creating a really operating mechanism for overcoming conflicts has been substantiated. It is necessary to adopt the RRT "On Conflict Law", which would legislatively consolidate the procedures for overcoming disagreements and disputes.

**Рецензент статьи Золотухин А.В. – доктор юридических наук, профессор**

**Азиззода У.А.,* Шодизода Н. М.***

## ПРИНСИПҲОИ УМУМӢ – ҲУҚУҚИИ ҶАЗОИ ҶИНОЯТӢ ҲАМЧУН НАМУДИ ҶАВОБГАРИИ ҲУҚУҚӢ

**Калидвожаҳо:** принсипи ҳуқуқӣ, ҷавобгарии ҳуқуқӣ, ҷазо, намудҳои ҷавобгарии ҳуқуқӣ, ҷавобгарии мусбӣ, ҷавобгарии манфӣ, ҷазои ҷиноятӣ, функсияи ҷазо, мақсади ҷазо, принсипи қонуният, адолат, инсондӯстӣ, чораҳои ҳуқуқӣ, ҷавобгарии маъмурӣ, ҷавобгарии моддӣ, ҷавобгарии интизомӣ, субъектони ҷавобгарии ҳуқуқӣ, уҳдадории ҳуқуқӣ, ҳуқуқи

субъективӣ, маҷбурсозии давлатӣ, маҳдудсозии ҳуқуқӣ, ҳуқуқи инсон, манфиатҳои шахс, асоснокии ҷавобгарии ҳуқуқӣ, ногузирии ҷавобгарии ҳуқуқӣ, эҳтимолияти бегуноҳӣ, принсипи ногузирии ҷавобгарии ҳуқуқӣ

**Ключевые слова:** юридический принцип, юридическая ответственность, наказания, виды юридической ответственности, позитивная ответственность, личная ответственность, негативная ответственность, уголовное наказание, функции наказания, цель наказания, прицип законности, справедливость, гуманизм, юридические меры, административная ответственность, имущественная ответственность, дисциплинарная ответственность, субъекты юридической ответственности, юридические обязанности, правосубъектность, государственное принуждение, ограничение право, право человека, интересы личности, обоснованности юридической ответственности, презумция невиновности, неизбежности юридической ответственности

**Keywords:** legal principle, legal responsibility, punishments, types of legal responsibility, positive responsibility, personal responsibility, negative responsibility, criminal punishment, functions of punishment, purpose of punishment, principle of legality, justice, humanism, legal measures, administrative responsibility, property responsibility, disciplinary responsibility, subjects of legal responsibility, legal obligations, legal personality, state coercion, restriction of law, human rights, interests of the individual, validity of legal responsibility, presumption of innocence, inevitability of legal responsibility

Таҳқиқу омӯзиши масъалаҳои алоқаманд ба татбиқу амалисозии принсипҳои муайяни ҳуқуқӣ ҳангоми ба ҷавобгарии мухталифи ҳуқуқӣ ҷалбшудани шахсони ҳуқуқвайронкунанда аҳамияти муҳим ва назарраси назариявӣ ва амалӣ доранд. Институти ҷавобгарии ҳуқуқӣ дар илми назарияи давлат ва ҳуқуқ, яке аз ҷойҳои муҳимро ишғол менамояд, зеро низоми танзими муносибатҳо дар ҷомеа ва давлат, дар занҷираи умумии ҳуқуқӣ ҳалқаи муҳим арзёбӣ мегардад. Илми муосир ба масъалаи таҳқиқу баррасии принсипҳои ҷавобгарии ҳуқуқӣ таваҷҷуҳи ҷиддӣ зоҳир намуда,[1] аз ҳадди кофӣ мавриди омӯзиш қарор гирифтани мавзӯи мавриди назар дарак медиҳад. Татбиқ ва амалисозии принсипҳои ҷавобгарии ҳуқуқӣ дар ҷараёни фаъолияти ҳуқуқтатбиқсозӣ яке аз шартҳои зарурии таъмини ҳуқуқу озодиҳои шахс ва

---

∗Мудири кафедраи назария ва таърихи давлат ва ҳуқуқи факултети ҳуқуқшиносии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, профессор
∗Унвонҷуи соли дуюми Маркази миллии қонунгузории назди Президенти ҶТ

[1] Алиев А.У. Принципы юридической ответственности и проблемы их реализации: дис.…канд. юрид. наук. – Махачкала, 2005; Вантеева Н.В. Принципы юридической ответственности: структурно-функциональный анализ: дис. … канд. юрид. наук. – Ярославль, 2005; Иванов А.А. Принцип законности юридической ответственности: дис. … канд. юрид. наук. – Тольятти, 2010; Мироненко М.Б. Принципы юридической ответственности в системе принципов права :дис. … канд. юрид. наук. – Саратов, 2001; Шавалеев М.В. Эффективность принципа неотвратимости юридической ответственности: дис. … канд. юрид. наук. – Тольятти, 2010.

шаҳрванд ба ҳисоб меравад, ки ҳамзамон асосу заминаи муҳиму калидии эъмори давлати ҳуқуқбунёдро фароҳам меорад.

Дар Паёми Президент ба Маҷлиси Олии ҶТ муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон аз санаи 20-уми апрели соли 2012 доир ба риоя ва волоияти қонун, тартиботи ҷамъиятӣ ва масъулияти баланди иҷтимоии шахсони мансабдор чунин таъкид мегардад: “Ташаккул ва такомули ҳақиқии инсон, раванди пайгир ва огоҳонаи рушди маънавӣ ва ахлоқии ӯ дар робита ба такмили мазмуни инсонгароии низоми иҷтимоист... Бинобар ин, зарур аст, ки дар зеҳн ва шуури афроди ҷомеа сатҳи мувофиқ ва муассири масъулияти иҷтимоӣ тарбия карда шавад, то ҳар фард дар назди Ватан ва сарнавишти он, ҳифзи арзишҳои милливу фарҳангӣ масъулияти хоса эҳсос намуда, барои иҷрои қарзи фарзандии худ ҳамеша омода бошад.”[1] Дар ин асос метавон таъкид намуд, ки масъалаи вобаста ба таҳлил ва тавсифи назариявии принсипҳои ҷавобгарии ҳуқуқӣ мубрам боқӣ мемонад.

Маънои истилоҳи “принсип” ҳамчун “ҳолати асосӣ ва ибтидоии ҳар гуна назария, таълимот, илм ва ғайраро ифода менамояд.”[2] Ба андешаи З.Х.Зокирзода принсипи ҳуқуқ гуфта ақидаҳо, арзишҳо, асосҳои пешбарандаи ҳуқуқро меноманд, ки фарогири ақидаҳои баробарӣ, озодӣ ва адолат мебошанд, ки дар ниҳоят моҳияти ҳуқуқро инъикос менамояд.[3] Мафҳуми фалсафии принсип аз нигоҳи маънои субъективӣ “нуктаи асосӣ ва замина мебошад; аз нигоҳи объективӣ он маънои мабдаъ, шурӯъ, нахустин ва асли асосро мефаҳмонад.”[4]

В. А. Канке зимни муқоисаи муҳимтарин истилоҳҳои фалсафӣ, аз ҷумла, “назария”, “қонун” ва “принсип” қайд менамояд, ки “назария ин маҷмӯи муқаррароти умумӣ, қонун – робитаи байни воқеъиятҳо ва нукоти умумӣ ва қонунҳои асосӣ бошанд, принсипҳо” мебошанд.[5]

Дар адабиёти ҳуқуқӣ таърифҳои гуногун дар робита ба мафҳуми ҷавобгарии ҳуқуқӣ ва гуногунандешӣ нисбат ба тавсифи номгӯи принсипҳои ҷавобгарии ҳуқуқӣ ба назар мерасанд. А.Ф. Черданцев ёддовар мешавад, ки принсипҳои ҷавобгарии ҳуқуқӣ идеяҳои бунёдие мебошанд, ки онҳо бояд ҳангоми ба зиммаи кас гузоштани ҷавобгарии ҳуқуқӣ риоя карда шаванд. Аз назари ин муаллиф, онҳо иборатанд аз: принсипи қонуният, принсипи баробарӣ дар назди қонун, принсипи мувофиқи мақсад ва салоҳ будан, адолат,

---

[1]Паёми Президент ба Маҷлиси Олии ҶТ муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон аз санаи 20-уми апрели соли 2012.// www. president.tj

[2]Ожегов С.И. Словарь русского языка // Под ред. чл.-кор. АН СССР Н. Ю. Шведовой / 20-еизд. – М.: Русский язык, 1988.- С. 452.

[3] Зокирзода З.Х. Назарияи давлат ва ҳуқуқ. Воситаи таълимӣ. – Душанбе: Ашуриён, 2021. – С. 15.

[4] Философский энциклопедический словарь. – М.: Инфра-М, 2003.- С. 231.

[5]Канке В.А. Основы философии: учебник для студентов средних специальных учебных заведений. – М.: Логос, 2014. – С. 45.

роҳ надодан ба истифодаи ҷавобгарии дугона, принсипи ногузирии ҷавобгарӣ.[1]

Ба андешаи Р.Ш. Сотиволдиев ҷавобгарии ҳуқуқӣ ба принсипҳои зерин такя мекунад: қонуният, асоснокии ҷавобгарии ҳуқуқӣ, ногузирии ҷавобгарии ҳуқуқӣ, адолат, инсондӯстӣ, эҳтимолияти бегуноҳӣ.[2] М.Н. Марченко ба номгӯи принсипҳои ҷавобгарии ҳуқуқӣ қонунӣ будан, асоснокии ҷавобгарии ҳуқуқӣ, адолат, баргашнопазирии қонун, муносиб будан ва роҳ надодан ба ҷавобгарии дугона барои содир намудани як маврид ҳуқуқвайронкунӣ ва қонуншиканиро дохил менамояд.[3] Бар асоси таърифе, ки В.С. Нерсесянс матраҳ менамояд, принсипҳои ҷавобгарии ҳуқуқӣ асосҳои ибтидоӣ, тақозову талабот, мафҳум ва мақсадҳои онро баён месозанд. Қонуният, асоснокӣ, доштани салоҳияти ҳуқуқӣ, баргаштнопазирӣ, саривақтӣ будан, роҳ надодан ба ҷавобгарии дугона барои содир намудани як қонуншиканӣ ва адолатро муаллифи мазкур қисми ҷудонопазири принсипҳои асосии ҷавобгарии ҳуқуқӣ арзёбӣ намудааст.[4] Н.И.Матузов ба низоми принсипҳои ҷавобгарии ҳуқуқӣ принсипҳои зеринро ворид менамояд: қонуният, асоснокӣ, баргаштнопазирӣ, адолат, гуманизм, эҳтимолияти бегуноҳӣ.[5] С. А. Комаров чунин меандешад, ки қонуният, ногузирии ҷавобгарӣ, адолат, гуманизм, баргаштнопазирӣ, ҷавобгарии фардӣ принсипҳои ҷавобгарии ҳуқуқӣ ба ҳисоб меравад.[6]

Аз нигоҳи мо принсипҳои ҷавобгарии ҳуқуқӣ ғояҳои асосӣ, ибтидо, самтҳои мушаххас ба ҳисоб меравнд, ки ҳангоми татбиқи ҷавобгарии ҳуқуқӣ нисбати шахси ҳуқуқвайронкунанда ба инобат гирифта мешаванд. Ба сифати принсипҳои асосии ҷавобгарии ҳуқуқӣ метавон асосҳои воқеӣ ва ғояҳои зеринро номбар намуд: қонуният, адолат, баргаштнопазирӣ, саривақтӣ будан, муносиб будан, асоснокӣ, инсондӯстӣ, ногузирии ҷавобгарии ҳуқуқӣ, эҳтимолияти бегуноҳӣ ва ғайра.[7]

---

[1]Черданцев А.Ф. Теория государства и права: учебник для вузов. – М.: Юрайт, 1999.- С. 56.

[2]Сотиволдиев Р.Ш. Назарияи давлат ва ҳуқуқ. Китоби дарсӣ барои муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ. – Душанбе: Сино, 2018. – С. 690.

[3] Марченко М.Н. Теория государства и права: учебник / 2-е изд., перераб. и доп. – М.:Проспект, 2014.- С. 65.

[4]Нерсесянц В.С. Общая теория права и государства: учебник. – М.: Норма: Инфра-М., 2014.- С. 21.

[5]Матузов Н.И., Малько А.В. Теория государства и права: учебник / 4-е изд., испр. и доп.– М.: Изд.-во дом «Дело», РАНХиГС, 2013.- С. 45.

[6]Комаров С. А. Общая теория государства и права: учебник, 6-е изд. дополн. – СПб.:Изд.-во Юридического института (Санкт-Петербург), 2001.- С. 43.

[7]Бялт В. С. Понятие и принципы юридической ответственности // Современное состояние и перспективы развития российского и международного законодательства: сборник статей между. научно-практ. конф. (10 февраля 2016 г., г. Уфа). – Уфа: АЭТЕРНА, 2016.- С. 75.

Принсипи қонуният, пеш аз ҳама дар он ифода меёбад, ки ҳангоми вогузории ҷавобгарии ҳуқуқӣ, бояд ба таври дақиқ асосҳои қонунии он муайян гардида, муқаррароти воқеии ба танзим даровардашудаи ҷавобгарии ҳуқуқӣ мушаххас карда шавад. Ш.М. Исмоилов ва Р.Ш. Сотиволдиев чунин таъкид менамоянд: "Принсипи қонуният маънои онро дорад, ки чавобгарии ҳуқуқиро танҳо мақомоти босалоҳият бо тартиби муқарраршуда татбиқ мекунад."[1] Асосҳои ҷавобгарии ҳуқуқиро далели воқеӣ, яъне қонуншикании мушаххасе, ки маҷмӯи аломатҳои муайяни ташкилдиҳандаи таркиби қонуншиканӣ вижагии хоси он аст, ташкил медиҳад ва ба он бояд унсурҳои зерин дохил гарданд: меъёри ҳуқуқ, субъекти ҳуқуқ будани шахс ва санади татбиқи ҳуқуқ. Барои мисол, барои ба ҷавобгарии ҷиноятӣ ҷалб намудани шахс, бояд аввал муайян карда шавад, ки аз ҷониби шахс кирдори (ҳаракат ва беҳаракатии) муайяне содир шудааст, ки аз рӯи аломатҳои худ таркиб ё унсури ҷиноятро ташкил медиҳад. Баъдан, бояд меъёри мушаххаси қонуни ҷиноятиро, ки диспозитсаи он вайрон шуда буд, мушаххас намуд. Дар Кодекси ҷиноятии ҶТ номгӯи кирдорҳое муайян ва муқаррар шудаанд, ки ҳамчун ҷиноят арзёбӣ шудаанд ва ба ҷавобгарии ҷиноятӣ ҷалбшудани шахсони дахлдор дар сурате метавонад имконпазир бошад, ки шахс дар содир намудани ин ё он кирдори зикршуда гумонбар дониста шавад. Ғайр аз ин, шахси ба ҷавобгарии ҳуқуқӣ ҷалбшаванда қобилияти субъекти муносибатҳои ҳуқуқӣ гардиданро дошта бошад. Субъекти ҳуқуқ қарор гирифтан дорои ду унсури ташкилдиҳанда – қобилияти ҳуқуқӣ (қобилияти шахс барои ноқили ҳуқуқҳои субъективӣ ва уҳдадориҳои ҳуқуқӣ будан) ва мукаллафият (қобилияти амалии шахс барои татбиқи ҳуқуқҳои субъективӣ ва таҳаммул намудани ҷавобгарӣ барои содир намудани ҷиноят тавассути кирдори огоҳона) мебошад.

Ҳамин тариқ, барои ба ҷавобгарии ҷиноятӣ ҷалб намудани шахс бояд он ҳаддиақал мукаллаф эътироф гардида, ба синни муайян расида бошад. Дар ҳуқуқи ҷиноятӣ мувофиқи қоидаи умумӣ, барои ба ҷавобгарии ҷиноятӣ ҷалб намудани шахси воқеӣ ӯ бояд ба синни 16 солагӣ расида бошад. Вале дар баробари ин, барои содир намудани кирдорҳои муайяни ҷиноятӣ синну соли ба ҷавобгарии ҷиноятӣ ҷалб гардидани шахс метавонад 14 – сол ташкил диҳад.

Санади ҳуқуқтатбиққунӣ ба сифати яке аз унсурҳои ташкилдиҳандаи асоси ҳуқуқӣ барои ба ҷавобгарии ҷиноятӣ ҷалб намудани шахси воқеӣ дониста мешавад. Масалан, суд намуди мушаххаси ҷазоро аз низоми ҷазоҳои ҷиноятӣ, ки дар Кодекси ҷиноятӣ пешбинӣ шудааст муқаррар ва таъин менамояд. Тартиби ба ҷавобгарӣ ҷалб шудани шахси ҳуқуқвайронкунанда тавассути меъёрҳои Кодекси мурофиавии ҷиноятӣ муқаррар карда мешавад.

---

[1]Исмоилов Ш.М., Сотиволдиев Р.Ш. Назарияи давлат ва ҳуқуқ. Китоби дарсӣ барои донишҷӯёни соҳаи ҳуқуқ ва иқтисод. – Душанбе: Деваштич, 2008. – С. 269.

Ҳамин тариқ, бояд қайд намуд, ки принсипи қонуният ба навъе ҳамчун кафолати ҳуқуқӣ дар муқобили амалҳои ғайриқонунӣ дар самти ба ҷавобгарии ҳуқуқӣ ҷалб намудани шахс арзёбӣ мешавад.

Принсипи дигаре, ки ҳангоми таъин ва амалисозии ҷазо ва умуман ҷавобгарии ҳуқуқӣ бояд ба назар гирифта шавад принсипи адолат аст. Муҳаққиқони назарияи ҳуқуқ мазмуну муҳтавои принсипи адолатро ҳангоми ба ҷавобгарии ҳуқуқӣ ҷалб намудани шахси содирнамудаи ҳуқуқвайронкунӣ ба тартиби зерин ошкор намудаанд:

– намуд ва чораи ҷазо аз вазнинии ҳуқуқвайронкунӣ вобаста аст;

– ҷавобгарии ҳуқуқӣ ба ухдаи касе мебошад, ки ҳуқуқвайронкуниро содир менамояд;

– барои як ҳуқуқвайронкунӣ истифодаи як ҷазо мумкин аст;

– қонуне, ки ҷавобгарӣ пешбинӣ менамояд ва ё онро вазнин мегардонад, қувваи бозгашт надорад;

– агар зараре ки тавассути қонуншиканӣ расонида мешавад, характери бозгаштпазир дошта бошад, дар ин сурат ҷавобгарии ҳуқуқӣ бояд онро пурра созад.[1]

Муҳтавои принсипи адолат дар м. 8 Кодекси ҷиноятии ҶТ пешбинӣ гардидааст. Барои ба ҷавобгарии ҷиноятӣ ҷалб намудани шахсони гунаҳкор моддаи муайяни қонуни ҷиноятӣ бо дар назар гирифтани кирдори содиргардида, намуд ва андозаи ҷазои эҳтимолиро муайян месозанд. Барои намуна, ғоратгарӣ (қ. 1 м. 248 КҶ ҶТ), ошкоро тасарруф кардани молу мулки ғайр бо маҳрум сохтан аз озодӣ ба муҳлати аз панҷ то даҳ сол ҷазо дода мешавад ва ё “зоҳир гардидан дар кӯча, варзишгоҳ, боғи истироҳат, воситаҳои нақлиёти ҷамъиятӣ, дигар ҷойҳои ҷамъиятӣ дар ҳолати мастӣ боиси истифода шудани ҷаримаи маъмурӣ мегардад.” Дар ҳолати мазкур мутобиқати ҷазо бо таносуби вазнинии ҳуқуқвайронкунии содиргардида аз нигоҳи қонунгузор муқаррар шудааст. Барои мисол ба таври пурра ҷазо додани низомиёни як қисми ҳарбӣ барои содир гардидани ин ё он ҳуқуқвайронкунии мушаххас тавассути як низомии ҷудогона дағалона вайрон гардидани принсипи адолати судӣ ба ҳисоб меравад. Дар амал ин кор имконпазир мебошад, зеро фармондеҳон кӯшиши менамоянд дар чунин ҳолат зимни риоя накардани меъёрҳои ҳуқуқӣ, ки мувофиқи онҳо танбеҳ ё ҷазо додани тамоми ҳайати низомии қисми ҳарбӣ “ба ҷойи ҷазо додани шахсони муайяни гунаҳкор қатъиян манъ мебошад,” таъсири тарбиявии ҷазоро тақвият бахшанд.

Ба андешаи Ш.М. Исмоилов ва Р.Ш. Сотиволдиев принсипи адолат дар сурате риоя мешавад, ки агар қонуне, ки ҷазои шахсро вазнин мекунад, қувваи бозгашт надошта бошад, барои як ҷиноят шахс такроран (дубора) ҷазо набинад, мусодираи пурраи молу мулки маҳкумшуда, ки манъ шудааст, риоя

---

[1]Бялт В.С. Теория государства и права: краткий курс в вопросах и ответах: альбом схем.– СПб.: Лема, 2016.- С. 76.

шавад, ҳеҷ кас то эътибори қонунӣ пайдо кардани ҳукми суд гунаҳкор дониста нашавад.[1]

Маҳз риояи принсипи адолат такроран ба ҷавобгарӣ кашидани шахсро барои як кирдори содирнамуда ва қувваи бозгашти қонунеро, ки ҷавобгариро муқаррар ё вазнин мегардонад, манъ кардааст. Мутобиқи ин бояд зикр шавад, ки принсипи адолат дар санадҳои меъёрии ҳуқуқии мухталиф инъикоси худро ёфтааст ва он ба таври зич бо таърифи мазмуну муҳтаво ва мақсадҳои асосии ҷавобгарии ҳуқуқӣ алоқаманд мебошад.

Принсипи ногузирии ҷавобгарии ҳуқуқӣ пешбинӣ менамояд, ки тамоми ҳолатҳои ҳуқуқвайронкунӣ бояд ошкор гардида, нисбати онҳо ҷазо ё чораи дигари ҳуқуқӣ таъин карда шавад. Амалишавии принсипи мазкур ва умуман принсипҳои ҷавобгарии ҳуқуқӣ ба коҳиш ёфтани амалҳои ҳуқуқвайронкунӣ дар ҷомеа мусоидат мекунанд. Бисёре аз муҳаққиқон бар он назаранд, ки пурзур намудани ҷазо барои ҳуқуқвайронкунӣ наметавонад барои пешгирии он самаранок бошад. Танҳо дар сурате ба самаранокии ҷавобгарии ҳуқуқӣ метавон умедбаст, ки агар принсипи ногузирии ҷавобгарии ҳуқуқӣ пурра ва бечуну чаро риоя ва иҷро гардад. Аз ҷониби дигар он ба амалишавии функсияи тарбиявии ҷавобгарии ҳуқуқӣ таъсир мерасонад. Функсияи мазкур дар амали субъектони муносибатҳои ҳуқуқӣ ангезаи рафтори қонуниро ташаккул дода, онҳоро аз содирнамудани ҳуқуқвайронкунӣ бозмедорад. Принсипи мазкур пешбинӣ менамояд, ки агар барои содир намудани кирдор ҷавобгарии ҳуқуқӣ пешбинӣ шуда бошад, дар ин сурат ҳеҷ кас наметавонад бе далелу асоси қонунӣ аз ин ҷавобгарӣ озод гардад (мавқеъи ҷамъиятӣ, робитаҳои хешутаборӣ ва м.и.).

Ин ҳолатро м. 5 Кодекси ҷиноятии ҶТ (КҶ) дуруст пешбинӣ намудааст. Чунин ҳолатро ҳуқуқвайронкунии маъмурӣ низ пешбинӣ намуда, ба он масъулияти шахсони ҳуқуқиро низ илова намудааст, ки сарфи назар аз маҳаллу буду бош (сукунат), шаклҳои ташкилӣ-ҳуқуқӣ, тобеъият ва ҳамчунин дигар ҳолату шароит ба ҷавобгарии маъмурӣ ҷалб карда мешаванд.

Масъалаи дигар, ки ба самаранокии ҷавобгарии ҳуқуқӣ мусоидат менамояд, ин таъхирнопазир будани татбиқи ҷавобгарӣ мебошад. Бидуни таъхир, яъне саривақт аз он иборат аст, ки маъмулан истифодаи чораҳои ҷавобгарии ҳуқуқӣ дар кӯтоҳтарин муддат болотарин дараҷаи таъсиргузорӣ ва самаранокии худро пас аз содиршавии ҳуқуқвайронкунӣ нишон медиҳанд. Меъёрҳои қонунгузории амалкунандаи Тоҷикистон муҳлати мушаххаси ба ҷавобгарии ҳуқуқӣ ҷалб намудани шахсони ҳуқуқвайронкунандаро муайян намудааст. Масалан, нисбат ба кормандони мақомоти корҳои дохилӣ “ҷазои интизомӣ бояд на дертар баъд аз ду ҳафта пас аз рӯзи ба роҳбари мустақим (сардор) ва ё роҳбари ғайримустақим (сардор) расидани маълумот дар бораи содир шудани ҳуқуқвайронкунии интизомӣ аз сӯи корманди мақомоти корҳои

---

[1]Исмоилов Ш.М., Сотиволдиев Р.Ш. Асари ишорашуда. – С. 269.

дохилӣ ва дар сурати гузаронидани тафтишоти хизматӣ ё бозгардидани парвандаи ҷиноятӣ на дертар аз як моҳ пас аз тасдиқ шудани хулоса дар бораи натиҷаҳои тафтиши хизматӣ ё содир шудани қарори ниҳоӣ дар бораи парвандаи ҷиноятӣ татбиқ карда шавад. Ҷазои интизомӣ наметавонад баъд аз шаш моҳи содир шудани қонуншикании интизомӣ тавассути корманди мақомоти корҳои дохилӣ нисбат ба он татбиқ гардад.

Муқарраршудани муҳлатҳои мушаххас дар қонунгузорӣ барои ба ҷавобгарии ҳуқуқӣ кашидани шахс барои содир намудани кирдори зиддиҳуқуқӣ пас аз гузаштани муҳлати муқарраршуда, аҳаммияти худро аз даст медиҳад ва монеъ барои расидан ба мақсади ҷавобгарии ҳуқуқӣ мегарданд.[1]

Мувофиқи мақсад будан ба маънои мутобиқ будани чораҳои таъсиррасонӣ бо мақсади ҷавобгарии ҳуқуқие мебошад, ки нисбат ба шахси қонуншикан ба кор бурда мешаванд. Аз нигоҳи мафҳуми фалсафӣ мақсад - ин ба таври идеалӣ қонеъ будан ва ё қонеъ гардидан аз натиҷаҳои фаъолият ва роҳҳои амалисозии он бо истифода аз воситаҳои муайяни ҳуқуқӣ маҳсуб мешавад.[2] Ҳангоми ба ҷавобгарии ҳуқуқӣ ҷалб намудани шахс мақсади татбиқи ҷазоро барқарор намудани адолати иҷтимоӣ, ислоҳу тарбияи шахси маҳкумшуда, пешгирӣ намудани кирдорҳои нави зиддиҳукуқии нав аз ҷониби шахсони дигар ташкил медиҳад. Мақсади асосии ҷавобгарии ҳуқуқи гражданиро ҷуброн намудани зараре ташкил медиҳад, ки дар натиҷаи содир шудани қонуншикании граждани-ҳуқуқӣ ва иҷро накардани уҳдадориҳои гражданӣ ба вуҷуд меоянд.

Ҳангоми интихоб намудани андозаву ҳаҷми ҷазо нисбат ба шахси ҳуқуқвайронкунанда, мақоми давлатӣ ва ё шахси мансабдори давлатӣ бояд ба таври мушаххас ва дақиқ оқибатҳои таъини чораи ҳуқуқиро нисбат ба шахси гунаҳкор дарк намоянд. Принсипи мувофиқи мақсад будани ҷавобгарии ҳуқуқӣ ҳамчунин вобаста ба дарназардошти дараҷаи вазнинии қонуншикании содиргардида, хусусиятҳои фардии шахси ҳуқуқвайронкунанда, шароити содиршавии кирдор, фардисозии чораҳои ҷазоиро пешбинӣ менамояд. Масалан, барои кормандони мақомоти корҳои дохилӣ, корхонаҳои истеҳсолӣ, шахсони мансабдори давлатӣ вобаста ба иҷрои вазифаҳои хизматӣ ва ғайра ба таври мушаххас нишондодҳое муқаррар шудаанд, ки ҳангоми татбиқ намудани ҷавобгарии ҳуқуқӣ ба инобат гирифта мешаванд.[3]

Принсипи асоснокии ҷавобгарии ҳуқуқӣ дар он зоҳир мегардад, ки ҷавобгарӣ бояд натиҷаи оқибатҳои қонуншикание бошад, ки дар он тамоми

---

[1]Бялт В.С., Трипутин, С. Н. Организация работы по укреплению служебной дисциплины законности в органах внутренних дел: курс лекций. – СПб.: Изд-во Санкт-Петербургского университета МВД России, 2014.- С. 87.
[2]Краткий словарь по философии // Под общ. ред. И.В. Блауберга, И.К. Пантина. – 3-е изд.,дораб. и доп. – М.: Политиздат, 1979. – С. 79.
[3] Бялт В.С., Трипутин С.Н. Асари ишорашуда. – С. 88.

аломатҳои таркибӣ ва асосу далелҳои лозими ҷавобгарӣ вуҷуд дошта бошад. Барои муайян сохтани чунин асос, қабл аз он ки ин ё он шахси ҳуқуқвайронкунанда ба ҷавобгарии ҳуқуқӣ ҷалб карда шавад, лозим аст то ба таври ҳатмӣ дар рафтори вай таркибу унсури ҳуқуқвайронкунӣ ва ё ҷиноят ошкор карда шавад. Яъне, аломатҳои тарафи объективӣ ва субъективӣ, ҳамчунин тамоми аломатҳои ҳатмии ин унсурҳо бояд муайян ва мушаххас карда шаванд, зеро, дар акси ҳол, асоси воқеъӣ барои ба ҷавобгарии ҳуқуқӣ кашидани шахси гунаҳкор вуҷуд дошта наметавонад.

Моҳияти принсипи инсондӯстӣ дар м. 9 КҶ ҶТ пешбинӣ гардидааст.

Ҳамин тариқ, таҳқиқу омӯзиши институти ҷавобгарии ҳуқуқӣ ва принсипҳои умумиҳуқуқии ҷавобгарии ҳуқуқӣ нишон дод, ки таҷрибаи ҳуқуқэҷодкунӣ ва амалияи ҳуқуқтатбиқсозӣ дар асоси ғояҳои мушаххасу заминавӣ ба амал баровварда шуда, дар самти оромию суботи ҷомеа, танзими самараноки муносибатҳои ҷамъиятӣ, идоракунии давлат ва ғайра нақши босазо доранд. Таҳлилу таҷзия ва истифодаи дурусти принсипҳои ҷавобгарии ҳуқуқӣ ба кушодашудани моҳияти аслии ҷавобгарии ҳуқуқӣ, баланд рафтани самаранокии татбиқи он ҳамчун яке аз муҳимтарин унсурҳо дар низоми танзими ҳуқуқии муносибатҳои ҷамъиятӣ мусоидат менамояд.

**Адабиёт:**

1.Алиев А.У. Принципы юридической ответственности и проблемы их реализации: дис. …канд. юрид. наук: 12.00.01. – Махачкала, 2005. – 178 с.

2.Бялт В.С. Понятие и принципы юридической ответственности // Современное состояние и перспективы развития российского и международного законодательства: сб. статей межд. научно-практ. конф. (10 февраля 2016 г., г. Уфа). – Уфа: АЭТЕРНА, 2016.

3. Бялт В.С. Теория государства и права: краткий курс в вопросах и ответах: альбом схем – СПб.: Лема, 2016.

4.Бялт В.С., Трипутин С.Н. Организация работы по укреплению служебной дисциплиныи законности в органах внутренних дел: курс лекций – СПб.: Изд-во Санкт-Петербургского университета МВД России, 2014.

5. Вантеева Н. В. Принципы юридической ответственности: структурно-функциональный анализ: дис. … канд. юрид. наук: 12.00.01 – Ярославль, 2005. – 189 с.

6. Зокирзода З.Х. Назарияи давлат ва ҳуқуқ. Воситаи таълимӣ: нашри аввал – Душанбе: Ашуриён, 2021. – 40 с.

7. Иванов А. А. Принцип законности юридической ответственности: дис. … канд. юрид.наук: 12.00.01 – Тольятти, 2010. – 180 с.

8. Исмоилов Ш.М., Сотиволдиев, Р.Ш. Назарияи давлат ва ҳуқуқ. Китоби дарсӣ барои донишҷӯёни соҳаи ҳуқуқ ва иқтисод – Душанбе: Деваштич, 2008. –295 с.

9. Канке В.А. Основы философии: учебник для студентов средних специальных учебных заведений. – М.: Логос, 2014. – 288 с.

10. Комаров С.А. Общая теория государства и права: учебник, 6-е изд. доп. – СПб.: Изд. - во Юридического института, 2001.

11. Краткий словарь по философии // Под общ. ред. И.В. Блауберга, И.К. Пантина. – 3-е изд.,дораб. и доп. – М.: Политиздат, 1979. – 413 с.

12. Марченко М.Н. Теория государства и права: учебник / 2-е изд., переработ. и доп. – М.:Проспект, 2014.

13. Матузов Н.И., Малько А.В. Теория государства и права: учебник / 4-е изд., испр. и доп. – М.: Изд.- во дом «Дело», РАНХиГС, 2013.

14. Мироненко М.Б. Принципы юридической ответственности в системе принципов права: дис. … канд. юрид. наук: 12.00.01 – Саратов, 2001. – 239 с.

15. Нерсесянц В.С. Общая теория права и государства: учебник – М.: Норма: Инфра-М, 2014. – 560 с.

16. Ожегов С.И. Словарь русского языка // Под ред. чл.-кор. АН СССР Н. Ю. Шведовой / 20-е изд. – М.: Русский язык, 1988. – 921с.

17. Паёми Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба Маҷлиси Олӣ муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон аз санаи 20-уми апрели соли 2012.//www. president. tj

18. Теория государства и права: учебник для бакалавров // Под ред. В.К. Бабаева; 3-е изд.,перераб. и доп. – М.: Юрайт, 2014. – 715 с.

19. Философский энциклопедический словарь. – М.: Инфра-М, 2003. – 586 с.

20. Черданцев А.Ф. Теория государства и права: учебник для вузов. – М.: Юрайт, 1999. – 429 с.

21.Шавалеев М. В. Эффективность принципа неотвратимости юридической ответственности: дис. … канд. юрид. наук: 12.00.01 – Тольятти, 2010. – 200 с.

**Азиззода У.А., Шодизода Н. М.**

**Фишурда**

**Принсипҳои умумӣ–ҳуқуқии ҷазои ҷиноятӣ ҳамчун намуди ҷавобгарии ҳуқуқӣ**

Дар мақолаи мазкур муаллифон кӯшидаанд принсипҳои мушаххаси умумҳуқуқии ҷазои ҷиноятиро мавриди таҳқиқ қарордода, сатҳ ва дараҷаи амалишавии онро ҳангоми истифодаи ҷавобгарии ҳуқуқӣ, махсусан ҷавобгарии ҷиноятӣ баррасӣ намоянд. Ҷавобгарии ҷиноятӣ ҳамчун намуди ҷавобгарии ҳуқуқӣ хусусиятҳои хоси худро дошта, риоя ва иҷрои ҳатмии принсипҳои ҳуқуқиро талаб менамоянд. Ҳамзамон муаллифон моҳияти принсипҳои ҳуқуқӣ, сатҳ ва дараҷаи инъикоси онҳоро дар қонунгузории кишвар таҳлил намуда, роҳҳои дурусти истифодабарӣ ва сатҳи самаранокии онҳоро ҳангоми татбиқи ҷавобгарии ҳуқуқӣ, махсусан ҷазои ҷиноятӣ мавриди таҳқиқ қарор додаанд. Ҳангоми баррасии мавзӯъ муҳаққиқон кушидаанд аз доираи васеи адабиёти таърихӣ, ҳуқуқӣ ва фалсафӣ истифода намуда, нуктаҳои назари ҷолиби олимони ватанию хориҷиро таҳқиқ намудаанд. Инчунин, доираи васеи санадҳои меъёрӣ-ҳуқуқӣ ва сатҳи ифодаю татбиқсозии

принсипҳои ҳуқуқӣ дар онҳо баррасӣ гардидааст. Оид ба ин масъалаҳои баррасишаванда фикру андешаҳои худи муҳаққиқон низ иброз гардидааст.

**Азиззода У.А., Шодизода Н. М.**

**Аннотация**

**Общеправовые принципы уголовного наказания как вид юридической ответственности**

В данной статье авторами рассматривается общеправовые принципы, их уровень и степень реализации принциов использовании юридической ответственности, особенно уголовной ответственности. Уголовная ответственность и уголовное наказание как виды правовой ответственности имеют свои особенности, которые подлежать соблюдению. При этом авторы проанализировали понятие и сущность правовых принципов, уровень и степень их обоснованности в законодательстве страны, исследовали правильные способы их применения и уровень их эффективности при осуществлении юридической ответственности, особенно при применения уголовного наказания. По данному вопросу также высказаны личные мнения и видения самих исследователей.

**Azizzoda U.A., Shodizoda N.M.**

**The summary**

**General legal principles of criminal punishment as legal liability**

Within the framework of this article, the authors consider general legal principles, their level and degree of implementation when using legal liability, especially criminal liability. Criminal liability and criminal punishment as types of legal liability have their own characteristics that are inherent in compliance. At the same time, the authors analyzed the concept and essence of legal principles, the level and degree of their validity in the legislation of the country, investigated the correct ways of their application and the level of their effectiveness in the exercise of legal responsibility, especially criminal punishment. When considering the topic, the researchers used a wide range of historical, legal and philosophical literature and explored the points of view of local and foreign scientists. A wide range of normative legal acts and the level of expression and application of legal principles in them are also considered. Personal opinions and visions of the researchers themselves are also expressed on this issue.

**Муқарризи мақола Раҳмон Д.С. – доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, профессор**

**Шарифзода С.Ш.***

# ИНКИШОФИ МАФҲУМИ «СОҲИБИХТИЁРИИ ДАВЛАТ» ТИБҚИ САНАДҲОИ МЕЪЁРИИ ҲУҚУҚИИ ТОҶИКИСТОН: ТАҲҚИҚОТИ НАЗАРИЯВӢ ВА ТАЪРИХӢ – ҲУҚУҚӢ

**Калидвожаҳо:** мафҳум, фаҳмиш, соҳибихтиёрӣ, мафҳуми соҳибихтиёрӣ, истиқлолият, ташаккул, инкишоф, таҳкими истиқлолият, манфиатҳои миллӣ, мафҳуми соҳибихтиёрии давлат, ҳифзи соҳибихтиёрии давлатӣ, нуқтаҳои назар, конститутсия, ҳокимият, ҳокимияти давлатӣ, мустақалияти ҳокимияти давлатӣ, волоияти ҳокимияти давлатӣ, изҳорот, стратегия, тақсимоти ҳудудӣ, санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ

**Ключевые слова:** понятие, понимание, суверенитет, понятие суверенитета, независимость, формирование, развитие, укрепление независимости, национальные интересы, понятие суверенитета государства, защита независимости государства, точки зрения, конституция, власть, государственная власть, независимость государственной власти, верховенство государственной власти, декларация, стратегия, территориальное деление, нормативные правовые акты

**Keywords:** concept, comprehension, sovereignty, concept of sovereignty, Independence, formation, development, strengthening of Independence, national interests, concept of state sovereignty, protection of state independence, points of view, constitution, power, state power, independence of state power, supremacy of state power, statement (declaration), strategy, territorial division, normative legal acts

Мафҳуми соҳибихтиёрӣ, хусусият ва фаҳмишу мустаҳкам намудани он дар санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ яке аз масъалаҳои муҳим, рузмара ва мубоҳисавӣ мебошад. Аз ин рӯ, ҳифзи сохибихтиёрии давлатӣ вазифаи ҳар як миллат ва шаҳрвандӣ ҶТ мебошад. Ҳамин аст, ки дар таърихи давлатдории тоҷикон олимон, муҳаққиқон ва қаҳрамонҳое буданд, ки соҳибихтиёрии давлатӣ, забони давлатӣ ва дигар манфиатҳои миллиро ҳамеша ҳифз менамуданд. Бинобар ҳамин таърихи гузаштаи худро ҳамеша ёд кард ва бояд омӯхт, зеро Пешвои миллат, Президенти ҶТ муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар китоби худ «Тоҷикон дар оинаи таърих. Аз Ориён то Сомониён» таъкид менамояд, ки миллате, ки забон, тафаккури миллӣ, таъриху адабиёт, расму оин ва арзишҳои фарҳангиашро қадр намекунад, пояҳои истиқлолияташро низ чандон дер пуштибонӣ карда наметавонад.[1]

Қайд кардан зарур аст, ки дар асрҳои VIII-IX давлатҳои Тоҳириён, Саффориён ва Сомониён ба он муваффақ гаштанд, ки давлату фарҳанги миллиро эҳё намоянд. Фарзандони фарзонаи тоҷик дар васфи ватану ватандорӣ, ис-

---

*Дотсенти кафедраи назария ва таърихи давлат ва ҳуқуқи факултети ҳуқуқшиносии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ

[1] Эмомалӣ Раҳмон. Тоҷикон дар оинаи таърих. Аз Ориён то Сомониён. – Душанбе, 2009. – С.11.

тиқлолияти миллию давлатӣ, дӯстдоштани миллату Ватан низ андешаҳои худро иброз намудаанд. Аммо баъд аз шикасти давлати Сомониён халқи тоҷик, давлати тоҷикон то тақсимоти воҳидҳои марзию маъмурӣ зери тобеи давлатҳои гуногун қарор гирифт.

Паз аз таъсиси Иттиҳоди Ҷумҳуриҳои Шӯравии Сотсиалистӣ (ИҶШС) барои сохтмони ҷомеаи сотсиалистӣ дар Осиёи Миёна, пеш аз ҳама ҳалли масъалаи миллӣ шароит фароҳам омад. Ҳалли масъалаи миллӣ бошад, тавре асосгузори ҳизби болшевикии Русия ва сарвари ҳокимияти шӯравӣ В.И. Ленин тавсия ва асоснок намуда буд, ин ба ҳамаи миллатҳои собиқ мазлуми империяи Русия додани ҳуқуқи худмуайянкунии миллӣ мебошад то ин ки онҳо озодона шакли давлатдории миллии худро бунёд намоянд.[1]

Хулоса, то таъсиси Ҷумҳурии Мухтори Шӯравии Сотсиалистии Тоҷикистон (ҶМШСТ) мафҳумҳои соҳибихтиёрӣ, истиқлолият дар ягон санади меъёрӣ-ҳуқуқии Тоҷикистон ҷой надошт, зеро халқи тоҷик зери тобеъияти давлатҳои дигар қарор дошта, салоҳияти қабули қонун ва ё ин ки санадҳои меъёрии ҳуқуқиро надошт. Аз ин рӯ, тақсимоти ҳудудии миллӣ ва ташкилёбии ҶМШСТ дар ҳайати Узбекистон санаи 14 – уми октябри соли 1924 ба халқ ва миллати тоҷик имкон дод, ки қонун ва дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқии худро дар асоси қонунҳои ИҶШС ва ҶШС Узбекистон қабул намояд. Яке аз ин қонунҳо Конститутсияи ҶМШСТ мебошад, ки 28 – уми апрели соли 1929 қабул гардид. Боби 2-и Конститутсияи мазкур «Дар бораи ҳуқуқҳои соҳибихтиёронаи Ҷумҳурии Мухтори Шӯравии Сотсиалистии Тоҷикистон» ном дошт. Дар он қайд мегардад, ки ҶМШСТ ҳокимияти худро мустақилона амалӣ менамояд. Айни замон ҳадди соҳибихтиёрии ҶМШСТ бо конститусияҳои ИҶШС ва ҶШС Узбекистон, аз ҷумла бо салоҳияти ИҶШС ва ҶШС Узбекистон муайян мегардид. Ба ин нигоҳ накарда, дар қисми дигари боби мазкури Конститутсия таъкид мегардад, ки қаламрави ҶМШСТ бе розигии онҳо тағйир ёфта наметавонад.[2]

Аз ин меъёри ҳуқуқии зикршуда бармеояд, ки Тоҷикистони мухтор соҳибихтиёрии худро мустақилона амалӣ карда наметавонист. Зеро соҳибихтиёрӣ ҳамчун истилоҳи ҳуқуқӣ маънои волоияти ҳокимияти давлатӣ дар дохил ва мустақил будани давлатро дар сатҳи байналмилалӣ ифода мекунад. Халқ ва миллати тоҷик фарҳанг ва таҷрибаи бойи давлату давлатдорӣ дошт. Аз ин рӯ, дар як муддати хеле кутоҳ, яъне дар солҳои 1924-1929 як қатор корҳои муҳимро ба анҷом расонида, ҶМШСТ-ро ба Ҷумҳурии Шӯравии Сотсиалистии Тоҷикистон (ҶШСТ) табдил дод, ки ин кори осон набуд. Баъди аз ҶМШСТ ба ҶШСТ табдил ёфтан яке масъалаҳои муҳим ин қабули қонунҳои нав, аз ҷумла Конститутсия буд, ки 25 – уми феврали соли 1931 қабул мешавад. Акнун боби 2-и Конститутсияи соли 1931 аз боби 2-и Конститутсияи соли 1929 фарқ дошт. Боби 2-и Конститутсияи ҶШСТ «Ҳуқуқҳои соҳибихтиёронаи Ҷумҳурии

[1] Ҳотамов Н., Довудӣ Д., Муллоҷонов С., Исоматов М. Таърихи халқи тоҷик. – Душанбе, 2011. – С.373.
[2] Гадоев Б.С. Маҷмӯаи конститутсияҳои Тоҷикистон. – Душанбе, 2015. – С.34.

Шӯравии Сотсиалистии Тоҷикистон» ном дошт. Дар он қайд мешавад, ки ҶШСТ бо ҳуқуқи баробари аъзогӣ ба ИҶШС дохилшуда, ҳокимияти давлатии худро мустақилона дар доираи Конститутсияи ИҶШС амалӣ менамояд. Дар қисми дуюми боби мазкур зикр мешавад, ки ҶШС Тоҷикистон ҳуқуқи аз Иттифоқ озодона баромаданро дорад.[1]

Дар ИҶШС бо дарназардошти тағйири сохти давлатӣ ва низоми идоракунӣ дар давраи аз соли 1924 то соли 1936 зарурияти қабули Конститутсияи нав эҳсос мегардад. Конститутсияи нави ИҶШС соли 1936 қабул мешавад. Тибқи Конститутсияи мазкур: «Соҳибихтиёрии республикаҳои иттифоқӣ танҳо дар доираи м. 14 Конститутсияи ИҶШС маҳдуд мешавад». ҶШСТ баъди қабули Конститутсияи ИҶШС дар навбати худ Конститутсияи навро 1 - уми марти соли 1937 қабул мекунад. Дар Конститутсияи ҶШСТ мафҳуми соҳибихтиёрӣ на дар боби алоҳида оид ба соҳибихтиёрӣ, балки танҳо дар қисми 3-и м. 13-и он зикр мешавад. Тибқи моддаи мазкур, ҶШСТ ҳуқуқҳои соҳибихтиёрии худро берун аз доираи амалӣ м. 14-и Конститутсияи ИҶШС пурра нигоҳ дошта, ҳокимияти давлатиро мустақилона амалӣ менамояд.

Бо тағйир ёфтани муносибатҳои ҷамъиятӣ ва инкишофи қонунгузорӣ соли 1978 Конститутсияи ҶШСТ қабул мешавад. Дар он меъёрҳои ҳуқуқии нав оид ба соҳибихтиёрӣ ифода карда мешаванд. Аз ҷумла, дар м. 68-и боби 7-уми Конститутсияи ҶШСТ қайд мегардад, ки Республикаи Советии Сотсиалистии Тоҷикистон давлати соҳибихтиёри советии сотсиалистӣ мебошад. Аммо соҳибихтиёрии давлатӣ дар асоси м. 73-и Конститутсияи ИҶШС маҳдуд карда мешавад.

Ҳамин тариқ, аз соли 1929 то соли 1990 мафҳуми соҳибихтиёрӣ дар Конститутсияҳои ҶМШСТ ва ҶШСТ пай дар пай зикршуда, айни замон бо меъёрҳои дахлдори Конститутсияи ИҶШС маҳдуд мегардид. Дар асл соҳибихтиёрӣ маънои онро дорад, ки давлат самтҳои асосии сиёсати дохилӣ (рушди мустақилонаи иқтисодӣ, иҷтимоӣ, фарҳангӣ, сиёсӣ) ва сиёсати хориҷии худро (робитаи мустақил бо давлатҳо ва созмонҳои хориҷӣ ҳамчун субъекти мустақили ҳуқуқи байналмилалӣ) озодона, мустақилона ва бо дарназардошти манфиатҳои миллӣ муайян ва амалӣ менамояд. Аммо ин салоҳиятро халқи тоҷик дар давраи шӯравӣ пурра соҳиб набуд.

Дар давраи барҳамхӯрии Иттиҳоди Шӯравӣ, ки он ҳам як қатор сабабҳои худро дошт, санаи 24 – уми августи соли 1990 иҷлосияи дуюми Шӯрои Олии ҶТ, даъвати дувоздаҳум, Эъломияи истиқлолияти ҶШСТ-ро дар ҳайати Иттиҳоди Шӯравии таҷдидёфта қабул намуд. Аз ҷумла, дар Эъломия омадааст, ки Шӯрои Олӣ «бо дарки амиқи масъулияти таърихӣ барои тақдири халқи тоҷик ва давлати миллии он», «бо назардошти ҳуқуқи дахлнопазири ҳар як халқ дар таъини сарнавишти худ», «бо эътирофи он, ки иттиҳоди озоду баробарҳуқуқи миллатҳо»-и Шӯравӣ дар ҳайати ИҶШС-и «таҷдидёфта зомини тараққиёти ҳамаҷонибаи онҳо мебошад», бо таъкиди эҳтиром ба шаъну эътибор ва ҳуқуқҳои намояндагони ҳамаи миллатҳои сокини

---

[1] Гадоев Б.С. Асари ишорашуда.– С.95-96.

Тоҷикистон, «ба хотири таъмини ҳаққи зиндагии шоиста барои ҳар як инсон ва иродаи халқи» ҶШСТ - ро ифода намуда, истиқлолияти онро ботантана эълон мекунад ва изҳор медорад, ки «давлати демократии ҳуқуқбунёд барпо хоҳад кард». Бояд қайд кард, ки ин мафҳуми соҳибихтиёрӣ қадами ҷиддие ба суи истиқлолияти миллии комил буд.

Дар натиҷа, ҷумҳуриҳои иттифоқие, ки ба ҳайати Иттиҳоди Шӯравӣ дохилшуда буданд, пай ҳам истиқлолияти давлатии худро эълон карданд. Албатта ҶТ низ аз ин маъракаи сиёсӣ дар канор набуд. Санаи 31 – уми августи соли 1991 Иҷлосияи Шӯрои Олии ҷумҳурӣ ба номи ҷумҳурӣ тағйирот ворид намуд. Он эълон кард, ки ҶШСТ минбаъд ҶТ номида шавад. Дар Тоҷикистон ҳизби коммунистӣ амалан ҳанӯз ҳизби ҳукмрон ба ҳисоб мерафт. Санаи 4 – уми сентябри ҳамон сол пленуми кумитаи марказии ин ҳизб истиқлолияти давлатии ҶТ-ро тавсия намуд ва санаи 9 – уми сентябри соли 1991 дар шаҳри Душанбе иҷлосияи ғайринавбатии Шӯрои Олии ҶТ, даъвати дувоздаҳум ҷамъ омад. Ин иҷлосия дар бораи истиқлолияти давлатии ҶТ якчанд ҳуҷҷатҳои муҳими таърихӣ, аз ҷумла: «Изҳорот дар бораи истиқлолияти давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон» ва ду қарори махсусро қабул карда, дар асоси қонуни қабулкардааш ба Конститутсияи амалкунандаи ҶТ баъзе тағйироту иловаҳо ворид намуд.

Дар натиҷа дар харитаи ҷаҳонӣ боз як давлати нави мустақил бо номи ҶТ пайдо шуд. ҶТ ва дигар ҷумҳуриҳои собиқ иттифоқӣ, ки дар замони шӯравӣ аз ҷиҳати иқтисодӣ бо ҳам хеле пайваст буданд, ба хубӣ эҳсос менамуданд, ки якбора кандани ин робитаҳо барояшон оқибатҳои бадро меорад. Аз тарафи дигар, равиши ҷаҳони муосир худ аз хусуси бо ҳам наздикшавии давлатҳо ва халқҳо далолат медод. Бинобар ин, дар Изҳорот таъкид мешавад, ки ҶТ кӯшиши собиқ ҷумҳуриҳои иттифоқиро «оид ба аз нав барқарор намудани муносибатҳои байни ҳамдигарӣ эҳтиром намуда, … бастани Шартномаи Иттиҳоди давлатҳои соҳибихтиёр…» - ро дастгирӣ менамояд.

Дар Изҳорот зарурати сиёсати мустақилонаи хориҷии ҶТ-ро ба назар гирифташуда, таъкид мешавад, ки Тоҷикистон минбаъд дар муносибатҳои байналхалқӣ «ба сифати субъекти мустақили ҳуқуқи байналхалқӣ» баромад мекунад. Яъне, аз ин нуқта бармеояд, ки ҶТ минбаъд бо тамоми давлатҳо ва ташкилотҳои байналхалқӣ сиёсати хориҷиашро худаш муайян намуда, онро мустақилона амалӣ менамояд. Албатта, барои бавуҷудоии давлати соҳибистиқлоли Тоҷикистон ташкили ҷумҳурии мухтор ва сипас, ҶШСТ заминаи кофиро таъмин мекунанд.

Тоҷикон гарчанде то замони Шӯравӣ, ба монанди давлатҳои Сомониён, Ғуриён, Куртҳои Ҳирот, Сарбадорони Сабзавор ва ғайраҳо давлатҳои соҳибистиқлоли худро доштанд, вале онҳо аслан давлатҳои авлодӣ – сулолавӣ буданд, ҳеҷгоҳ Тоҷикистон ном надоштанд. Дар замони Шӯравӣ ҳам дар доираи Иттиҳод мавҷудияти ҶТ чандон маълум набуд. Инак, баъди 9 – уми сентябри соли 1991 дар муносибатҳои нав ҶТ, чун давлати соҳибистиқлол ба вуҷуд омад. Дигар субъектони ҳуқуқи байналмилалӣ ва ташкилотҳои байналхалқӣ ҶТ-ро ҳамчун давлати соҳибистиқлол эътироф намуданд.

Минбаъд намояндагони ҶТ дар машваратҳои байналхалқӣ ҳамчун намояндагони расмии давлати соҳибистиқлол муаррифӣ мегарданд. Тоҷикистони соҳибистиқлол аллакай санаи 2 - юми марти соли 1992 аъзои комилҳуқуқи Созмони Миллали Муттаҳид (СММ) гардид.

Бунёди давлати соҳибистиқлоли Тоҷикистон барои тоҷикон аҳамияти бузурги таърихӣ дорад. Бо эълони истиқлолият, чуноне Президенти ҶТ, Пешвои миллат, мухтарам Эмомалӣ Раҳмон таъкид мекунад, «Орзуи ба даст овардани мустақилияти миллӣ амалӣ гашт. Ва дар асл чунин осон ба даст омадани озодӣ ва истиқлолро касе ҳам тасаввур надошт. Ин истиқлолият ҳадяи бебаҳои таърих буда, устувору пойдор нигоҳ дошта тавонистани он масъулияти таърихии наслҳои имрӯза мебошад».[1]

Ба ҳамагон маълум аст, ки дар таърихи худ ҶТ солҳои 1992-1997 душвортарин давраи ҷанги шаҳрвандиро аз сар гузаронид, ки сабабҳои худро дошт. Мо дар бораи он чизе қайд намекунем, зеро мавзуи таҳлили мо ин фаҳмиши мафҳуми соҳибхтиёрӣ ва мустаҳкам намудани он дар санадҳои меъёрӣ-ҳуқуқии Тоҷикистон мебошад.

Аз рӯзе, ки ҶТ соҳибхтиёр гардид, зарурияти Конститутсияи нави ҷумҳурӣ ва қонунӣ гардонидани дастовардҳои истиқлолият ба миён омад. Зеро, қонунҳои дигари мамлакат бояд дар асоси он омода ва қабул карда мешуданд. Барои омода намудани лоиҳаи Конститутсияи нави ҷумҳурӣ аз ҷумлаи олимон, махсусан ҳуқуқшиносон, гурӯҳи корӣ ташкил карда шуд. Лоиҳаи омода намудаи ин гурӯҳ 13 – уми апрели соли 1994, бо қарори Шӯрои Олии ҶТ, ба мӯҳлати то 15 – уми июни ҳамон сол ба муҳокима гузошта шуд. Санаи 6 – уми ноябри соли 1994 Конститутсияи ҶТ дар райпурсии умумихалқии мамлакат қабул карда шуд, ки мафҳуми истилоҳи соҳибхтиёрӣ дар дебоча, м. 1, 6,7,10,11, 43, 46, 100 ва дигар банду қисмҳои моддаҳои дахлдори Конститутсияи ҶТ зикр шудааст. Ин гувоҳи аҳамияти аввалиндараҷа доштани соҳибхтиёрӣ барои давлат мебошад. Аз ҷумла дар қисми аввали м. 1-уми Конститутсия баъд аз ибораи ҶТ «давлати соҳибхтиёр» омадааст.[2] Тибқи м. 100-и Конститутсияи ҶТ шакли идораи ҷумҳурӣ, тамомияти арзӣ, моҳияти демократӣ, ҳуқуқбунёдӣ, дунявӣ ва иҷтимоии давлат тағйирнопазиранд. Ин муқарароти Конститутсия аз мустақилият ва сохибхтиёрии давлати Тоҷикистон гувоҳӣ медиҳад. Дар он таъкид мешавад, ки шакли идоракунии давлат, ҳудуди Тоҷикистон, моҳияти демократию ҳуқуқбунёдӣ ва иҷтимоии давлат, ки аломатҳои аввалиндараҷаи давлати соҳибхтиёр мебошанд, тағйирнопазиранд. Аз ин меъёрҳои ҳуқуқии зикршуда бармеояд, ки Конститутсияи ҶТ консепсияи қатъии соҳибхтиёрии ягонаи ҶТ-ро, ки дар тамоми қаламрави кишвар паҳн шудааст, муқаррар кардааст. Соҳибхтиёрии Тоҷикистон дар он ифода мееёбад, ки давлат самтҳои асосии сиёсати дохилӣ, яъне роҳу усулҳои тараққиёти худро дар соҳаҳои иқтисодӣ, иҷтимоӣ, фарҳангӣ ва ғайра, дар сиёсати хориҷӣ - тарзу усулҳои

[1]Эмомалӣ Раҳмон. Асари ишорашуда. - С.104.

[2] Тафсири илмию оммавии Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон.-Душанбе, 2009.- 520 с.

муносибат бо давлатҳои хориҷӣ ва умуман ҷомеаи ҷаҳониро мустақилона муайян менамояд.

Ҳамаи ин аз он гувоҳӣ медиҳад, ки соҳибихтиёрӣ, истиқлолият ва манфиатҳои миллӣ барои халқ ва миллати тоҷик арзишҳои волои миллӣ мебошанд. Таҳкими соҳибихтиёрии давлатӣ ва ҳифзи манфиатҳои миллӣ вазифаи ҳар як шаҳрванд ва халқи тоҷик мебошад. Дар Стратегияи миллии рушди давлат барои давраи то соли 2030 таъкид гардидааст, киояндаи дарозмуҳлати кишварамонро нигоҳдории ваҳдати миллӣ, таъмини амнияти миллӣ, амалӣ намудани принсипҳои адолати иҷтимоӣ ва самаранокии иқтисодӣ, беҳсозии некӯаҳволии мардум, бунёди Тоҷикистони соҳибистиқлол, шукуфон, аз лиҳози иқтисодӣ ва сиёсӣ босубот ташкил медиҳад.[1] Дар ин хусус Холиқзода А. Г. таъкид менамояд, ки барои мо муҳим он аст, ки аз камбуду норасоиҳои гузашта сабақи дуруст бардорем ва ба қадри истиқлолият расем. Ва ҳаргиз нагӯем, ки озодии сиёсӣ ба мо ба осонӣ ба даст омадааст, зеро то ба имрӯз расидан модари тоҷик ва фарзандони ӯ дар масири таърих хориҳои зиёд дида, халқи тоҷик аз доштани давлати хеш қарнҳо маҳрум будааст.[2]

Акнун пас аз мустаҳкам намудани мафҳуми соҳибихтиёрӣ дар Конститутсияи ҶТ, олимону муҳаққиқон низ ба таҳлили мафҳуми соҳибихтиёрӣ машғулшуда, фикру андешаҳои худро оид ба арзиши соҳибихтиёрӣ, хусусиятҳо, таъриф, намудҳои соҳибихтиёрӣ ба монанди соҳибихтиёрии давлатӣ, миллӣ ва халқӣ иброз намудаанд. Дар ҳамаи мафҳумҳои илмии давлат соҳибихтиёрӣ ҳамчун аломати муҳим ба инобат гирифта мешавад. Чунончи, Шарофзода Р.Ш. мафҳуми зеринро пешниҳод мекунад: "Давлат ташкилоти соҳибихтиёр, ҳудудӣ ва муташаккили ҳокимияти давлатӣ мебошад, ки идоракунии ҷомеаро бо мақсади таъмини тартибот, назму субот ва рушди ҷомеа амалӣ мекунад.[3]

Э.С. Насриддинзода ба ин масъала таваҷҷуҳ зоҳир намуда, соҳибихтиёрии давлатро чун сарварии ба давлат хос дар ҳудуди худ ва мустақилият дар муносибатҳои байналмилалӣ маънидод менамояд.[4] А. Имомов соҳибихтиёрии давлат, соҳибихтиёрии халқ ва соҳибихтиёрии миллатро ҷудо намуда, менависад, ки миллати тоҷик «қисми таркибии халқи Тоҷикистон буда, дорои хусусиятҳои ба худ хос аст». Истиқлолияти давлатӣ ҷузъи соҳибихтиёрии давлатӣ (дар баробари ҳокимияти олии давлатӣ ва ваҳдати он) эътироф мешавад".[5]

Соҳибихтиёрии давлат одатан бо нишонаҳои ҳокимияти давлатӣ, аз ҷумла имконияти мустақилона муайян намудани самтҳои сиёсати дохилӣ ва хориҷии давлат муайян карда шуда, мустақилияти ҳокимияти давлатӣ танҳо бо

---

[1] Қарори Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии ҶТ дар бораи Стратегияи миллии рушди ҶТ барои давраи то соли 2030, аз 1 – уми декабри соли 2016, №636. – С.12.
[2] Холиқзода А.Г. Мафкураи миллӣ ва ҳуқуқӣ. – Душанбе, 2021. – С.28.
[3] Сотиволдиев Р.Ш. Назарияи давлат ва ҳуқуқ.-Душанбе, 2018.- С. 152.
[4] Насриддинзода Э.С. Назарияи давлат ва ҳуқуқ. – Душанбе, 2022. – С.23.
[5] Имомов А. Соҳибихтиёрии Ҷумҳурии Тоҷикистон // Давлат ва ҳуқуқ.- Душанбе, 1997.- № 1. - С. 8-9.

Он является автором ряда учебно-методических пособий и научных статей. Подготовленное им в соавторстве с доцентом Х. Ойевым учебное пособие «Государственная служба в Республике Таджикистан. – Душанбе, 2021. -220 с.». (раздел 1, главы 1 и 2. - С.10-58), является важным пособием по изучению истории формирования и развития государственной службы в Таджикистане. В настоящее время его диссертационное исследование находится на стадии завершения.

В последние годы на кафедру конституционного права приняты ассистентами ряд способные выпускники факультета как **Джоми Шерализода, Собирджон Абдулаҳадзода и Умеджон Муродзода** активно включившиеся в педагогическую и научную жизнь кафедры, совершенствуют навыки преподавания. Наряду с преподаванием предметов кафедры они ведут активную научную работу, в соавторстве участвуют в подготовке и издании соответствующих учебных пособий, выходят их научные статьи. Темы их диссертационного исследования находятся в стадии завершения.

Одна из солидных с большим багажом работы сотрудник кафедры, воспитатель в прямом смысле слова молодых членов кафедры, консультант по многим проблемам учебно-методического характера и человек высокой нравственной культуры, старший методистка кафедры, выпускница факультета - **Мохсафар Неъматова** в последние годы переключилась к преподавательской работе. Она квалифицированно ведет лекционные и семинарские занятия по конституционно-правовым дисциплинам и права человека. Кроме того, она активно занимается научной работе по проблеме конституционно-правовые средства защиты прав человека на жизнь. По теме исследования опубликовала ряд интересных научных статей. Находится на стадии завершения её кандидатская диссертация.

К сожалению после нескольких лет работы методисткой и затем ассистентом кафедры, не задержался на работе очень способная, умная с наклонностями к педагогической и научной работе выпускница факультета **Сайёра Наимова.** Она перешла на работу в один из престижных международной неправительственной организаций. Опубликованные её учебные пособия по «Конституционному праву зарубежных стран» (Душанбе, 2012. - 264с.), на русском языке, и на таджикском языке (Душанбе, 2014. - 200с.) до сих пор являются очень полезным для подготовки студентов к практическим занятиям. По теме кандидатской диссертации: «Возникновение и развитие избирательного права в Республике Таджикистан» она опубликовала ряд научных статей.

Следует отметить, что несмотря, по возможности создания на кафедре благоприятного климата для профессионального роста и реализации научно-исследовательских планов, в разные годы, особенно в трудные годы последнего десятилетия прошлого века и в начале ХХ1 века, по разным причинам молодые преподаватели - Санавваров Г.Б., Темиров В., Алямов С.Б. не задержались на кафедре.

Кафедра конституционного права юридического факультета ТНУ имеет постоянные деловые контакты с известными учеными и квалифицированными юристами. В разные годы для чтения основных и спецкурсов кафедры

приглашались д.ю.н., профессор Ализода З.М., к.ю.н., доцент Саидзода И.Х., к.ю.н., доцент Д.Ф. Абдуллаева, к.ю.н., доцент Джамшедов Дж. Н., Заслуженный юрист Гулямов З.Г. и другие. С началом работы диссертационного совета ТНУ по специальности 12. 00. 02, ещё более оживился связь кафедры с учеными конституционалистами республики и зарубежных стран.

Коллектив кафедры конституционного права юридического факультета ТНУ имеет тесные научные и педагогические связи с рядом вузов и научных сообществ республики. В том числе, с Академией Министерства внутренних дел РТ, Российско-Таджикским (Славянским) университетом, Академии государственного управления при Президенте РТ, Таджикским государственным университетом права, бизнеса и политики, Худжантским государственным университетом, филиалом МГУ в г. Душанбе, Институтом экономики и торговли Таджикского государственного университета коммерции в г. Худжанде, Институтом философии, политологии и права им. А. Баховадинова НАНТ, Национальным центром законодательства при Президенте РТ и др.

Заглядывая с высоты своих лет, долгого более шестидесятилетнего пребывания на кафедре - как студент, аспирант, старший преподаватель, доцент, занимая должности зам. декана юридического факультета, зав. кафедры конституционного права ТНУ, ныне профессора кафедры хочется немного поразмыслить о прошедшем, настоящим и заглянуть в будущее кафедры конституционного права и юридического факультета в целом. Прошедшее время – в отношении истории кафедры - это 1962-1991 годы, т. е. советская история. Этому периоду характерно постепенность и целеустремленность, уверенность в достижении поставленных целей, коллективизм и опора на коллектив, вера в дружбу и поддержки, преданности неким возвышенным целям и в известной мере, патриотическим побуждениям. Студенты и преподаватели жили небедно и небогато, но были довольны, была уверенность, что постепенно все уладится, впереди есть перспектива и к нему надо стремиться. Основная масса студентов и аспирантов, молодые преподаватели стремились к знаниям, освоение науки, приобретение навыки самостоятельной работы, к чтению книг, повышению квалификации и здоровой конкуренции. Было на кафедре доверие между коллегами, в известной мере знали проблемы личной жизни своих коллег, и старались в чем-то поддержать друг друга, соблюдались нормы восточного этикета, ходили друг к другу в гости, устраивались чаепитие. И в этой среде, в основном сглаживались возможные трения и споры, укреплялись личные и даже семейные связи.

На заседаниях кафедры систематически обсуждали вопросы соблюдения дисциплины, повышения качество занятий, контроль за освоение студентами занятий, результаты посещения занятий, анализ результатов зачета и экзаменов, выявление причин неуспеваемости студентов по отдельным предметам, конкретные меры в повышении успеваемости и т.д. Преподаватели настраивались к повышению знания студентов, к индивидуальным занятиям с не успевающими студентами, консультациям. Выявлялись отличники учебы и принимались меры по их поддержке и поощрений. Самые лучшие студенты

участвовали в всесозных научно – студенческих олимпиадах, занимая в них престижные места. Существовал обстановка научной этики, творческой критики и самокритики, дискуссии и споров т.е. все что было характерно для здорового творческого коллектива. Чтение новых книг и статей по профессии, чтение художественной литературы, чтение газет и общественно-политических журналов, по ним обмен мнения было обычным явлением. Никто от этой среде не мог остаться в стороне.

В настоящее время, обстановка на кафедре стала иная. Она теперь во многом связана с той направлением, который предопределена на высших эшелонах системы образования республики и руководством университета. Постоянное увеличение число учащихся вузов, контингент студентов и их несоразмерность со спецификой обучения, недостаточности аудиторных и лабораторных ресурсов. Сохранение больших академических групп лекционных и практических занятий и трудности освоения уроков, невозможности индивидуального подхода преподавателя к студентам, ослабления формы контроля кафедры за уровнем успеваемости аудитории и много другое снижает коэффициент полезного влияния работы кафедры в отношении студентов. Постоянный рост количества студентов во многих учебных отделениях факультета усложняет положение кафедры по качественному обеспечению аудитории преподавателями. Нередко в больших аудиториях основной предмет кафедры читают молодые преподаватели, т. е. вчерашний студент, которого аудитория всерьёз не принимает. Не секрет, что нынешние студенты приходят в вуз, с очень слабим багажом знаний и недостаточными нравственными устоями. Поэтому, даже педагогу с очень солидным стажем трудно обеспечить дисциплину в аудитории и содержательно изложить рассматриваемую тему.

Помимо этого, более два десятилетия назад, без надлежащей подготовки, без учета качества и уровня образования в средних школах, без пересмотра и качественного улучшения аудиторные запаси вузов, без учета психологического уклада сознания студентов и их родителей и их отношения к этой мере, волевым решением известных деятелей системы образования республики была введена кредитная система обучения, которая не выдержала испытание. Ныне, как пишут «зашли в тупик». В действительности, настоящая система удалила преподавателя от ученика, потеряла формы контроля за успеваемости ученика, тем более по многим показателям лишает самостоятельность ученика в выборе предмета и преподавателя. Как следствие слабое освоение курсов, низкий уровень общей грамотности и профессиональной квалификации. Конечно, у Министерства образования и науки РТ свои видение на кредитную систему, но из основных целей поставленных им перед этой системы, на наш взгляд, только в одном преуспели «подготовку специалистов, отвечающих требованиям рынка труда». Причем не внутреннего рынка труда, потому, что у нас нет надлежащие места работы, а, рынка труда в качестве мигранта, гостарбайтера на бескрайных просторах бывшего Советского Союза, особенно в Тюменской, Камчатской, Магаданских и им подобных областей России. А, там много знание не требуется, тем более им со своими гуманитарными, даже юридическими знаниями престижные места работы не светиться. Неужели для это-

го существует кредитная система образования в РТ. На днях в вузы поступило распоряжение Минобрнауки разрешающий на дневном отделении 60 процент экзаменов принять в традиционной устной форме, а 40 процентов тестовым способом. Конечно, это полумера. Видимо ещё предстоит серьёзное изучение этой проблемы. Ещё не поздно в сохранении и укреплении связи разных поколений научно – педагогических кадров кафедры и факультета.

Именно связь поколений, память, уважением к своим наставникам, учителям, научным руководителям - патриотам юридического факультета ТНУ, познание и соблюдение научных традиций, научной этики и человечности, порядочности и доброты является залогом успеха и признания научной репутации кафедр юридического факультета ТНУ.

В новых условиях, по большому счету кафедры уже не являются очагом приобретения педагогических навыков, местом соблюдения культуры общения, местом обмена мнений по соблюдению учебной дисциплины, нет споров и дискуссии по совершенствованию форм и методов ведения лекционных и практических занятий, по формам контроля за успеваемости учеников и т.д. Уже достаточно давно в вузах состояние и качества освоения предметов студентами мало кого волнует. Не практикуется открытое обсуждение и свободное выражение мнений по форме и содержанию публикуемых учебников и учебных пособий, монографий и научных статей. Изредка публикуемые хвалебные отзывы на диссертации, труды известных ученых, нередко зарубежных авторов, далеко не отражает их действительное содержание, не вызывают споров и дискуссий.

Между тем, ныне существуют благоприятные условия для творчества и публикации научных трудов, публицистических выступлений и постановки учебно-методических и научных вопросов. Наличие две солидных научно-практического и научно-информационного журнала на юридическом факультете («Государствоведение и права человека», «Правовая жизнь»), также газета «Минбари ҳуқуқшинос» (Трибуна юриста) дают возможность как преподавателям, так и студентам выступить с интересными научными и практическими предложениями, поднять дискуссионные проблемы.

Кафедры вузов и в будущем сохранятся как первичное подразделение непосредственной организации учебного процесса, как важное звено нахождения преподавательского состава, обеспечение преподавание предметов и учебных курсов квалифицированными специалистами, подготовки учебно-методической базы кафедры, место повышения квалификации преподавателей. Кафедра является местом научно-исследовательской работы и кузницей подготовки ученых по проблемам утвержденными Ученым советом вуза. Желательно, чтобы дипломированный член кафедры сохранял верность своей профессии и не разрывал связи с кафедрой. Для этого необходимо создание надлежащих условий, прежде всего справедливая зарплата, создание качественных социально-бытовых условий, действительной обстановки для свободной творческой работы и соблюдения педагогических и нравственных основ профессии преподавателя вуза. Существующие проблемы в жизни кафедры имеют динамичное свойство, они постепенно преобразуются в позитивном направлении,

они тесно связаны с уровнем развития общества и по мере укрепления демократических основ конституционного строя могут разрешаться положительно.

**Литература:**


1. Джалилов Д. Подготовка юридических кадров и развития правовой науки в Таджикистане //Актуальные вопросы теории и истории права и применения советского законодательства. –Душанбе, 1975.

2. Раджабов С.А., Клеандров М.И. Развитие юридической науки в Таджикистане. – Душанбе: Дониш,1986.

3. Усманов О. Центр подготовки юридических кадров и развития правовой науки //Укрепление законности и правопорядка, совершенствование советского законодательства и социалистической государственности. - Вып. 2. (Сб. ст.). –Душанбе, 1978. –С. 3-17.

4. Махмудов М.А. Юридический факультет ТГНУ: фундамент будущего закладывается сегодня // Юридический факултет за годы независимости Республики Таджикистан. –Душанбе: Матбуот, 2002.

5. Махмудов М.А. Факултаи ҳуқуқ – манбаи кормандони илмӣ ва амалӣ //Давлат ва ҳуқуқ. – Душанбе, 1999. –№ 2. –С.1-12.

6. Холиков К. Н. Ганҷинаи илм ва махзани омодасозии ихтисосмандони ҳуқуқ //Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. Факультети ҳуқуқшиносӣ. – Душанбе: «ЭР-граф». - 2009. – С.9-25.

7. Имомов А. Донандаи зарофати илми идоракунии давлатӣ //Ба қуллаҳои дониш.- 11 июня 2014 г.- № 11-12 (1359) .- С. 2.

8. Имомов А. Система конституционного права Республики Таджикистан //Матер. межд. научно-практ. конф. на тему: «Конституция Республики Таджикистан и национально-правовая система: предпосылки развития и переспективы юридической науки», посвященную 25-летию Конституции РТ и 70-летию образования юридического факультета ТНУ. –Душанбе, 2019. – С. 62-69.

9. Мансурзода А.М. Государственная политика РТ в сфере образования в области права человека //Труды Академии МВД РТ (научный журнал).- 2019.- № 1 (41). –С. 45-53.

10. Имомов А. Основные этапы становления и развития конституционного права Республики Таджикистан // Законодательство.- Душанбе, 2020.- № 1 (37). – С.20-35.

11. Имомов А. Самтҳои асосии рушди ҳуқуқи конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар марҳилаи ҳозира // Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон ва рушди соҳаҳои ҳуқуқ дар давраи истиқлолият.// Зери таҳрири проф. Иброҳимов С. –Душанбе, 2020. – С. 18-31.


**Имомов А.**

**Фишурда**

**Кафедраи ҳуқуқи конститутсионии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон – шастсола: ташкилёбӣ ва камолот**

Имсол ба таъсисёбии кафедраи ҳуқуқи конститутсионии ДМТ (собиқ кафедараи ҳуқуқи давлатӣ ва сохтмони советӣ) шаст пур шуд. Дар ин давра, кафедра дар чандин самтҳо инкишоф ёфт. Фанҳои таълимии он тибқи талабо-

ти давр мукаммал гашта, дигаргунсозиҳои дар ҳаёти ҷомеа ва давлат ба вуқӯъ пайвастаро инъикос менамоянд. Меъёр ва падидаҳои ҳуқуқии конститутсионӣ муносибатҳои нав ба нави сохтмони давлатиро танзим намуда, ба талаботи давр онҳоро мувофиқ мегардонанд. Таърихи пайдоиш ва рушди кафедраи ҳуқуқи конститутсионӣ ду давраро дарбар гирифтааст. Дар давраи сохтори шӯравӣ ва давраи соҳибихтиёрии Тоҷикистон соҳаҳои ҳуқуқи конститутсионӣ ва ҳуқуқи маъмурӣ асосҳои сохтори конститутсионӣ, низоми мақомоти ҳокимияти давлатӣ ва идоракуниро муқаррар ва танзим намуда, ба рушди муносибатҳо ва меъёрҳои ҳуқуқӣ – конститутсионӣ ва маъмурӣ мусоидат менамоянд.

**Имомов А.**

**Аннотация**

**Кафедре конституционного права Таджикского национального университета – шестьдесят лет: становление и развитие**

В этом году исполнилось шестьдесят лет образованию кафедры конституционного права ТНУ (бывший кафедра Государственного права и советского строительства). За эти годы кафедра развивался в нескольких направлениях. Учебные курсы кафедры в соответствии с требованиями временны, совершенствуются и отражают происходящие в обществе и государстве перемены. Нормы и институты конституционного права регулируя наиболее важных общественных отношений связанные с государственным устройством, содействуют обеспечению их соответствия с требованиями времени. История создания и развития кафедры охватывает два периода. В период советского строя и в период государственного суверенитета Таджикистана, конституционные и админис-тративные отрасли права, регулируя и закрепляя основы конституционного строя, систему органов государственной власти и управления содействуют развитию конституционных и административно-правовых норм и отношений.

**Imomov A.**

**The summary**

**The department of Constitutional Law of TNU is sixty years old: formation and development**

This year marks the 60th anniversary of the formation of the department of Constitutional Law of TNU (former Department of State Law and Soviet Construction). Over the years, the department has developed in several directions. The training courses of the department in accordance with the requirements are temporary, improved and reflect the changes taking place in society and the state. The norms and institutions of constitutional law, regulating the most important social relations associated with the state system, help to ensure their compliance with the requirements of the time. The history of the creation and development of the department covers two periods. During the period of the Soviet system and during the period of state sovereignty of Tajikistan, the constitutional and administrative branches of law, regulating and fixing the foundations of the constitutional order, the system of state authorities and administration, contribute to the development of constitutional and administrative-legal norms and relations.

**Муқаррizи мақола Ғаюрзода Ш.Қ. – доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, профессор**

**Ғафурзода А. Д*.,Рустамзода Дж. Ю.***

# САМТҲОИ АСОСИИ ТАКМИЛИ МЕХАНИЗМИ ТАНЗИМИ ҲУҚУҚИИ НАЗОРАТИ ДАВЛАТИИ МОЛИЯВӢ ДАР ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

**Калидвожаҳо:** назорати давлатии молиявӣ, ҳуқуқи молиявӣ, волоияти қонун, мақсаднок, функсияи идоракунии давлатӣ, пул, умумидавлатӣ, мақомоти олии назорати давлатии молиявӣ, буҷет, суд, палатаи ҳисоб, мустақилияти мақомоти назорати берунаи молиявӣ, Ҷумҳурии Тоҷикистон, вазорат, идораҳо, назорати андоз, санҷиши андоз, аудит, аудити беруна

**Ключевые слова:** государственный финансовый контроль, финансовое право, правопорядок, целесообразно, функции государственного управления, деньги, общегосударственный, высшие органы государственного финансового контроля, бюджет суд, счётная палата, независимость органов внешнего финансового контроля, Республика Таджикистан, министерства, ведомства, налоговый контроль, налоговая проверка, аудит, внешный аудит

**Keywords:** state financial control, financial law, law and order, expedient, functions of state administration, money, nationwide, supreme bodies of state financial control, budget, court, accounting chamber, independence of external financial control bodies, Republic of Tajikistan, ministries, departments, tax control, tax audit, audit, external audit

Дар айни замон, масъалаи муайян кардани заминаи ҳуқуқии танзими назорати давлатии молиявӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон (минбаъд - ҶТ) ва таҳияи механизми муносиби татбиқи он хеле муҳим мебошад. Гузашта аз ин, то ба имрӯз дар таълимоти ҳуқуқии миллӣ ва қонунгузории кишвар мафҳуми пурра ва амалии "назорати давлатии молиявӣ» вуҷуд надорад. Кушодани ин падида барои рушди минбаъдаи илми ҳуқуқи молиявӣ дар ҶТ аҳамияти калон дорад.

Назорати давлатии молиявӣ яке аз функсияҳои муҳими идоракунии давлатӣ буда, мутобиқи қонунгузории ҶТ амалӣ карда мешавад.

Бояд гуфт, ки дар кишвар қонунҳо ҳамчун воситаи танзими ҳама намудҳои муносибатҳои ҷамъиятӣ, аз ҷумла дар соҳаи буҷет, аҳамияти бебаҳс ва бартарӣ доранд, зеро рушди ҷомеа танҳо тавассути танзими ҳуқуқӣ, одилона ва пайвастаи муносибатҳо имконпазир аст.

Зарурати такмили қонунгузории ҶТ дар соҳаи молиявӣ - буҷетӣ, аз як тараф, таҷриба ва талаботи амалии дар тӯли 20 сол пас аз қабули нахустин

---

*Доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, профессор, Ректори Академияи идоракунии давлатии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон

*Дотсенти кафедраи ҳуқуқи маъмурӣ ва хизмати давлатии ҳамин муассисаи давлатӣ, номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ

Қонуни ҶТ "Дар бораи назорати давлатии молиявӣ" (аз соли 2002) бошад, аз тарафи дигар, дар ҷумҳурӣ ташаккул ёфтани институти назорати давлатии молиявӣ - мақомоти олии назорати давлатии молиявӣ - Палатаи ҳисоби ҶТ мебошад.

Дар Тоҷикистон танзими ҳуқуқии муносибатҳои ҷамъиятӣ дар амалӣ намудани назорати давлатии молиявӣ, риояи қонунгузории соҳаи молиявӣ, такмили мақомоти ҳокимияти маҳаллӣ, шахсони ҳуқуқӣ ва воқеӣ, инчунин самаранок ва мақсаднок истифода бурдани маблағҳои буҷети давлатӣ, дигар амволи давлатӣ, аз ҷумла дурустии баҳисобгирии муҳосибӣ зоҳир мегардад.

Мувофиқи ақидаи Р.В. Колесова, А.В. Юрченко "...дар низоми қонунгузорӣ ва низоми ҳуқуқи ҳар як давлат, санадҳо ва меъёрҳои танзими муносибатҳо дар соҳаи фаъолияти молиявии давлат, шахсони ҳуқуқӣ ва муносибатҳои моликияти шаҳрвандон, аз ҷумла дар амалисозии назорати молиявӣ, муҳиманд."[1]

Тибқи гуфтаи Е.Ю. Гарачева бе истифодаи усули пешқадами ҳуқуқие, ки бо нишондиҳандаҳои исботшуда дар дигар кишварҳо тасдиқ ва асоснок карда шудаанд, такмил додани низоми назорати давлатии молиявӣ хеле мушкил аст.[2]

Дар айни замон, дар кишварҳои хориҷӣ асосҳои ҳуқуқии танзими назорати давлатии молиявӣ ба принсипҳои махсус асос ёфтаанд, ки дар асоси маводи таҷрибавии ҷамъшуда ташаккул ёфтаанд. Мазмуни ин принсипҳо хусусиятҳои расмиёти назорати давлатии молиявиро дар соҳаи муносибатҳои буҷетӣ ба таври возеҳ равшан мекунад. Бисёр давлатҳои муосир, аз ҷумла ҶТ, дар татбиқи ин принсипҳо дар низоми ҳуқуқии худ кӯшиш менамоянд.

Ҳамин тавр, низоми танзими ҳуқуқии назорати давлатии молиявиро дар кишвар ба панҷ сатҳ тақсим кардан мумкин аст: дар сатҳи аввал – Конститутсияи ҶТ; дар сатҳи дуюм – санадҳои ҳуқуқии байналмилалии эътирофнамудаи Тоҷикистон; дар сатҳи сеюм - қонунҳои конститутсионӣ; дар сатҳи чаҳорум – кодексҳо, қонунҳо; дар сатҳи панҷум – санадҳои меъёрии ҳуқуқии зерқонунӣ.

Сатҳи аввал – Конститутсияи ҶТ. Конститутсияи ҶТ меъёрҳои молиявӣ – ҳуқуқиро низ дар бар мегирад. Ин меъёрҳо дар м. 45 муқаррар намудани уҳдадории ҳар як шаҳрванд барои пардохти андозҳо ва пардохтҳои қонунан муқарраршуда, дар м. 59 муқаррар намудани салоҳияти мақомоти давлатӣ оид ба ворид намудани тағйиру иловаҳо ба лоиҳаҳои қонунҳо дар бораи буҷет, бекор кардани андозҳо, м. 60 таъмини ваколатҳои палатаи поёнии парлумони кишвар оид ба қабули Қонуни ҶТ "Дар бораи буҷети давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон" ва назорати иҷрои он, м. 69 салоҳияти Президенти ҶТ-

---

[1]Колесов Р.В., Юрченко А.В. Система государственного финансового контроля Российской Федерации: проблемы и перспективы.- Ярославль: ЯФ МФЮА, 2013.- С. 28.

[2]Грачева Е.Ю. К вопросу о финансовых обязательствах государства // Вестник Университета имени О.Е. Кутафина (МГЮА).- 2016.- № 6.- С. 11.

ро оид ба назорати давлатии молиявӣ бо роҳи баровардани фармонҳо, имзо кардани қонунҳо, таъин ва озод кардани директори Агентии назорати давлатии молиявӣ ва мубориза бо коррупсияи ҶТ, муовини аввал ва муовинони ӯ, раиси Бонки миллии Тоҷикистон, муовинони ӯ, вазири молияи ҶТ ва дигар шахсони расмӣ пешбинӣ мекунад.

Бояд гуфт, ки дигар муқаррароти конститутсионӣ дар Қонуни ҶТ «Дар бораи назорати давлатии молиявӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон» пешбинӣ гардидааст. Тибқи м. 1 қонуни номбурда қонунгузории кишвар дар бораи назорати давлатии молиявӣ ба Конститутсия асосёфта, аз қонуни мазкур, дигар қонунҳо, санадҳои ҳуқуқии байналмилалии эътирофнамудаи Тоҷикистон, фармонҳои Президенти ҶТ дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ иборат аст.

Бояд қайд кард, ки мутобиқи м. 5 Декларатсияи Лима , ки сарчашмаи ҳуқуқи байналмилалии молиявии ҳар як давлат мебошад, пешбинӣ менамояд, ки ҳар як давлати аъзо бояд муқаррароти молиявиро дар сатҳи конститутсияи давлати худ пешбинӣ намояд. Аз ин ҷост, ки дар бисёр конститутсияҳои кишварҳои хориҷӣ муқаррарот дар бораи молия ва мақомоти назорати молиявӣ пешбинӣ гардидааст. Масалан, м. 54 Конститутсияи Ҷумҳурии Исломии Эрон муқаррар кардааст, ки Додгоҳи молиявӣ (Палатаи ҳисоб) мустақиман тобеи Маҷлиси Шӯрои Исломӣ мебошад. Сохтор ва қоидаҳои он дар Теҳрон ва марказҳои вилоятии онро қонун муайян мекунад. Палатаи ҳисоб мутобиқи қонун хулосаи молиявиро дар бораи иҷрои буҷет барои ҳар сол ва дигари ҳуҷҷатҳои молиявиро таҳия ва ба Маҷлиси Шӯрои Исломӣ пешниҳод менамояд. Ин хулосаҳо бояд барои омма пешниҳод ва азнашр баровард шавад (м. 55).[1]

Ҳамин тариқ, ҷомеаи мадании Ҷумҳурии Исломии Эрон барои таҳлили самаранокии идоракунии давлатӣ дар соҳаи молия ва назорати давлатӣ аз болои истифодаи оқилонаи маблағҳои буҷети давлатӣ ҳуқуқ дорад. Инчунин, Конститутсияи ин давлат манбаи ҳуқуқи молиявӣ буда, дигар меъёрҳои молиявиро танзим мекунанд.

Дар Конститутсияи Ҷумҳурии Корея қоидаҳои умумӣ ва талаботҳои ягонаи назорати риоя ва иҷрои қонунҳои кишвар, аз ҷумла тартиби ташаккули лоиҳаи қонун дар бораи буҷет барои ҳар як соли молиявӣ, тартиби муқарраргардидаи марҳилаҳои қабул ва тарзи иҷрои он пешбинӣ гардидааст (м. 54, 56, 57).[2]

Конститутсияи Испания таъсиси мақомоти олии назорати давлатӣ - Палатаи ҳисобро дар сатҳи конститутсия пешбини менамояд (м. 136).[3]

---

[1] Конституция Исламской Республики Иран от 15 ноября 1979 г. [Электронный ресурс] // URL: http: // www.cis-emo.net (Дата обращения: 10.11.2022г.).
[2] Конституция Республики Корея от 17 июля 1948 г. [Электронный ресурс] // URL:http:// konstituciya-yuzhnoi-korei.docx (Дата обращения: 08.11.2022г.).
[3] Конституция Испании от 27 декабря 1978 г. [Электронный ресурс] // URL:http: //https://worldconstitutions.ru (Дата обращения: 08.11.2022г.).

Тибқи Конститутсияи Ҷумҳурии Туркия мақомоти олии назорати давлатии молиявӣ - судӣ ҳисоб мебошад. Дар м. 69 Конститутсияи ин давлат ба таври возеҳ қайд шудааст, ки Суди ҳисоб вазифаҳои гузаронидани аудити даромад ва хароҷотро иҷро мекунад. Суди конститутсионӣ бояд ба татбиқи ин фаъолияти қонунӣ, зарурӣ ва мунтаззам мусоидат намояд. Натиҷаҳои аудит бо қарори Суди конститутсионӣ тасдиқ карда мешавад.[1]

Дар Конститутсияи Федератсияи Россия муқаррар карда мешавад, ки бо мақсади назорати иҷрои буҷети федералӣ, Шӯрои Федератсия ва Думаи Давлатии Россия Палатаи ҳисоби Федератсияи Россияро ташкил менамояд, ки сохтор ва тартиби онро қонуни федералии махсус муайян мекунад.[2]

Ҳамин тариқ, метавон гуфт, ки дар Конститутсияи кишвари мо муқарраротоид ба назорати давлатии молиявӣ мавҷуд нест.

Сатҳи дуюм - санадҳои ҳуқуқии байналмилалие, ки Тоҷикистон онҳоро ба тасвиб расонидааст ва меъёрҳои онҳо дар низоми ҳуқуқии Тоҷикистон татбиқ карда мешаванд. Конститутсияи давлат муайян мекунад, ки санадҳои ҳуқуқии байналмилалие, ки Тоҷикистон онҳоро эътироф кардааст, ҷузъи таркибии низоми ҳуқуқии ҷумҳурӣ мебошад. Ин маънои онро дорад, ки Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олӣ, санадҳои ҳуқуқии байналмилалӣ - конвенсияҳо, эъломияҳо, паймонҳо ва ғайраро тасдиқ менамояд, ки қисми таркибии низоми ҳуқуқии ҷумҳуриро ташкил медиҳанд.

Дар бастани санадҳои ҳуқуқии байналмилалие, ки ҶТ онҳоро расман эътироф кардааст, Қарори Шӯрои сарони давлатҳои ИДМ аз 26 - уми августи соли 2005 "Дар бораи Шӯрои байнидавлатии роҳбарони мақомоти олии назорати молиявии давлатҳои аъзои Иттиҳоди Давлатҳои Мустақил Давлатҳои мустақил" хело муҳим мебошад.

Мазмуни Қарори мазкур аз он иборат аст, ки Шӯрои роҳбарони мақомотҳои олии назоратӣ бо мақсади дастгирии ташкилии ҳамкориҳои байни мақомотҳои олии аудитии ИДМ, ҳамоҳангсозии ҳамкориҳои онҳо ва табодули таҷриба таъсис дода мешавад (б. 1.1.).

Дар айни замон, як қисми ҳукумати байнидавлатӣ ба Шӯрои намояндагони кишварҳои ИДМ аъзо мебошанд, ки инҳоянд: Россия, Арманистон, Беларус, Қазоқистон, Қирғизистон, Молдова ва Тоҷикистон.

Дар низоми танзими санадҳои байналмилалии назорати давлатии молиявӣ нақши Эъломияи Лима оид ба принсипоҳои роҳбарикунандаи назорат, ки дар Конгресси IX Созмони байналмилалии мақомоти олии назорати молиявӣ (ИНТОСАИ) дар шаҳри Лима (Ҷумҳурии Перу) аз соли 1977 қабул гардидааст, муҳим мебошад.[3] Ин Эъломия яке аз санадҳои муҳими

---

[1] Конституция Турецкой Республики от 7 ноября 1982 г. [Электронный ресурс] // URL:https://worldconstitutions.ru (Дата обращения: 08.11.2022г.).

[2] Конституция Российской Федерации. Принята всенародным голосованием 12 декабря 1993 г. (с изм. от 21 июля 2014 г. № 11-ФКЗ) // СЗ РФ. 2014. № 31, ст. 4398.

[3] Лимская декларация руководящих принципов контроля. Принята в г. Лиме (Республика Перу) 17 – 26 октября 1977 г. IX Конгрессом Международной организации высших органов финансо-

байналмилалӣ мебошад, ки масъалаи мустақилияти мақомоти олии назорати давлатии молиявӣ ва дигар принсипҳои назоратиро дар ин самт пешбинӣ менамояд.

Ҳамин тавр, тибқи м. 5 Эъломияи Лима оид ба принсипҳои роҳбарикунандаи назорат, мақомоти олии назоратӣ метавонанд вазифаҳои ба зиммаашон гузошташударо танҳо ҳангоми самарабахш анҷом диҳанд, ки агар онҳо аз ташкилотҳои санҷидашаванда мустақил ва аз таъсири бегона ҳифз шуда бошанд. Ҳарчанд мақомоти давлатӣ наметавонанд ба таври мутлақ мустақил бошанд, зеро дар маҷмӯъ як қисми давлат ба ҳисоб мераванд, мақоми олии назоратӣ бояд ба дорои мустақилияти функсионалӣ ва ташкилие бошад, ки барои иҷрои вазифаҳои ба зиммааш гузошташуда зарuranд. Таъсиси мақоми олии назоратӣ ва дараҷаи зарурии мустақилияти он метавонад дар Конститутсия муайян гардида, ҷузъиёти он тибқи қонуни дахлдор муқаррар карда шавад. Аз ҷумла, ҳифзи дахлдори ҳуқуқии Суди олӣ бояд муқобили ҳама гуна дахолат, ки мустақилият ва ваколатҳои назоратии мақоми олии назоратиро халалдор менамояд, кафолат дода шавад.

Дар м. 16 Эъломияи мазкур муқаррарот оид ба ҳисоботдиҳӣ дар назди Парламент ва аҳли ҷомеа пешбинӣ гардидааст, ки мувофиқи он мақоми олии назоратӣ бояд тибқи Конститутсия ваколатдор карда шавад, ки ҳама сола гузориши худро оид ба ҷамъбаст ва хулосаҳо оид ба натиҷаи санҷишҳои гузаронидашударо мустақиман ба Парламент ё дигар мақомоти салоҳиятноки давлатӣ пешниҳод намояд. Ин гузориш бояд нашр карда шавад. Чунин амал пахши иттилооти васеъро таъмин намуда, баҳсро ба миён меорад ва ба ин васила барои татбиқи хулоса ва тавсияҳои мақоми олии назоратӣ фазои муносиб фароҳам мегардад. Мақоми олии назоратӣ, инчунин бояд ваколатдор бошад, ки ҳисоботи худро вобаста ба корҳои муҳим бевосита баъди хатми онҳо ба Парламент ирсол намояд ва мунтазири фаросии мӯҳлати пешниҳоди ҳисоботи солона набошад. Ҳисоботи солона бояд тамоми фаъолияти мақоми олии назоратиро дар бар гирад. Танҳо дар сурати мавҷуд будани манфиатнокӣ ҷиҳати ҳифзи муҳтавои гузориш аз ошкор шудани он мақоми олии назоратӣ бояд қиёс кунад, ки кадоме муҳимтар аст – қонеъгардонии ҳамин манфиат ё ошкор намудани далелҳои пешниҳодшуда.

М. 25 Эъломияи Лима оид ба принсипҳои роҳбарикунандаи назорат масъалаи назорати созмонҳои байналмилалӣ ва ташкилотҳои гуногунмиллатро муқаррар менамояд. Тибқи он ташкилотҳои байналмилалӣ ва гуногунмиллат, ки хароҷоти онҳо аз ҳисоби ҳиссаи кишварҳои аъзо пӯшонида шаванд, гузаронидани санҷиши мустақили берунаро тақозо менамояд, ба мисли он ки дар кишварҳои алоҳида доир мегарданд. Ҳарчанд чунин санҷишҳо бояд бо назардошти сохтор ва вазифаҳои ташкилотҳои дахлдор анҷом дода шаванд, онҳо низ тибқи ҳамон самте гузаронида мешавад,

---

вого контроля (ИНТОСАИ) [Электронный ресурс] // Официальный сайт Счетной палаты РТ. URL: http:// www.sai.tj (Дата обращения: 12.01.2021г.).

ки ба мисли тафтиш дар сатҳи баланд дар кишварҳои аъзо ҳамин ташкилотҳо доир мегардад. Барои он ки мустақилияти чунин санҷишҳо таъмин гардад, аъзои комиссияи назоратии беруна бояд асосан аз ҳисоби ҳайати мақомоти олии назоратӣ таъин карда шаванд.

Эъломияи Мексикӣ дар бораи мустақилияти мақомоти олии назорати давлатии молиявӣ дар шаҳри Мехико соли 2007 қабул карда шудааст.[1]

Ҳадафи асосии ин эъломия эълон кардани мустақилияти мақомоти олии назорати давлатии молиявӣ дар сатҳи Конститутсияи мамлакат мебошад. Дар ин Эъломия ҳашт принсипи асосии мустақилияти мақомоти олии назорати давлатии молиявӣ ва шароити асосии назорати беруна пешбинӣ гардидааст.

Сатҳи сеюм – қонунҳои конститутсионӣ. Қонуни конститутсионӣ санади меъёрии ҳуқуқие мебошанд, ки муносибатҳои муҳими ҷамъиятиро ба танзим медароранд. Ба ҳуқуқи молиявӣ низ қонунҳои конститутсионӣ рабт доранд, ки предмети танзим ва тартиби қабули онҳоро Конститутсия ҶТ пешбинӣ менамояд. Ин пеш аз ҳама қонунҳои зерин мебошанд: Қонуни конститутсионии ҶТ «Дар бораи Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон» аз 12 - уми майи соли 2001, Қонуни конститутсионии кишвар «Дар бораи Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон» аз 19 – уми апрели соли 2000, Қонуни конститутсионии ҶТ «Дар бораи мақомоти маҳаллии ҳокимияти давлатӣ» аз 17 – уми майи соли 2004.

Сатҳи чорум – кодексҳо, қонунҳо. Дар низоми ҳуқуқи молиявӣ мавкеи асосиро кодексҳо ва қонунҳо ташкил медиҳанд. Ба сифати мисол пеш аз ҳама Кодекси андози ҶТ, ки аз 23 – уми декабри соли 2021 қабул карда шудааст, баромад мекунад.

Аҳамияти муҳими ҳуқуқии Кодекси андози кишвар ҳамчун сарчашмаи назорати давлатии молиявӣ аз он иборат аст, ки дар он масъалаҳои муҳим, аз қабили муқаррар намудан, тағйир додан, бекор кардан, ҳисоб ва пардохт намудани андозҳо, муносибатҳои байни давлат ва андозсупорандагон (агенти андоз) вобаста ба иҷрои уҳдадориҳои андоз инчунин сохтори ташкилии мақомоти андоз ва шаклҳои ташкилии онҳо, ҳуқуқу уҳдадориҳои онҳо, шаклу усулҳои назорати андоз ва ҷавобгарӣ барои вайрон кардани қонунгузории андоз ва ғайра пешбинӣ гардидаанд.[2]

Боби 7 Кодекси андози давлат ба масъалаи назорати пардохти андозҳо, санҷишҳои андоз ва дигар шаклҳои назорати андоз бахшида шудааст.

Ҳамин тавр, м. 41 Кодекси андози ҷумҳурӣ назорати андоз аз рӯи ба буҷет ворид шудани андозҳоро пешбинӣ менамояд, ки мувофиқи он назорати

---

[1] Мексиканская декларация о независимости высших органов финансового контроля. Принята XIX Конгрессом Международной организации высших органов финансового контроля (ИНТОСАИ) в г. Мехико в ноябре 2007 г.

[2] Кодекси андози Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 23 – юми декабри соли 2021, № 1844. [Захираи электронӣ] // URL : http : // mmk . tj. (Санаи дастрасӣ: 02.02.2022с.).

андозӣ шакли назорати давлатӣ буда, танҳо аз ҷониби мақомоти андоз гузаронида мешавад. Ба истиснои муқаррароти қисми 2 ҳамин модда аз ҷониби дигар мақомоти назоратӣ ва ҳифзи ҳуқуқ гузаронидани назорати андозӣ манъ мебошад. Қисми 3 моддаи мазкур шаклҳои зерин назорати андозро, ки аз ҷониби мақомоти андоз амалӣ карда мешавад, пешбинӣ менамояд: назорати камералӣ; муоинаи хронометражӣ; назорати иловагии молҳои зераксизӣ ва фаъолияти дигар; назорати низоми рамзгузории электронии молҳо; санҷиши сайёри андоз; санҷиши амалиётӣ; мониторинги андозӣ; нархгузории трансфертӣ ва бозорӣ.

Дар замони ҳозира, дар баробари Кодекси андоз мавқеи назаррасро дар байни сарчашмаҳои назорати давлатии молиявӣ Кодекси гумруки ҶТ ишғол менамояд. Дар он муқаррарот оиди маблағи боҷҳои воридотӣ, андозҳо ва дигар пардохтҳои ҳатмӣ ба буҷет, ки дар ҳудуди давлат ҳангоми воридот ё фурӯши он супурда мешаванд, пешбинӣ гардидааст.

Бояд қайд намуд, ки фасли 4 Кодекси зикршуда ба масъалаи назорати гумрукӣ бахшида шудааст. Тибқи м. 399 Кодекси баёншуда усулҳои гузаронидани назорати гумрукӣ муқаррар шудааст, ки ҳангоми назорати гумрукӣ мақомоти гумрук усулҳои интихобиро асос мекунанд ва одатан танҳо бо ҳамон навъи назорати гумрукӣ маҳдуд мешаванд, ки барои таъмини риояи қонунгузории гумруки ҶТ кифоя аст. Ҳангоми интихоби навъи назорати гумрукӣ усули идора намудани таваккал истифода мешавад. Дар ин ҳолат таҳти мафҳуми таваккал эҳтимоли риоя нагардидани қонунгузории гумруки ҶТ фаҳмида мешавад.[1]

Дар баробари қодексҳо, сатҳи ҷоруми низоми санадҳои меъёрии ҳуқуқиеро, ки ба масъалаи танзими назорати давлатии молиявӣ бахшида шудааст, қонунҳо ташкил медиҳанд. Ба сифати чунин қонунҳо баромад мекунанд: "Дар бораи молияи давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон", «Дар бораи назорати давлатии молиявӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон», "Дар бораи Палатаи ҳисоби Ҷумҳурии Тоҷикистон", "Дар бораи Агентии назорати давлатии молиявӣ ва мубориза бо коррупсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон", "Дар бораи фаъолияти аудиторӣ", "Дар бораи Буҷети давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои соли 2022", "Дар бораи баҳисобгирии муҳосибӣ ва ҳисоботи молиявӣ", "Дар бораи танзими асъор ва назорати асъор" ва ғайра.

Ҷои намоёнро дар танзими муносибатҳо вобаста ба назорати давлатии молиявӣ Қонуни ҶТ «Дар бораи назорати давлатии молиявӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон» ишғол менамояд. Қонуни мазкур аз дебоча, панҷ боб ва бисту панҷ модда иборат мебошад. Меъёрҳои он принсипҳо, асосҳои ҳуқуқӣ ва иқтисодии ташкил ва татбиқи назорати давлатии молиявӣ, ташкили санҷишу тафтиши воридот ва истифодаи самарабахши маблағҳои буҷети давлатӣ,

---

[1] Кодекси гумруки Ҷумхурии Тоҷикистон аз 3 - юми декабри соли 2004, №62. [Захираи электронӣ] // URL: http : // mmk . tj. (Санаи дастрасӣ: 02.02.2021с.).

фондҳои давлатӣ, қарзҳое, ки аз тарафи Ҳукумати ҶТ ва таҳти кафолати он ҷалб карда мешаванд, дар бар мегирад.

Мувофиқи м. 6 Қонуни номбурда ташкил ва банақшагирии фаъолияти назоратӣ пешбинӣ гардидааст, ки мувофиқи он фаъолияти назоратӣ дар асоси нақшаҳои ду солаи тафтишотии комплексӣ ва нақшаҳои солонаи санҷишҳои мавзӯӣ, ки бинобар зарурати таъмини назорати бонизоми ҳамаҷонибаи истифодаи воситаҳои давлатӣ ва амволи давлатӣ, бо назардошти ҳамаи самтҳои фаъолияти тафтишотӣ тартиб дода шудааст, созмон дода мешавад.

Банақшагирӣ дар асоси меъёрҳои техникию иқтисодӣ, стандартҳои назоратӣ ва тафтишотӣ, дастурҳои методӣ анҷом дода мешавад. Нақшаи тафтишот ва санҷишҳои мавзӯӣ аз ҷониби Президенти ҶТ тасдиқ карда мешавад.

Чорабиниҳои назоратии ғайринақшавӣ бо дастури Президенти ҶТ ё ҳангоми дархости мақомоти ҳифзи ҳуқуқ аз рӯи парвандаҳои ҷиноятии оғозгардида дар асоси фармони роҳбарияти мақоми назоратӣ гузаронида мешаванд.

Санҷиши мавзӯии соҳибкорони инфиродӣ ва шахсони ҳуқуқии ғайридавлатӣ оид ба гирифтан, гузаронидан ё истифодаи маблағҳои давлатӣ, фондҳои давлатӣ, қарзҳои аз тарафи Ҳукумати ҶТ ва ё бо кафолати ӯ ҷалбшаванда, аз ҷониби мақомоти назорати давлатии молиявӣ мутобиқи талаботи Қонуни ҶТ «Дар бораи санҷиши фаъолияти субъектҳои хоҷагидор дар Ҷумҳурии Тоҷикистон» танҳо оид ба ҳамин маблағҳо ба амал баровварда мешавад. Санҷиши фаъолияти шахсони ҳуқуқии давлатӣ бо тартиби муқаррарнамудаи қонуни мазкур татбиқ карда мешавад.

Дар м. 7 Қонуни ҶТ «Дар бораи назорати давлатии молиявӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон» ба тариқи умумӣ ваколатҳои мақоми назоратӣ пешбинӣ гардидааст, ки мақоми назорат ҳуқуқ дорад, ки тафтишот ва санҷишҳо доир намояд, инчунин, самарабахшии истифодаи маблағҳо ва амволи давлатиро дар ҳамаи мақомоти давлатӣ, ташкилоту муассисаҳо ва корхонаҳои давлатӣ анҷом диҳад.

Ваколатҳои назоратӣ, ҳамчунин, нисбати мақомоти ҳокимияти давлатӣ дар маҳалҳо, шахсони воқеӣ ва ҳуқуқӣ, сарфи назар аз шакли моликият, агар онҳо маблағҳоро аз буҷети давлатӣ гиранд, ба воситаи суратҳисобҳо гузаронанд ё истифода баранд, моликияти давлатиро истифода ё идора намоянд, татбиқ мегардад.

Тафтишот на зиёда аз як бор дар ду сол ва санҷишҳои мавзӯӣ мутобиқи нақшаи солонаи тасдиқгардида дар маҳалли ҷойгиршавии объекти тафтишшаванда дар асоси фармони роҳбарияти мақоми назоратӣ дар бораи гузаронидани тафтишот ё санҷиш анҷом дода мешавад.

Дигар санади муҳим дар ин самт Қонуни ҶТ «Дар бораи молияи давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон» мебошад. Боби 12 он, ки “назорати давлатии молиявӣ ва аудит” номгузорӣ шудааст, пешбинӣ менамояд, ки назорати давлатии молиявӣ ва аудитро мақомоти ҳокимият ва идоракунии давлатӣ, мақомоти маҳаллии ҳокимияти давлатӣ, мақомоти ваколатдори давлатӣ дар

соҳаи назорати давлатии молиявӣ, Вазорати молияи ҶТ, мақомоти молияи маҳаллӣ, тақсимкунандагони асосӣ ва тақсимкунандагони маблағҳои буҷетӣ амалӣ менамоянд. Шакл ва тартиби назорати давлатии молиявӣ ва аудитро, ки аз ҷониби мақомоти дахлдор амалӣ мешаванд, қонунгузории ҶТ муқаррар менамояд.

Сатҳи панҷум – санадҳои меъёрии ҳуқуқии зерқонунӣ. Дар замони ҳозира, дар баробари қонунҳо мавқеи муҳимро низ санадҳои зериқонунӣ низ ташкил менамоянд. Дар танзими фаъолияти назорати давлатии молиявӣ нақши муҳимро Фармонҳои меъёрии умумиҳатмии Президенти ҶТ ташкил медиҳанд. Масалан, Фармони Президенти ҶТ "Дар бораи Агентии назорати давлатии молиявӣ ва мубориза бо коррупсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон" аз 10 – уми январи соли 2007, Фармони Президенти ҶТ “Дар бораи ташкили Палатаи ҳисоби Ҷумҳурии Тоҷикистон" аз 12 – уми декабри соли 2011, Фармони Президенти ҶТ “Дар бораи тасдиқи Стратегияи идоракунии хавфҳои фискалии корхонаҳои давлатӣ барои солҳои 2016-2020” аз 15 – уми сентябри соли 2016 ва ғайра.

Дигар санади меъёрии ҳуқуқии зерқонунӣ, ки ҳамчун асоси танзими назорати давлатии молиявиро ташкил медиҳанд, қарорҳои Ҳукумати кишвар мебошанд. Масалан, қарори Ҳукумати ҶТ “Дар бораи Вазорати молияи Ҷумҳурии Тоҷикистон” аз 23 – уми апрели соли 2015, қарори Ҳукумати ҶТ дар бораи Дастурамал оид ба тартиби пардохти хароҷоти сафарҳои хизматии хизматчиёни давлатӣ ва кормандони ташкилоту муассисаҳои давлатӣ ба кишварҳои хориҷӣ, инчунин дар дохили ҶТ аз 31 – уми январи соли 2015, қарори Ҳукумати ҶТ дар бораи тасдиқи Стратегия рушди назорати давлатии молиявии дохилӣ дар ҶТ, аз 25 - уми марти соли 2007 ва ғайра.

Дар баробари қарорҳои Ҳукумати ҶТ, дастурамалҳои Вазорати молияи ҶТ ва санадҳои Бонки миллии Тоҷикистон (БМТ) низ мавқеи назаррас доранд. Дар байни онҳо мавқеи асосиро дастурҳои Вазорати молияи ҶТ ишғол менамоянд, ки инҳоянд: Дастурамал оид ба таҳия намудани самтҳои асосии сиёсати молиявӣ ва Буҷети давлатии ҶТ барои солҳои 2014-2016”, ки бо қарори Ҳукумати ҶТ аз 13 – уми декабри соли 2013 тасдиқ шудааст, Дастурамал оиди тартиби таҳия намудани шаклҳои ҳисоботи молиявие, ки мутобиқи Стандартҳои миллӣ ва байналмилалии ҳисоботи молиявӣ тартиб дода шудаанд, аз 27 – уми майи соли 2011, Фармоиши Вазорати молияи ҶТ оид ба шаклҳои ҳуҷҷатҳои аввалияи баҳисобгирии муҳосибӣ ва регистрҳои баҳисобгирии муҳосибӣ дар муассисаҳои буҷетӣ ва субъектҳои хоҷагидории ҶТ, аз 25 - уми декабри соли 2010 ва ғайра.

Дар танзими муносибатҳои соҳаи молиявӣ нақши санадҳои зерқонунии БМТ назаррас аст, ки номбар намуданашон ба мақсад мувофиқ аст: Дастурамал “Оид ба корҳои хазинавӣ дар БМТ ва ташкилотҳои қарзии молиявӣ,” аз 15 - уми ноябри соли 2017, Дастурамал "Дар бораи кушодан, азнав ба расмият даровардан ва бастани суратҳисобҳои бонкӣ аз тарафи ташкилоти қарзии молиявӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон,” аз 28 – уми апрели

соли 2011, Дастурамал “Дар бораи талабот ба нашри маълумот аз ҷониби ташкилотҳои қарзии молиявӣ,” аз 30 – юми сентябри соли 2011, Дастурамал “Дар бораи талаботи сармоягузории ташкилотҳои қарзӣ ба сармояи дигар шахсони ҳуқуқӣ,” аз 21 – уми июни соли 2007.

Ҳамчунин, дар фаъолияти назорати давлатии молиявӣ як қатор санадҳои БМТ аз қабили роҳнамою тавсияҳо амал мекунанд. Масалан, Роҳнамо “Дар бораи амалӣ намудани назорати маҷмӯӣ,” аз 26 – уми июли соли 2005, Роҳнамо “Дар бораи ташкили низоми идоракунии хавфҳо ва назорати дохилӣ дар ташкилотҳои қарзӣ” аз 16 – уми майи соли 2019, Тавсияҳо оид ба истифодаи бехатари картаҳои пардохтии бонкӣ, аз 26 – уми апрели соли 2012, Тавсияхо дар хусуси додани қарз ба субъектнонӣ соҳаи кишоварзӣ, аз 19 - уми марти соли 2008.

Дар низоми ҳуқуқии танзими назорати давлатии молиявӣ нақши дастурамалҳои Палатаи ҳисоби ҶТ ҳамчун санади зерқонунӣ хело муҳим мебошанд. Масалан, Дастурамал оид ба асосҳои таъмини методологии фаъолияти Палатаи ҳисоби ҶТ, аз 27 – уми июли соли 2017, Дастурамал оид ба гузаронидани аудити молиявӣ, аз 27- уми июли соли 2017, Дастурамал оид ба тартиби гузаронидани санҷиши иҷрои буҷети давлатӣ ва омода намудани хулосаи Палатаи ҳисоби ҶТ ба ҳисоботи солонаи Ҳукумати ҶТ дар бораи иҷрои буҷети давлатӣ дар соли молиявии ҳисоботӣ, соли 2013, Дастурамал оид ба тартиби банақшагирии гузаронидани санҷишҳои аудитории Палатаи ҳисоби ҶТ, аз соли 2013, Дастурамал оид ба тартиби омода намудани хулосаи Палатаи ҳисоби ҶТ ба лоиҳаи Қонуни ҶТ "Дар бораи Буҷети давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои соли навбатӣ ва дурнамои давраи ду сола," аз 5 – уми марти соли 2013, Стратегияи рушди Палатаи ҳисоби ҶТ барои солҳои 2019-2023 ва ғайра.

Дар банди 1.1. Дастурамал оид ба тартиби гузаронидани санҷишҳои аудитории Палатаи ҳисоби ҶТ мазмуни санҷиши аудиторӣ дарҷ гардидааст, ки мувофиқи он санҷиши аудиторӣ як шакли ташкил ва амалӣ намудани фаъолияти назоратию санҷишӣ мебошад, ки тавассути он вазифа ва ваколатҳои Палатаи ҳисоб дар бахши назорати давлатии молиявӣ татбиқ ва таъмин мегардад.

Дар маҷмӯъ, ҳамаи санадҳои дар боло овардашуда, низоми асосҳои ҳуқуқии назорати давлатии молиявиро дар ҷумҳурӣ ташкил медиҳанд.

Дар асоси таҳлили маводҳои илмӣ хулоса кардан лозим аст, ки дар Тоҷикистон ҳанӯз ҳам танзими механизми назорати давлатии молиявӣ дар сатҳи зарурӣ ба роҳ монда нашудааст. Меъёрҳои дар санадҳои ҳуқуқии мавҷудбуда (кодексҳо, қонунҳо, алалхусус Қонуни ҶТ "Дар бораи назорати давлатии молиявӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон" ва ғайра) ба танзими фаъолияти назорати давлатии молиявӣ кифоя намекунанд. Бо мақсади муттаҳид намудани заминаҳои меъёрии ҳуқуқӣ ва такмили механизми танзими назорати давлатии молиявӣ дар ҶТ, ба андешаи мо тадбирҳои зерин бояд амалӣ карда шаванд.

1. Таҷрибаи аксар кишварҳои пешрафта, аз ҷумла Фаронса, Шветсария, Олмон, Ҷумҳурии Туркия, Ҷумҳурии Исломии Эрон, Федератсияи Россия нишон медиҳанд, ки давлат дар соҳаи назорати давлатии молиявӣ ҳамон вақт муваффақ шуда метавонад, ки агар дар сатҳи Конститутсияи кишвар вазъи ҳуқуқии мақомоти олии назорати давлатии молиявиро муқаррар намояд. Ҳамчунин, бояд гуфт, ки масъалаи дар сатҳи Конститутсия муқаррар намудани мақоми мақомоти олии назорати давлатии молиявӣ ба тариқи возеҳ дар м. 5 Эъломияи Лима оид ба принсипҳои роҳбарикунандаи назорат пешбинӣ гардидааст. Аз эҳтимол дур нест, ки бо назардошти ворид гардидани тағйиру иловагиҳо мақоми Палатаи ҳисоби ҶТ ҳамчун мақоми олии назорати давлатии молиявӣ дар Конститутсияи кишвар муқаррар карда шавад, зеро маҳз Палатаи ҳисоб ваколати гузаронидани аудити мустақили берунаро оид ба баҳодиҳӣ ба иҷрои буҷети давлатӣ дорад.

2. Дигар масъалае, ки таваҷҷуҳи моро ҷалб кардааст, ин ташаккули институти масъулият барои ҳуқуқвайронкунӣ дар соҳаи молиявӣ – буҷетӣ мебошад. Қайд кардан ба маврид аст, ки дар қонунгузории ҶТ ягон меъёре дида намешавад, ки масъулиятро барои риоя накардани талаботҳои мақомоти назорати давлатии молиявӣ, яъне саркашӣ аз пешниҳод ё пешниҳоди иттилооти нопурра ё нодуруст пешбинӣ карда бошад.

Дар айни замон, заминаи ҳуқуқии танзими ҷавобгарӣ барои ҳуқуқвайронкуниҳо дар соҳаи қонунгузории молиявӣ – буҷетии ҶТ камбудиҳои назаррас дорад. Тавре, ки амалия нишон медиҳад, то имрӯз баъзе далелҳои манфӣ ошкор карда шуданд, ки маблағҳои ҷудошудаи буҷети давлат мувофиқи таъиноти худ истифода намешуданд. Ғайр аз ин, дар ҶТ далелҳои азхудкунии маблағҳои буҷети давлатӣ бештар ба назар мерасад, ки ҳар сол дар ҳисоботҳои Палатаи ҳисоб қайд мешаванд.

Дар Кодекси ҳуқуқвайронкунии маъмурии ҶТ ва дар дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқии ҷумҳурӣ дар ин самт масъалаи муқаррароти ҳуқуқвайронкунии маъмурӣ, яъне ҷавобгарии маъмурӣ барои истифодаи ғайримақсадноки фондҳои маблағҳои пулӣ ва дигар захираҳои молиявӣ аз буҷети ҷумҳуриявӣ, буҷетҳои маҳаллӣ ва фондҳои мақсадноки давлатӣ дида намешавад.

Дар ин замина, ба мақсад мувофиқ медонем, ки минбаъд ба Қонуни ҶТ "Дар бораи молияи давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон" тағйиру иловаҳо ворид карда, моддаи алоҳида оиди масъулият барои истифодаи ғайримақсадноки фондҳои маблағҳои пулӣ ва дигар захираҳои молиявӣ аз буҷети ҷумҳуриявӣ, буҷетҳои маҳаллӣ ва фондҳои мақсадноки давлатӣ пешбинӣ карда шавад.

**Адабиёт:**

1. Грачева Е.Ю. К вопросу о финансовых обязательствах государства // Вестник Университета имени О.Е. Кутафина (МГЮА). - 2016.- № 6.- С. 3 - 17.

2. Колесов Р.В., Юрченко А.В. Система государственного финансового контроля РФ: проблемы и перспективы. -Ярославль : ЯФ МФЮА, 2013.

3. Конституция Исламской Республики Иран от 15 ноября 1979 г. [Электронный ресурс] // URL: http: // www.cis-emo.net.
4. Конституция Республики Корея от 17 июля 1948 г. [Электронный ресурс] // URL:http:// konstituciya-yuzhnoi-korei.docx.
5. Конституция Испании от 27 декабря 1978 г. [Электронный ресурс] // URL:http: //https://worldconstitutions.ru.
6. Конституция Турецкой Республики от 7 ноября 1982 г. [Электронный ресурс] // URL:https://worldconstitutions.ru
7. Конституция Российской Федерации. Принята всенародным голосованием 12 декабря 1993 г. (с изм. от 21 июля 2014 г. № 11-ФКЗ) // СЗ РФ. 2014. № 31, ст. 4398.
8. Кодекси андози Ҷумҳурии Тоҷикистон, аз 23 – юми декабри соли 2021, № 1844. [Захираи электронӣ] // URL : http : // mmk . tj.
9. Кодекси гумруки Ҷумҳурии Тоҷикистон, аз 3 – юми декабри соли 2004 №62. [Захираи электронӣ] // URL : http : // mmk . tj.
10. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи назорати давлатии молиявӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон», аз 2 – юми декабри соли 2002, №66. [Захираи электронӣ] // URL : http : // mmk . tj.
11. Лимская декларация руководящих принципов контроля. Принята в г. Лиме (Республика Перу) 17 – 26 октября 1977 г. IX Конгрессом Международной организации высших органов финансового контроля (ИНТОСАИ) [Электронный ресурс] // Официальный сайт Счетной палаты РТ. URL: http:// www.sai.tj

**Ғафурзода А. Д.,Рустамзода Дж. Ю.**
**Фишурда**

**Самтҳои асосии такмили механизми танзими ҳуқуқии назорати давлатии молиявӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон**

Зарурати такмили заминаи қонунгузории ҶТ дар соҳаи молиявӣ - буҷетӣ, аз як тараф, таҷриба ва талаботи амалии дар тӯли 20 сол пас аз қабули якумин Қонуни ҶТ "Дар бораи назорати давлатии молиявӣ" (аз соли 2002) бошад, аз тарафи дигар, дар ҷумҳурӣ ташаккул ёфтани институти назорати давлатии молиявӣ - мақомоти олии назорати давлатии молиявӣ - Палатаи ҳисоби ҶТ мебошад. Дар Тоҷикистон танзими ҳуқуқии муносибатҳои ҷамъиятӣ дар амалӣ намудани назорати давлатии молиявӣ аз болои риояи қонунгузории соҳаи молиявӣ аз ҷониби мақомоти давлатӣ, мақомоти ҳокимияти маҳаллӣ, шахсони ҳуқуқӣ ва воқеӣ, инчунин самаранок ва мақсаднок истифода бурдани маблағҳои буҷети давлатӣ, дигар амволи давлатӣ, аз ҷумла дурустии баҳисобгирии муҳосибӣ зоҳир мегардад.Муаллифон ба хулоса меоянд, ки дар Тоҷикистон ҳанӯз ҳам танзими механизми назорати давлатии молиявӣ дар сатҳи зарурӣ ба роҳ монда нашудааст. Меъёрҳои дар санадҳои ҳуқуқии мавҷудбуда (кодексҳо, қонунҳо, алалхусус Қонуни ҶТ "Дар бораи назорати давлатии молиявӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон" ва ғайра) ба танзими фаъолияти назорати давлатии молиявӣ кифоя намекунанд. Бо мақсади муттаҳид намудани заминаҳои меъёрии ҳуқуқӣ ва такмили механизми танзими назорати

давлатии молиявӣ дар ҶТ, ба андешаи муаллифон бояд тадбирҳои самаранок амалӣ карда шаванд.

**Гафурзода А. Д., Рустамзода Дж. Ю.**

**Основные направления совершенствования механизма правового регулирования государственного финансового контроля в Республике Таджикистан**

Потребность в улучшении законодательной базы РТ в сфере финансово - бюджетных отношений обусловлена, с одной стороны, наработанным за 20 лет, с момента принятия первого (в 2002 г.) Закона РТ «О государственном финансовом контроле» опытом и потребностями практической деятельности, а с другой стороны, образованием в республике высшего органа государственного финансового контроля - Счетной палаты РТ. Это требование времени реализовалось принятием за последние годы ряда важнейших законодательных актов, регулирующих отношения в этой сфере. В Таджикистане правовое регулирование общественных отношений проявляется при осуществлении государственного финансового контроля за соблюдением органами управления, местными органами власти, юридическими и физическими лицами государственного финансового законодательства РТ, а также эффективным и целевым использованием государственных бюджетных средств, государственного имущества, в том числе правильностью ведения бухгалтерского учета и отчетности. Авторы приходят к выводу о том, что в Таджикистане пока не сформировался должный уровень современного правового обеспечения механизма государственного финансового контроля в сфере бюджетных отношений, что существенно затрудняет его развитие. Нормы, содержащихся в отдельных правовых актах (Закон РТ «О государственном финансовом контроле в Республике Таджикистан» и др.) и регламентирующих контрольную деятельность, оказывается недостаточными. В целях унификации нормативной правовой базы и совершенствования механизма правового регулирования государственного финансового контроля в Таджикистане должно быть осуществлено необходимые мероприятия.

**Gafurzoda A. D., Rustamzoda J. Y.**

**The summary**
**Main directions of improving the mechanism of legal regulation of state financial control in the Republic of Tajikistan**

The need to improve the legislative framework of the Republic of Tajikistan in the field of financial and budgetary relations is due, on the one hand, to the experience gained over 20 years since the adoption of the first (in 2002) Law of the Republic of Tajikistan “On State Financial Control”, and the needs of practical activities, and on the other hand , the formation in the republic of the highest body of state financial control - the Accounts Chamber of the Republic of Tatarstan. This requirement of the time was realized by the adoption in recent years of a number of important legislative acts regulating relations in this area. In Tajikistan, the legal regulation of public

relations is manifested in the implementation of state financial control over compliance by government bodies, local authorities, legal entities and individuals with the state financial legislation of the Republic of Tajikistan, as well as the effective and targeted use of state budget funds, state property, including the correctness of accounting and reporting. The author comes to the conclusion that Tajikistan has not yet formed the proper level of modern legal support for the mechanism of state financial control in the field of budgetary relations, which significantly complicates its development. The norms contained in separate legal acts (Law of the Republic of Tajikistan “On State Financial Control in the Republic of Tajikistan”, etc.) and regulating control activities are not enough. In order to unify the regulatory legal framework and improve the mechanism of legal regulation of state financial control in Tajikistan, the necessary measures should be taken.

**Муқарризи мақола Ғаюрзода Ш.К. – доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, профессор**

**Ойев Х.***

## ШАРТНОМАИ МАЪМУРӢ: МАФҲУМ, ХУСУСИЯТ ВА ВАЗИФАҲО

**Калидвожаҳо:** шартномаи маъмурӣ, аҳд, созишнома, қонун, идоракунии давлатӣ, функсияи идоракунии давлатӣ, ҳокимияти иҷроия, вазорат, агентӣ, мақомоти худидораи маҳаллӣ, шахсони ҳуқуқӣ, қонунгузорӣ, ваколат, ташкили идоракунӣ, вогузоркунии ваколат, танзимсозӣ

**Ключевые слова:** административный договор, сделка, соглашение, закон, государственное управление, функции государственного управление, исполнительная власть, министерство, агентство, местные органы самоуправления, юридические лица, законодательства, полномочия, организации управления, делегирование полномочия, регулирование

**Keywords:** administrative contract, transaction, agreement, law, public administration, functions state management, executive power, ministry, agency, local self-government institutions, legal entities, legislations, powers, management organizations, power delegation, regulation

Барои ошкор сохтани мафҳум ва вазифаҳои шартномаи маъмурӣ зарур аст, ки аввал мафҳуми худи шартнома кушода дода шавад. Ҳама гуна шартнома, аз ҷумла шартномаи маъмурӣ ин як намуди аҳд мебошад. Аҳд - ин амали ду ва зиёда шахсҳо (тарафҳо) мебошад, ки барои ба даст овардан, тағйир додан ва ё қатъ гардонидани ҳуқуқу вазифаҳо равона карда шуда, боиси оқибатҳои ҳуқуқӣ мегардад. Мафҳуми аҳд дар м. 178 Кодекси граждании Ҷумҳурии Тоҷикистон (КГ ҶТ) нисбат ба муносибатҳои танзимкунандаи м. 1 ҳамин қонун чунин муқаррар карда шудааст, ки аҳд - ин амали шаҳрвандон ва шахси ҳуқуқӣ, ки ба муқаррар намудан, тағйир додан ё қатъ намудани ҳуқуқу ухдадориҳои гражданӣ равона гардидааст.

Боиси зикр аст, ки дар мафҳуми аҳде дар ин кодекс дода шудааст, имконияти иштирокчии муносибатҳои ҳуқуқи гражданӣ будани мақомоти ҳокимияти давлатии ҶТ, мақомоти таъсисмедодаи онҳо ё воҳидҳои марзию

маъмурӣ сарфи назар карда шудааст. Ба назари мо ҳамин гуна норасоӣ дар мафҳуми шартнома, ки м. 452 КГ ҶТ муқаррар намудааст, ҷой дорад. Тибқи он шартнома созиши ду ё якчанд шахс барои ба вуҷуд овардан, тағйир додан ё қатъи ҳуқуқ ва уҳдадории гражданӣ мебошад.

Ба ин муносибат бо боварии том метавон қайд кард, ки ин норасогии КГ ҶТ-ро ба мазмуни аҳд дар м. 178, баъди ибораи "шахси ҳуқуқӣ" бо ворид намудани илова бо ибораҳои "дар ҳолатҳои муқаррар намудани қонунгузорӣ давлат, воҳидҳои марзию маъмурии он ва мақомоти ҳокимияти давлатӣ ё шахсони ваколадоркардаи онҳо" бояд ислоҳ кард. Ворид намудани чунин иловаро талаботи қ. 2 м. 1 ва м. 138-137, 452 КГ ҶТ, инчунин муқаррароти низомномаҳои тасдиқшудаи вазорату кумитаҳои давлатӣ, агентиҳо ва дигар мақомоти таъсисдодаи мақомоти ҳокимияти давлатӣ[1] тақозо мекунанд. Зеро дар моддаҳои зикршудаи КГ ҶТ, дар қатори шаҳрвандон ва шахси ҳуқуқӣ, имконияти иштирокчии муносибатҳои бо қонунҳои гражданӣ танзимшаванда будани давлат ва воҳидҳои марзию маъмурӣ он муайян карда шудааст.

Дар замони муосир шартномаи маъмурӣ-ҳуқуқӣ ҳамчун воситаи нави шакли идоракунии давлатӣ падидаи нав буда, ҳамзамон то ба ҳол дар назарияи илми ҳуқуқи маъмурӣ масъалаи баҳснок буда,[2] фаҳмиши ягона вуҷуд надорад. Зеро табиати ҳуқуқии идоракунии давлатӣ, ҳамчун қоида, аз муносибатҳои императивии яктарафа ифодакунандаи иродаи ҳокимияти давлатӣ иборат мебошанд. Бинобар он дар мадди аввал ба назар чунин мерасад, ки муносибатҳои идоракунӣ усули диспозитивӣ ё худ унсури баробарҳуқуқии тарафҳоро дар муносибатҳои идоракунии давлатӣ истисно мекарда бошад. Вале дар асл чунин нест.

Муносибатҳои идоракунӣ муносибатҳои уфуқӣ (горизонталӣ)-ро низ фаро мегирад, ки онҳо баробарҳуқуқии тарафҳоро тақозо мекунанд. Масалан, созиши байни вазорат бо вазорат, байни худи кумитаҳои давлатӣ ва ғайра

---

*Дотсенти кафедраи ҳуқуқи конститутсионии факултети ҳуқуқшиносии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ.Тел.: (+992) 918648813. E-mail: oyev@mail.ru

[1] Масалан, дар Низомномаи вазоратҳои ҶТ: адлия (аз 30 сентябри соли 2021, банди 31), молия (аз 2 арели соли 2015, банди 16), маориф ва илм ( аз марти соли 2014, банди 15), энергетика ва захираҳои об (аз 3 марти соли 2014, банди 11); Кумитаи давлатии заминсозӣ ва геодезии ҶТ (аз 3 майи соли 2010, банди 15) Агентии назорат дар соҳаи маориф ва илм (аз 18 июни соли 2020, банди 15), Агентии хизмати давлатии назди Президенти ҶТ (аз 15 марти соли 2014, банди 25) ва ғайра имконияти ҳуқуқии онҳо ҳамчун шахси ҳуқуқӣ амал намудан муқаррар карда шудааст.

[2] Ойев Х. Ҳуқуқи маъмурии Ҷумҳурии Тоҷикистон. Қисми 1.- Душанбе. - 2013.- С.328; Административное право: Учебник /Под ред. Ю.М. Козлова, Л.Л. Попова. М.: Юрист,1999. С.261-268; Алехин А.П., Кармолицкий А.А., Козлов Ю.М. Административное право Российской Федерации. М.: Зерцало, 1998. С.258-262; Бахрах Д.Н., Россинский Б.В., Старилов Ю.Н. Административное право: Учебник для ВУЗ-ов. 2-изд., изм. и доп. М.: Норма, 2005. С.398-409; Кодиров Дж.Ш. Конституционно-правовые основы организации и деятельности местных исполнительных органов государственной власти в Республике Таджикистан: дисс. на соискание уч. степ. к.ю.н. по специальности 12.00.02.- Душанбе. 2020. С. 120-130 ва ғайра.

доир ба ҳаллу фасли масъалаҳои ба зиммаашон вогузоршуда хоҳу ноҳох ба муносибатҳои уфуқӣ ворид шуда, ба созиш ҳам ворид мешаванд.[1]

Баъзе олимон чунин мепиндоранд, ки шартномаи маъмурӣ - ин созиши ба меъёрҳои маъмурӣ асосёфтае, ки дар он иродаи ду ва зиёда субъектони шаклан баробар ифода ёфта, предмети он содир намудани амали идоракунӣ ё ташкилӣ мебошад, ки дар он яке аз тарафҳо мақомоти идоракунии давлатӣ ва ё намояндаи қонунии он мебошад.[2]

Д.Н.Бахрах чунин меҳисобад, ки шартномаи маъмурӣ ҳамчун ба меъёрҳои маъмурӣ асосёфта созиши дорои манфиати сиёсӣ-ҳуқуқии ихтиёрии ду ва зиёда субъектони ҳуқуқи маъмурӣ мебошад, ки яке аз тарафҳо ҳамеша субъекти ҳокимияти маъмурӣ баромад мекунад, санади бисёртарафа мебошад, ки ҳуқуқу ӯҳдадориҳои тарафҳоро муқаррар менамояд (қатъ ва тағйир медиҳад).[3]

Зери ин падида чӣ хеле ки фаҳмида нашавад, мусаллам аст, ки мақомоти маъмурӣ ва шахсони мансабдори ҳокимияти давлатӣ бо сабаби демократикунонии равандҳои инкишофи ҷамъият, таъсисёбӣ ва рушду нумӯи қонуниятҳои бозаргонӣ ҳангоми амалисозии вазифаҳои ҳокимиятӣ дар бисёр мавридҳо шартномаҳои маъмурӣ-ҳуқуқиро хело васеъ истифода намуда, ҷиҳати вазифаҳои вогузоршуда ба механизми танзимсозии шатномавӣ ворид мешаванд. Ва аз ин раванд ягон мақомоти давлатӣ ва ё шахси мансабдор ҳақ надорад худро дар канор гирад, вагарна он чунин маънӣ медошт, ки онҳо аз функсияҳои танзимсозӣ, таъминсозӣ, мувофиқасозӣ ва ғайра, ки аз вазифаҳои идоракунии давлатӣ бармеоянд, худро барканор гирифтаниаанд, яъне бефаъолиятӣ содир карданианд. Албатта чунин вазъ холигии ҳуқуқиро дар идоракунии давлатӣ фаро месозад, ки ҷои онро унсурҳои бегона (ғайридавлатӣ) пур карданаш мумкин аст. Халқи Тоҷикистон сабақи чунин ҳолатро дар солҳои ноороми солҳои 90-уми асри гузашта хело хуб бардоштааст, ки то ба ҳол осори он аз мафкураи мардум дур нашудааст[4] ва дар фурсати бисёр кӯтоҳ аркони давлатдорӣ ва сохтору мақомоти давлатӣ фалаҷ гардида, дар кишвар беқонунӣ ва беҳокимиятӣ ҳукмфармо шуд.[5]

Чуноне дар Паёми Президенти ҶТ, Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба Маҷлиси Олӣ ҶТ аз 21 – уми декабри соли 2021 қайд шудааст, ҷиҳати барқарор сохтани низоми

---

[1] Ойев Х. Ҳуқуқи маъмурии Ҷумҳурии Тоҷикистон. Қисми 1.- Душанбе.- 2013.- С.329.

[2] Ниг. ба: Корнеев А.П. Административные договоры: понятие виды //ЖРП. 1998. №7. С.86; Иванов В.В. Некоторые вопросы нормативного договора //Право и политика. 2000. №4. С.33-45; А.А. Савостин. Административно-правовой договор в системе регулирования общественных отношений (понятие и классификация). // Юрист.- 2001.- №11.- С. 52-56.

[3] Ниг. ба Бахрах Д.Н.,Россинский Б.В.,Старилов Ю.Н. Административное право: Учебник для вузов. 2-изд.,изм. и доп.- М.: Норма, 2005.- С.398-409.

[4] Ойев Х. Асари ишорашуда.- С.329-330.

[5] Мафассалтар ниг. ба: Паёми Президенти ҶТ, Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба Маҷлиси Олии ҶТ аз 21 – уми декабри соли 2021 //http://WWW.president.tj

фалаҷшудаи идораи давлатӣ, оғоз намудани раванди барқарорсозии баъдиҷангӣ, амалӣ гардонидани дигаргунсозиҳои сохторӣ ва минбаъд таъмин намудани гуногуншаклии моликият, фароҳам овардани шароити мусоид барои соҳибкориву сармоягузорӣ, ташаккул додани низоми миллии буҷету андоз ва пуливу қарзӣ, рушди соҳаҳои воқеии иқтисод ва инкишофи бахши иҷтимоӣ бисёр тадбирҳои самарабахш амалӣ карда шуданд. Ҳамчунин, дар марҳалаҳои кунунӣ ва минбаъдаи рушди кишвар идома бахшидани ислоҳот ҷиҳати мукаммал гардонидани низоми идораи давлатӣ ва таъмин намудани самаранокии он зарур мебошад.[1]

Ин нуктаҳои барномавӣ, дар навбати худ, мақомоти марказӣ ва маҳалии ҳокимияти иҷроия ва дигар ниҳодҳои ҷомеъа шаҳрвандиро вазифадор месозанд, ки барои амалисозии барномаҳои стратегии давлатӣ дар механизми танзимсозии давлатӣ соҳаҳои гуногуни ҳаёти давлатӣ васеъ истифода намудани шартномаҳои маъмурӣ-ҳуқуқиро тақозо менамояд.

Аз ин рӯ, бо васеъ шудани равандҳои демократӣ вазифаҳои идоракунии давлатӣ боз ҳам афзуда, зарурияти истифодаи ҳама гуна усулҳои танзимсозӣ-ҳуқуқӣ, аз ҷумла танзимсозии созишномавӣ (шартномавӣ) масъалаи рӯзмарра мебошад. Масалан, иҷрои функсияҳои таъминсозӣ бо таҷҳизоту молу амвол, сохтмон, таъмиру таҷдидсозӣ, коркарди консепсияҳои рушди соҳаҳо ва ғайра бе созиши байни маъмурияти давлатӣ ва сохторҳои хоҷагию илмӣ, сохтмонӣ, таъминотӣ, хизматрасонӣ ва дигар субъектони хоҷагидорӣ имконпазир намегардад, агар мақомоти маъмурӣ бо сохторҳо ва субъектҳои марбута ба муносибатҳои шартномавӣ ворид нашаванд. Яъне ногузир татбиқ шудани шартномаҳои маъмуриро дар амалияи ҳокимияти иҷроия рушди қонуниятҳои объективӣ ба миён мегузоранд, ки рушди қонунгузории ҷорӣ низ онҳоро бояд фаро гирад.

Аввалин маротиба дар қонунгузории ҷории ҷумҳурӣ мафҳуми «шартнома» нисбат ба муносибатҳои идоракунии давлатӣ дар Қонуни ҶТ «Дар бораи статуси пойтахти Ҷумҳурии Тоҷикистон» аз 13 – уми декабри соли 1996, №311[2] истифода шуда буд. Тибқи м.4 он мақомоти ҳокимияти давлатии ҶТ дар сурати зарурат бо тартиби муқарраркардаи Қонун метавонанд ба мақомоти ҳокимияти давлатии шаҳри Душанбе ба амал баровардани як қисми ваколатҳояшонро, ки ҳамин қонун пешбинӣ кардааст, супоранд. Муносибатҳои байни онҳо бо шартномаҳои байни мақомоти мазкур танзим карда мешаванд.

Баъдтар ин гуна меъёр дар Қонуни ҶТ «Дар бораи мақоми пойтахти Ҷумҳурии Тоҷикистон», аз 2 - юми январи соли 2018, №1494[3] зарурияти бастан ва иҷрои шартномаҳоро ҷиҳати мусоидати мақомоти ҳокимияти давлатӣ ба шаҳри Душанбе дар иҷрои функсияҳои пойтахти ҶТ муқаррар карда шуд. Инак, дар сархати 2 моддаи 5 қонуни зикршуда муқаррар карда шудааст, ки «мақомоти ҳокимияти давлатӣ ба шаҳри Душанбе дар иҷрои функсияҳои пой-

---

[1] http:WWW//president.tj
[2] АМО ҶТ. 1996. №23. М.335; 2009. №5. М.325.
[3] АМО ҶТ.- 2018.- № 1.- М.24.

тахти Ҷумҳурии Тоҷикистон бо роҳи иштирок дар корҳои зерин мусоидат менамоянд: мутобиқи шартномаҳои бо мақомоти ҳокимияти давлатии шаҳри Душанбе басташуда амалӣ намудани нақшаҳои сохтмон, таъмиру таҷдид ва нигоҳдории объектҳое, ки ба шаҳри Душанбе дар иҷрои функсияҳои пойтахти Ҷумҳурии Тоҷикистон зарур мебошанд».[1]

Мафҳуми шартнома дар Қонуни конститутсионии ҶТ «Дар бораи Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон», аз 12 – уми майи соли 2001, №28[2] нисбат ба фаъолияти Сарвазири ҶТ истифода шудааст. Дар м. 25 қонун чунин собит шудааст, ки Сарвазири ҶТ бо супориши Раиси Ҳукумат Ҳукумати ҶТ-ро дар муносибатҳои байналмилалӣ намояндагӣ мекунад ва шартномҳои байниҳукуматиро имзо менамояд. Татбиқи ин модда танҳо ба шартномаҳои байниҳукуматӣ дар назар дошта шудааст. Вале дар Қонуни конститутсионии ҶТ «Дар бораи мақомоти маҳаллии ҳокимияти давлатӣ»,аз 17 – уми майи соли 2004, № 28[3] нисбат ба ваколати Ҳукумати ҶТ оид ба бастани шартномаи маъмурӣ дигар тартибот муқаррар шудааст, яъне ваколати вогузоршавандаи Ҳукумати ҶТ, дигар мақомоти марказии ҳокимияти иҷроия, мақомоти иҷроияи маҳаллии хокимияти давлатии болоӣ ба ихтиёри мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ дар асоси шартнома дар як радиф муайян карда шудааст.

Инак, дар мафҳумҳои асосие, дар м. 1 қонуни конститусионии мазкур истифода мешаванд, муайян карда шудааст, ки: «- ваколати вогузоршаванда - ваколати Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, дигар мақомоти марказии ҳокимияти иҷроия, мақомоти иҷроияи маҳаллии хокимияти давлатии болоӣ, ки тибқи санадҳои меъёрии ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва ё дар асоси шартномаи тарафҳо ба ихтиёри мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатии дахлдор вогузошта мешавад».

Чунин муқаррарот нисбат ба вогузор намудани ваколати Ҳукумати ҶТ аз доираи танзимсозии қонуни зикршуда берун мебарояд. Зеро манбаи танзимсозии Қонуни конститутсионии мазкур тартиби ташкил, ваколат ва фаъолияти Ҳукумат набуда, балки мақомоти маҳаллии ҳокимияти давлатӣ мебошад. Ҳамзамон чунин муқаррарот бар хилофи муқаррароти қ. 3 м. 74 Конститутсия низ мебошад, ки он муқаррар намудааст, ки тартиби ташкил, фаъолият ва салоҳияти Ҳукуматро қонуни конститутсионӣ муайян мекунад, на қонуни конститутсионӣ дар бораи мақомоти маҳаллии ҳокимияти давлатӣ.

Вале мафҳуми шартномаи маъмурӣ оид ба ваколатҳои вогузоршаванда дар доираи ваколати Маҷлиси вакилони халқ дар қонуни конститутсионии зикршуда, хело ба маврид ба тасвиб расидааст. Инак, дар сархати 20 м. 8 он баррасӣ ва ҷонибдорӣ намудани шартномаҳо оид ба ваколатҳои вогузоршаванда (шартномаи маъмурӣ) ва муштарак, созишномаҳо доир ба муқаррар

---

[1] Ҳамон ҷо.

[2] АМО ҶТ.- 2001.- № 4. - М.215; 2003.- №4.- М.152; 2008.- №1.- Қ.1.- М.1; 2009.- №12.- М.813; 2016, №7, М. 602; ҚК ҶТ аз 18.07. с.2017.- № 1455, аз 18.03.с.2022.- № 1851.

[3] АМО ҶТ.- 2004.- № 5. - М.339; 2006, № 11, М. 472; 2009, № 12, М. 814; 2010, № 12, қ. 1, М. 800; 2013, № 3, М.179; №7. М.500; 2017. №5. Қ.1. М. 268; 2019. №7. М. 462; 2020. № 1. М.1; ҚК ҶТ аз 17.12.с.2020, №1748; аз 25.01.2021, №1800.

намудани муносибатҳо ва ба роҳ мондани ҳамкорӣ бо шаҳрҳои давлатҳои хориҷиро бо тартиби пешбининамудаи қонунгузории ҶТ муқаррар шудааст.

Ба ин муносибат бо таасуф метавон қайд кард, ки бастани чунин шартномаҳо аз доираи ваколати раиси Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон, вилоят, шаҳри Душанбе, шаҳр ва ноҳия, ки м. 20 қонуни зикршуда муқаррар намудааст, берун мондааст ва мо чунин меҳисобем, ки вақти он расидааст, ки бо ба доираи ваколати раисони мақомоти иҷроияи маҳалии ёдрасшуда бастани шартномаҳои маъмурӣ дохил карда шуда, ин норасогии ҳуқуқӣ барканор карда шавад.

Дигар омили ҳуқуқие, ки ворид намудани чунин тағйиротро тақозо менамояд, ин талаботи м. 30 ҳамин қонун мебошад, ки тибқи муқаррароти он ҷиҳати маблағҷудокунӣ ба барномаҳои муштарак, аз ҷумла, иҷрои барномаҳои тараққиёти байниҳудудӣ дар асоси шартнома муттаҳид кардани манбаъҳои молиявии Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон, вилоят, шаҳри Душанбе, шаҳр ва ноҳияро бо манбаъҳои молиявии дигар вилоятҳо, шаҳрҳо, ноҳияҳо, шахсони воқеӣ ва ҳуқуқӣ имконпазир шуморида шудааст.

Баъдан ибораи «шартномаи маъмурӣ-ҳуқуқӣ» дар м. 1 Қонуни ҶТ «Дар бораи низоми мақомоти идоракунии давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон», аз 16 – уми апрели соли 2012, №828[1] чунин муайян карда шуд: «**шартномаи маъмурӣ** – санади ҳуқуқие, ки дар асоси он мақоми иҷроияи марказии ҳокимияти давлатӣ мутобиқи талабот ва шартҳои пешбининамудаи санадҳои меъёрии ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон функсияҳои ҳокимияти давлатиро (ба истисноӣ функсияҳои назоратӣ) ба зиммаи мақоми иҷроияи поёнии ҳокимияти давлатӣ, мақомоти худидоракунии шаҳрак ва деҳот ва ташкилотҳо вогузор менамояд».

Чунин мафҳуми қонунгузорӣ низ пурра намебошад. Зеро аз он бармеояд, ки гӯё муносибатҳои шартномавӣ танҳо миёни мақомоти болоистода ва поёнӣ ба вуҷуд меомада бошанд. Дар асоси шартнома муносибатҳои вазорат бо вазорат, вилоят бо вилоят, шаҳр бо шаҳр ва ғайра низ, чуноне бо м. 30 Қонуни конститутсионии ҶТ «Дар бораи мақомоти маҳаллии ҳокимияти давлатӣ» , аз 17 – уми майи соли 2004, №28 иҷозат дода шудааст, ба вуҷуд омаданаш мумкин аст.

Дар мадди аввал аз ин овардаҳо чунин ба назар мерасад, ки чӣ гуна муносибатҳои идоракунӣ дар асосҳои баробарӣ бо шартнома ба миён меомада бошанд, ки ин унсурҳо бештар ба созишномаҳои граждании шабоҳат доранд. Вале набояд фаромӯш кард, ки мақомоти маъмурӣ чунин созишро на танҳо барои эҳтиёҷоти худ, балки барои эҳтиёҷоти зерсоҳа ва манфиати шахсони дигар, давлат ва ҷомеа бастанашон мумкин аст. Масалан, созишнома дар бораи гузаронидани мониторинги обистифодабарӣ ва сифати обро гирем. Ин фаъолиятро на худи мақомоти маъмурӣ, балки ташкилотҳои махсусгардонидашудаи илмӣ-тадқиқотӣ ва марказҳои махсус ба иҷро расонида метавонанд. Мақомоти маъмуриро зарур аст, ки фаъолияти зикршударо бо чунин ташкилотҳо дар асоси созиш ба сомон расонад.

---

[1] АМО ҶТ.- 2012.- №4.- М.278.

Аз ин набояд чунин хулоса карда шавад, ки гуё дар ин муносибатҳо унсурҳои шартномаҳои гражданӣ истифода намешуда бошанд, баръакс, дар муносибатҳои идоракунии давлатӣ на танҳо унсурҳои ҳуқуқи гражданӣ, инчунин унсурҳои соҳаи дигари ҳуқуқ – ҳуқуқи меҳнатӣ, ҳуқуқи хидматӣ, ҳуқуқ оид ба замин, об, ҷангал ва ғайра хело бомаврид истифода ва татбиқ карда шуданаш мумкин аст.

Лекин то ба ҳол андешаи ягона ва ё санади махсуси меъёрӣ дар хусуси шартномаҳои маъмурӣ-ҳуқуқӣ вуҷуд надорад. Зеро ҳамон як шартномае, ки бо иштироки мақомоти маъмурӣ баста мешавад, вобаста ба ҳолат, мазмун ва мақсадаш дар як вақт шартномаи гражданӣ ва дар ҳолати дигар шартномаи маъмурӣ-ҳуқуқӣ шуданаш мумкин аст. Масалан, шартномаи хариду фуруши маводи конселярӣ байни мақомоти маъмурӣ ва ташкилоти тиҷоратиро гирем, ки он танҳо барои эҳтиёҷоти худи ин мақомот дар намуди шартномаи хариду-фурӯш аст, баръало аз мавҷудияти тамоми унсурҳои ҳуқуқи гражданӣ шаҳодат медиҳад. Агар ҳамин шартнома ба иҷроиши функсияи фаъолияти таъминсозӣ барои сохторҳо ва ё ташкилотҳое, ки ба иҷрои вазифаҳо ва функсияҳои давлатӣ ба сомон расонида шаванд, дар қатори унсурҳои ҳуқуқи гражданӣ доштанаш, боз дорои унсурҳои иловагие мебошанд, ки он аз доираи шартномаи ҳуқуқи гражданӣ берун мебарояд, яъне дорои унсурҳои идоракунӣ ҳам мебошад.

Бояд тазаккур дод, ки шартномаи маъмурӣ-ҳуқуқӣ чӣ гуна баста нашавад ва чӣ нақше надошта бошад ҳам шакли софи амалисозии ҳокимияти иҷроия шуда наметавонад. Вай танҳо нақши ёрирасон ва ё иловагиро барои амалисозии ҳокимияти иҷроия мебозад, инчунин дар ин раванд ба сифати яке аз воситаи иловагии шакли маъмули асосҳои ҳуқуқии он хизмат мекунад.

Ин нуқтаҳо аз он шаҳодат медиҳанд, ки заминаи ҳуқуқии танзими масъалаҳои идоракунии давлатӣ миёни мақомоти марказӣ ва маҳаллии ҳокимияти давлатӣ дар мисоли мақомоти ҳокимияти давлатии шаҳри Душанбе ҳувайдост, ки тарафҳои идоракунӣ (на тарафҳои шартнома) метавонанд як қисми ваколатҳояшонро ба ҳамдигар супоранд. Албатта то супоридани як қисми ваколат бо ҳамдигар пешакӣ бо созиши тарафҳо доир ба ҳаллу фасли онҳо пешакӣ созиш (ризоият) ба миён омаданаш зарур аст, то ки ваҳдати ҳокимияти иҷроия коста нагардад. Асосҳои бамиёнойии чунин созиш ин иҷрои вазифаҳои ҳокимиятӣ (қобилияти ҳуқуқдории ҳокимиятӣ) буда, барои ноил шудан ба мақсадҳои идоракунӣ ба миён омада, таркиби сифатии он аз таркиби шартномаҳои ҳуқуқи гражданӣ фарқ мекунад.

Агар дар муносибатҳои ҳуқуқи гражданӣ ҳама гуна шахси воқеӣ ва ҳуқуқӣ ба сифати иштирокчии он баромад карда тавонад ва барои ноил шудан ба дилхоҳ мақсад баста шаванд, дар муносибатҳои ҳуқуқи маъмурӣ, агарчанде созиш истифода шавад ҳам, чунин нест, он на барои дилхоҳ масъала, балки барои ҳаллу фасли масъалаҳои ҳокимиятӣ ва ё ба он алоқаманд баста мешавад. Ин ҷо сухан дар бораи шартномаҳои маъмурӣ-ҳуқуқӣ меравад, ки ҳамчун қоида, дар онҳо яке аз тарафҳо, дар баъзе маврид мақомоти салоҳиятдори давлатӣ ва шахси мансабдори он ё шахси ваколатдоркардашуда баромад мекунанд ва омили бастани чунин шартнома дар доира иҷрои вазифа ва

салоҳиятҳои ҳокимиятӣ имконпазир мебошанд. Яъне заминаи иродавии чунин созишҳо амалисозии ҳокимияти давлатӣ мебошад, на хоҳиши худи тарафҳо, ки он дар шартномаҳои ҳуқуқи гражданӣ ҷой дорад.

Доираи бастани шартномаҳои ҳуқуқи маъмурӣ бо истифодаи унсурҳои гражданӣ минбаъда ҳам меафзояд. Зеро ҳокимияти иҷроия доимо дар пешравӣ ва такомул мебошад. Шаблон ё модели ягонаи идоракунӣ дар ҳамаи мавридҳои ҳаёти давлатию ҷамъиятӣ доир ба ҳаллу фасли мушаххас ҷой доштанаш имконпазир нест. Биноан, интихоби механизми шакли усулҳои амалисозии ҳокимияти иҷроияро мақомоти давлатӣ вобаста ба омилҳои ҳуқуқию воқеӣ ва шароити мушаххас интихоб менамоянд, ки дар он ҳалли масоили идоракунӣ дар асоси танзимсозии шартномавӣ (ё созишӣ) ҷой доштанаш имконпазир бошад.

Ба ҳамин тариқ, нуктаҳои дар болозикршуда аз он гувоҳӣ медиҳанд, ки барои бастани шартномаҳои муъмурӣ-ҳуқуқӣ бо иштироки мақомоти маъмурӣ ё шахси ваколатдоркардашуда ҳамаи омилҳои ҳуқуқӣ ва воқеӣ мавҷуданд.

Хусусиятҳо ва нақши шартномаҳои маъмурӣ-ҳуқуқӣ дар он ифода мегарданд, ки онҳо:

1) воситаи ҳуқуқии амалисозии шаклҳои фаъолияти маъмурию ҳуқуқӣ ва ифодакунандаи манфиатҳои сиёсӣ-ҳуқуқӣ мебошанд;

2) дар доираи фаъолияти маъмурию ҳуқуқӣ баста мешаванд;

3) дорои тарафи ҳатмӣ мебошанд, яъне ба сифати яке аз тарафҳо мақомоти давлатӣ, шахсони мансабдори онҳо ва ё намояндаи ҳокимият баромад мекунанд;

4) яктаркиба, дутаркиба ва бисёртаркиба шуда метавонанд. Шартномаҳои маъмурӣ-ҳуқуқӣ дар сурате яктаркиба шуда метавонанд, ки агар ба сифати яке аз тарафҳои он мақомоти баромад намоянд. Шатномаҳои дутаркиба ё бисёртаркиба бошанд, онҳо миёни мақомоти маъмурӣ ва дигар субъектон баста мешаванд;

5) дорои хислати императивӣ буда, ифодакунандаи иродаи яктарафаи ҳокимияти давлатӣ мебошанд;

6) усули диспозитивӣ ё худ унсури баробарҳуқуқии тарафҳоро дар муносибатҳои идоракунии давлатӣ истисно намекунанд;

7) ҳамчун усули ҳуқуқии танзимсозии муносибатҳои иқтисодӣ, иҷтимоӣ ва ғайра шуда метавонанд;

8) дар заминаи ҳуқуқи маъмурӣ ва дигар соҳаҳои комплексӣ баста шуданашон мумкин аст;

9) воситаи иловагӣ ва нақши ёрирасонро дар шаклҳои маъмули амалсозии ҳокимияти иҷроия мебозанд;

10) асоси ҳуқуқии амалисозии иҷроиши вазифа ва салоҳиятҳои мақомоти ҳокимияти иҷроия мебошанд.

Ҳамаи хусусиятҳо ва нақши зикршудаи шартномаҳои маъмурӣ нишон медиҳанд, ки онҳо дар низоми идоракунии давлатӣ функсияҳои ташкилӣ, таъминотӣ, хизматрасонӣ, меъёрию-техникӣ, меъёрию иҷтимоиро иҷро мекунанд.

Шартномаҳои маъмурӣ аз рӯйи таркиби субъективӣ байни: 1) мақомоти давлатӣ; 2) мақомот ва муассисаҳои давлатӣ; 3) мақомоти давлатӣ ва мақомоти худидораи шаҳрак ва деҳот; 4) мақомоти давлатӣ ва муассисаю ташкилотҳои ғайридавлатӣ (тиҷоратӣ); 5) мақомоти давлатӣ ва соҳибкорони инфиродӣ ва иттиҳодияҳои онҳо; 6) мақомоти давлатӣ ва шаҳрвандон баста шуданашон мумкин аст.

Аз рӯйи манбаи танзим чунин шартномаҳои маъмуриро фарқ кардан ҷоиз аст: 1) дар бораи вогузор намудани ваколат; 2) дар бораи фаъолияти якҷоя; 3) дар бораи иҷрои барнома ва супоришҳои давлатӣ; 4) дар бораи якҷои (муттаҳид) намудани воситаҳои молӣ ва зеҳнӣ ҷиҳати ҳалли масоили идоракунӣ; 5) дар бораи ҳиссаҷудокунии маблағ барои ташкили иҷрои супоришҳои давлатӣ; 6) дар бораи шарикии иҷтимоӣ бо иттиҳодияҳои корфармоён; 7) дар бораи шарикии давлат ва бахши хусусӣ; 8) дар бораи дастгирии давлатӣ дар шакли маблағҷудокунии мақсаднок (грантҳои давлатӣ) ба барномаҳои ҷудогона, иҷрои кор ва хизматрасонӣ, супориши иҷтимоӣ; 9) шартнома (қарордодҳо)-и хидматӣ ва ғайра.

Дар хотима бояд қайд кард, ки дар замони мусир вазифаҳои асосии шартномаи маъмурӣ аз инҳо иборат мебошад: воситаи ваколатдоркунӣ ё худ гузашт намудани ваколат ё танзими ҳуқуқӣ мебошад; шакли амалисозии ташкилӣ фаъолияти маъмурӣ аст; нақши таъминотӣ, хизматрасонӣ, сарчашмаи ҳуқуқи маъмурӣ, санади ҳуқуқии идоракунӣ, воқеияти ҳуқуқиро мебозад; воситаи ташкили падидаи намояндагӣ дар идоракунии давлатӣ ва худидоракунии маҳаллӣ дар ҳалли масъалаҳои мушаххаси идоракунӣ мебошад; шакли ҳуқуқии ҷалби иштироки васеъи доираи суъбектони ҳокимияти давлатӣ ва дигар субъектони ҳуқуқ дар ҳалли масоили идоракунии давлатӣ баромад мекунад.

**Адабиёт:**

1. Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба Маҷлиси Олии ҶТ аз 21 декабри соли 2021 //http://www.president.tj.
2. Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон.- Душанбе, 2016.
3. Қонуни конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон», аз 12 – уми майи соли 2001, №28 //АМО ҶТ. - 2001.- №4.- М.215; 2016, №7, М.602; ҚҚ ҶТ аз 18.07.с.2017.- №1455, аз 18.03.с.2022, №1851.
4. Административное право: Учебник //Под ред. Ю.М. Козлова, Л.Л.Попова.- М.: Юрист,1999.
5. Алехин А.П., Кармолицкий А.А., Козлов Ю.М. Административное право Российской Федерации.- М.:Зерцало, 1998.
6. Бахрах Д.Н., Россинский Б.В., Старилов Ю.Н. Административное право: учебник для ВУЗ-ов. 2-изд., изм. и доп.- М.: Норма, 2005.
7. Кодиров Дж.Ш. Конституционно-правовые основы организации и деятельности местных исполнительных органов государственной власти в

Республике Таджикистан: дисс. на соискание уч. степ. к.ю.н. по специальности 12.00.02.- Душанбе. - 2020.

8. Ойев Х. Ҳуқуқи маъмурии Ҷумҳурии Тоҷикистон. Қисми 1.- Душанбе.- 2013.

9. Савостин А.А. Административно-правовой договор в системе регулирования общественных отношений (понятие и классификация). //Юрист. -2001.- №11.- С. 52-56.

**Ойев Х.**

**Фишурда**
**Шартномаи маъмурӣ: мафҳум, хусусият ва вазифаҳо**

Дар мақолаи мазкур мафҳум, хусусият, вазифаҳо ва функсияҳои шартномаи маъмурӣ, аломатҳои фарққунандаи он аз дигар намудҳои шартномаҳо, нақши он дар амалисозии ҳокимияти иҷроия, функсияҳои ташкилӣ, таъминӣ ва хизматрасонӣ, соҳаи татбиқ аз рӯи манбаи фаъолияти идоракунии давлатӣ, таркиби субъективӣ, асосҳои ҳуқуқӣ ва воқеии бастани онҳо мавриди баррасӣ қарор дода шуда, ҷиҳати такмилдиҳии қонунгузории ҷории ҶТ таклифу пешниҳодҳо омода карда шудааст.

**Ойев Х.**

**Аннотация**
**Административный договор: понятие, особенности и задачи**

В настоящей статьи проанализированы понятие, особенности, задачи и функции административного договора, его отличительные признаки от других видов договоров в реализации исполнительной власти, организационные, обеспечительные и служебной роли договора, сфера применения по предмету государственного управления и по структуру участников, его правовые и фактическое основание заключения, внесены предложения по совершенствованию текущего законодательства РТ.

**Oyev Kh.**

**The summary**
**Administrative contract: concept, properties and tasks**

In the present article the concept, properties, tasks and functions of the administrative contract, its distinctive signs from other types of contracts in realization of executive power, organizational, secured and an office role of the contract, scope of application in a subject of public administration and on structure of participants are analyzed, its legal and the actual basis of the conclusion, offers on improvement of the current legislation of the Republic of Tajikistan are made.

**Муқарризи мақола Қодиров Ҷ.Ш. – номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ, дотсент**

Имомов Ҳ.Ш.*

# РОБИТАИ ҲУҚУҚӢ – КОНСТИТУТСИОНИИ ҲИЗБҲОИ СИЁСӢ БО ДАВЛАТ

**Калидвожаҳо:** ҳизбҳои сиёсӣ, муносибатҳои ҳуқуқӣ-конститутсионӣ, Ҷумҳурии Тоҷикистон, Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, шахсони мансабдор, интихобот, райъпурсии умумихалқӣ, раванди интихобот, фраксияҳои ҳизбӣ, падидаҳои ҷомеаи шаҳрвандӣ, ҳуқуқ, гуногунандешии сиёсӣ ва мафкуравӣ, бисёрҳизбӣ, қобилияти ҳуқуқдории конститутсионӣ, қобилияти амалкунии конститутсионӣ, ҷавобгарии ҳуқуқӣ-конститутсионӣ, оиномаи ҳизби сиёсӣ, вазифаҳои ҳуқуқӣ-конститутсионӣ.

**Ключевые слова:** политические партии, конституционно-правовые отношения, Республика Таджикистан, Маджлиси Оли Республики Таджикистан, должностные лица, выборы, всенародный референдум, избирательный процесс, партийные фракции, интитуты гражданского общества, право, политическое и идеологическое многообразия, конституционное правосубъектность, конституционное дееспособность, конституционно-правовая ответственность, устав политической партии, конституционно-правовые задачи.

**Keyworlds:** political parties, legal – constitutional relations, Republic of Tajikistan, Parliament (Majlisi Oli) of RT, officials, elections, referendum, process of elections, political fractions, phenomenons of civil society, law, political piuralism, multiparties ability of constitutional capacity ability of constitutional enforcement, legal – constitutional responsibility, charter of political party, legal-constitutional duties.

Ҷумҳурии Тоҷикистон (ҶТ) давлати демократӣ буда, принсипҳои гуногунандешии сиёсӣ, мафкуравӣ, афзалияти ҳуқуқ ва озодиҳои инсон ва шаҳрванд, бисёрҳизбӣ, бунёди ҷомеаи адолатпарвар ва ҷомеаи шаҳрвандиро (маданиро) эътироф ва муқаррар намудааст. Ин падидаҳо ва арзишҳои ҳуқуқӣ-конститутсионӣ заминаи бунёдиро барои робитаи ҳуқуқии давлати Тоҷикистон бо дигар иштирокчиёни муносибатҳои ҳуқуқӣ-конститутсионӣ фароҳам меорад. Яке аз самтҳои муҳимми робитаи ҳуқуқӣ-конститутсионии давлат – ин робитаи он бо ҳизбҳои сиёсӣ мебошад, ки дар асоси меъёр ва муқарроти Конститутсия ва қонунгузории кишвар ба амал бароварда мешаванд. Дар миёни давлати Тоҷикистон ва институтҳои дигари сиёсӣ-ҳуқуқӣ ва иҷтимоӣ-ҳуқуқӣ (иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ, ҳизбҳои сиёсӣ, ҳаракатҳои сиёсӣ, иттифоқҳои касабӣ, созмонҳои ҷамъиятӣ, ассотсатсияҳои ҷамъиятӣ, федератсияҳои ҷамъиятӣ ва ғайра) робитаҳои гуногунранг ва гуногунсоҳае вуҷуд дорад, ки аз ин гуна равобит ҳар ду ҷониб қаноатманд ва ҳавасманд мебошанд. Зеро ҳам барои давлат ва ҳам барои иттиҳодияҳои гуногуни

---

*Ассистенти кафедраи ҳуқуқи конститутсионии факултети ҳуқуқшиносии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. Тел: +992-989-03-84-80.

ҷамъиятӣ мавҷудияти якдигариашон муҳим ва ҳаётӣ мебошад. Давлат ва ҳизбҳои сиёсӣ дорои хусусиятҳои хоси умумие мебошанд, ки дар ҳаёти сиёсӣ ва идоракунии давлатию ҷамъиятӣ муайян мегардад. Масалан, ҳам давлат ва ҳам ҳизбҳои сиёсӣ падидаҳои сиёсӣ-ҳуқуқӣ мебошанд. Ба сифати падидаҳои оммавӣ-ҳуқуқӣ давлат ва ҳизбҳои сиёсӣ дар таъмини амалишавии ҳуқуқҳои зиёди сиёсӣ-конститутсионии шаҳрвандони Тоҷикистон амал мекунанд ва ҳаёти давлатӣ ва гуногунандешии сиёсӣ ва мафкуравии ҷамъиятӣ аз иштироки фаъолонаи онҳо вобастагии хос дорад.

Қайд намудан лозим аст, ки давлат ҳамчун падидаи сиёсӣ-ҳуқуқии омммаи халқ аст, ҳизби сиёсӣ бошад, падидае мебошад, ки фақат қисми муайяни шаҳрвандони кишварро фаро мегирад. Яъне ҳизби сиёсӣ наметавонад, ки ифодакунандаи манфиатҳои тамоми халқи ҶТ баромад намояд. Ҳизби сиёсӣ ташкилоти сиёсӣ-ҳуқуқие мебошад, ки ифодакунандаи манфиатҳои шаҳрвандоне, ки дар узвияти он қарор доранд, баромад мекунад.

Масъалаи робитаи ҳуқуқии конститутсионии ҳизбҳои сиёсӣ бо давлат яке аз мавзуъҳои мубрами илми ҳуқуқшиносӣ, бахусус илми ҳуқуқи конститутсиониро дар бар мегирад. А. И. Имомов қайд менамояд, ки иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ яке аз рукнҳои низоми иҷтимоӣ-сиёсии ҷамъият ва шакли муҳимми амалӣ гардонидани соҳибихтиёрии халқ мебошад. Таъсису фаъолияти онҳо ҳам ба манфиати шаҳрвандон ва ҳам ба манфиати ҷомеа мувофиқат мекунад. Ҳар як давлати демократӣ баробари дигар падидаҳои сиёсию ҳуқуқӣ дар рушди низоми иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ ва самаранокии фаъолияти онҳо ғамхорӣ зоҳир менамояд.[1]

Ҳамкории давлат бо иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ дар заминаи манфиатҳои ниҳоии умумии ҳардуи онҳо сурат мегирад. Давлат дар татбиқи сиёсати худ ба дастгирию ҳамкории иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ ҳавасманд буда, иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ бошанд ба ёрии ҳуқуқӣ, сиёсӣ, иқтисодӣ, иҷтимоӣ ва маънавии давлат манфиат доранд. Мақсад аз ташкилу рушди иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ барпо кардани ҷомеаи шаҳрвандӣ мебошад. Моҳияти давлати демократӣ маҳз бо муҳайё кардани шароити муносиб барои ташкилу фаъолияти иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ дар ҳамаи самтҳои ҳаёт амалӣ карда мешавад. Давлати демократӣ ва ҷомеаи инкишофёфтаи шаҳрвандӣ ду қутбе мебошанд, ки дар заминаи якдигар қарор гирифта, ба рушди ҳамдигар мусоидат менамоянд.

Давлати Тоҷикистон дар тӯли мавҷудияти таърихии худ дорои таърихи куҳан, фарҳангу санъати қадимӣ ва таҷрибаи бойи ҳуқуқэҷодкунӣ ва санадэҷодкунӣ мебошад. Низоми иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ, бахусус ҳизбҳои сиёсӣ берун аз тартибот ва муҳити ҳақиқии сиёсию ҳуқуқии ҷамъият инкишоф ёфта наметавонад. Он бо сохти сиёсии ҷомеа, тартиботи идории ҷомеа ва рушди одату анъанаҳои демократӣ дар ҷомеа вобаста мебошад. Зеро, ки мо дар таҷрибаи баъзан кишварҳое, ки шакли идоракунии монархияи мутлақро доранд ва кишвар ба доктринаи исломӣ дар идоракунии давлатиаш асос

[1]Имомов А. Ҳуқуқи конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон. Китоби дарсӣ. Нашри чорум бо тағйироту иловаҳо.- Душанбе: «Офсет Империя»2017. –С.185.

меёбад, таъсис ва ривоҷи ҳизбҳои сиёсӣ ва ҳаракатҳои сиёсиро тамоман мушоҳида наменамоем ва ҳатто барои ташкили ин гуна иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ шахсони муассис ба ҷавобгарии ҳуқуқӣ кашида мешаванд Дар таҷрибаи давлатҳои фундаменталии исломӣ ба монанди, Қатар, Қувайт, Аморати Муттаҳидаи Араб, Арабистони Саъудӣ, Уммон ва дигарон дар робита бо ҳизбҳои сиёсӣ муқаррароти манъкунанда мавҷуд аст. Ҳизбҳои сиёсӣ ҳуқуқи ташкил шуданро надоранд.[2]

Барои ошкор намудани мубрамияти масъалаи робитаи ҳуқуқӣ-конститутсионии ҳизбҳои сиёсӣ бо давлат моро зарур аст, ки оид ба мазмун ва моҳияти худи "фард", "давлат" ва "ҳизбҳои сиёсӣ" таҳлилҳо гузаронем. Шахсият ва ё фард – ин иштирокчии асосии муносибатҳои ҳуқуқӣ-конститутсионие мебошад, ки дорои хусусиятҳои хоси зеҳнӣ, эмотсионалӣ, иродавӣ, ки натиҷаи ҳосили онҳоро муайян намудани раванди иҷтимоӣ ва иқтисодӣ ташкил медиҳад.[3] Аммо қайд намудан ба маврид аст, ки хусусиятҳои гуногун ва фарқкунандаи фардии одамон дар мавриде ошкор мешаванд, ки инсонҳо миёни худ робита менамоянд. Истилоҳи "фард" мазмуни калидӣ дошта, маҳз фард доранда ва барандаи тамоми ҳуқуқу озодиҳо мебошад, ки дар раванди муносибатҳои ҳуқуқии худ бо давлат ва иштирокчиёни дигари ҳуқуқ амалӣ месозад.

Ҳангоми баррасии истилоҳи "давлат" бояд зикр намуд, ки тасаввурот оид ба давлат дар тӯли солҳои зиёд асосан бо ду самт пеш меравад: самти этатистикӣ ва антиэтатистикӣ. Барои самти этатистикӣ мусбат эътироф кардани давлат хос аст ва барои антиэтатистикӣ бошад, робита бо давлат чун бадии иҷтимоӣ ва маънавӣ дониста мешавад.

Ба андешаи В.М. Корельский ва В.Д. Перевалов давлат ҳамчун ташкилоти сиёсии ҷомеа таъминкунандаи ягонагӣ, тамомияти арзӣ, амаликунандаи идоракунии ҷомеа ба василаи механизми ҳокимияти давлатӣ, соҳибихтиёрии ҳокимияти оммавӣ, додани мазмуни умумиҳатмӣ ба ҳуқуқ, кафолат додани ҳуқуқу озодиҳо ба шаҳрвандон, қонуният ва тартиботи ҷамъиятӣ баромад мекунад.[1]

Маҳз давлат аз миёни иштирокчиёни муносибатҳои ҳуқуқӣ-конститутсионӣ дар давоми мавҷудияти чандҳазорсолааш собит намуд, ки хосияти созандагӣ, таъминкунандаи шароити арзандаи зиндагӣ барои шаҳрвандон, ҳимоякунандаи ҳуқуқ ва манфиатҳои онҳо ва рушддиҳандаи тамоми самту соҳаҳои ҳаёти ҷомеа баромад мекунад. Мавҷудият ва рушду нумуи давлат барои инкишофи ҳаёти осоиштаи на танҳо шаҳрвандони

---

[2]Чиркин В.Е. Правовое положение политических партий: российский и зарубежный опыт // Журнал российского права. - 1999.- № 3/4.- С.124-127.

[3]Старостенко К.В. Конституционно-политическое многообразие: сущность и проблемы реализации в Российской Федерации. – СПб.: Изд.-во Р.Асланова «Юридический центр Пресс», 2018. –С. 159.

[1] Теория государства и права // Под ред. В.М. Корельского, В.Д. Перевалова.- М., 1997. –С.115-116.

мамлакат, балки тамоми иштирокчиёни дигари муносибатҳои ҳуқуқӣ-конститутсионӣ кафолат баромад менамояд.

Ҳизби сиёсӣ яке аз иштирокчиёни асосии равандҳои ҳуқуқӣ ва сиёсии ҷомеа ва давлат баромад намуда, функсияи ифодаи иродаи шаҳрвандонро дар соҳаҳои гуногуни иқтисодӣ, иҷтимоӣ, фарҳангӣ ва маънавию маърифатиро иҷро менамояд. Ҳизби сиёсӣ метавонад ниёзҳои ҷомеаро, ки дар соҳаҳои гуногуни ҷамъиятӣ мавҷуд ҳастанд, онҳоро дар асоси барномаҳои ҳизбӣ ва тавассути механизми мақомоти ҳокимияти намояндагии доштаи хеш дар парлумон амалӣ намояд. Ба андешаи муҳаққиқи конститутсионалисти рус Чиркин В.Е. розӣ шудан мумкин аст, ки ишора менамояд: "мақсади асосии таъсис ва фаъолияти ҳизби сиёсӣ – ин расидан ба ҳадафҳои сиёсии ҳизбӣ мебошад, на ин ки ҳимояи иҷтимоӣ ва дигар манфиатҳои аъзоёни худ ба мисли иттифоқҳои касаба.[2]

Ҳизби сиёсӣ бо иштироки фаъоли худ дар раванди амалӣ гардонидани муносибатҳои ҳуқуқӣ-сиёсӣ, иштирок дар маъракаҳои интихоботи умумӣ, райъпурсии умумихалқӣ, фаъолият дар мақомоти парлумон ва мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатӣ, инчунин дар ҳамкорӣ бо дигар ниҳодҳои ҷамъиятӣ дар таҳия ва татбиқи стратегияи давлат ва консепсияҳои давлат нақши асосӣ дорад.

Ҳизбҳои сиёсӣ тибқи қонунгузории интихоботии кишвар субъекти раванди интихоботии мақомоти олии қонунгузорӣ, яъне интихоботи вакилони Маҷлиси намояндагони МО ҶТ, интихоботи Президенти ҶТ, интихобот ба Маҷлисҳои маҳаллии вакилони халқ дониста мешаванд. Дар асоси иштироки фаъоли худ дар маъракаҳои интихоботии дар боло зикршуда, ҳизбҳои сиёсӣ метавонанд дар ташкили мақомоти ҳокимияти давлатӣ ва маҳаллӣ ширкат варзида, намояндагони худро дар ин ниҳодҳо пешбарӣ намоянд. Иштироки ҳизбҳои сиёсӣ дар раванди баргузории маъракаи раъйпурсии умумихалқӣ низ бениҳоят муҳим аст ва ба воситаи раъйпурсии умумихалқӣ ҳизбҳо метавонанд ба самтҳои афзалиятноки ҳаёти давлатӣ ва ҷамъиятии Тоҷикистон фикру пешниҳодҳои худро пешбирӣ созанд.

Ҳизби сиёсӣ дар робита ба ҳамкории худ бо давлат ба сифати ниҳоди муҳимме баромад мекунад, ки ҳамаи масъалаҳои асосии дар ҷомеа мавҷудбударо ба давлат, мақомоти намояндагии ҳокимияти давлатӣ ва мақомоти ҳокимияти иҷроия расонида метавонад. Яъне ҳизби сиёсӣ василаи муҳимми пайвасткунандаи робитаҳои ҳуқуқӣ-конститутсионӣ миёни давлат ва ҷомеаи шаҳрвандӣ баромад менамояд. Равобити мутақобилаи ҳизби сиёсӣ бо давлат ва мақомоти ҳокимияти давлатӣ тавассути ниҳодҳои муҳимми ҷамъиятӣ (Шӯрои ҷамъиятии Тоҷикистон, Ҳаракати Ваҳдати миллӣ ва эҳёи Тоҷикистон, Созмони ҷавонони Тоҷикистон) амалӣ гардонида мешавад.

Дар доираи муносибатҳои ҳуқуқӣ-конститутсионӣ ҳизбҳои сиёсӣ дорои соҳибҳуқуқии муайяне мебошанд, ки он аз қобилияти ҳуқуқдорӣ ва қобилияти амалкунии конститутсионии онҳо бармеояд. Қобилияти ҳуқуқдорӣ ва

---

[2] Чиркин В.Е. Асари ишорашуда. - С. 129.

амалкунии конститутсионии ҳизби сиёсӣ чун иттиҳодияи шаҳрвандони кишвар ва шахси ҳуқуқӣ дар як лаҳза ба вуҷуд омада, дар як вақт метавонад қатъ гардад. Аз лаҳзаи ба қайди давлатӣ гирифта шудани ҳизби сиёсӣ дар мақомоти адлияи кишвар ҳам қобилияти ҳуқуқдорӣ ва ҳам амалкунии ҳизб ба вуҷуд меояд.[1]

Бояд қайд намуд, ки ҳангоми амалӣ гардонидани робитаи ҳуқуқӣ-конститутсионии давлати Тоҷикистон бо ҳизбҳои сиёсии кишвар ҳудуди муайяни фаъолияти онҳо ва ё сарҳади ҳуқуқии амалкунии онҳо муқаррар мешавад. Ҳизбҳои сиёсӣ наметавонанд, ки ба корҳои дохилии мақомоти давлатӣ, хусусан мақомоти ҳифзи ҳуқуқ дахолат намоянд. Давлат низ бе асосҳои муайяни ҳуқуқӣ ба корҳои дохилиҳизбии ҳизбҳои сиёсӣ мудохила намекунад. Танҳо дар мавриде, ки аз ҷониби ҳизби сиёсӣ ягон амали зиддиҳуқуқӣ ошкор гардад, пас давлат ва ё мақомоти босалоҳияти он метавонанд нисбати ин амали зиддиқонунӣ чораҳои қонунӣ андешанд.

Конститутсияи ҶТ ва қонунгузории амалкунандаи кишвар асосҳои муайяни ҳуқуқӣ-конститутсиониеро муқаррар намудаанд, ки ба воситаи онҳо робитаи ҳуқуқии ҳизби сиёсӣ бо давлати Тоҷикистон ошкор мешаванд. Масалан, мутобиқи қисми 5 моддаи 8-и Конститутсияи ҶТ таъсис ва фаъолияти иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ ва ҳизбҳои сиёсие, ки нажодпарастӣ, миллатгароӣ, хусумат, бадбинии иҷтимоӣ ва мазҳабиро тарғиб мекунанд ва ё барои бо зурӣ сарнагун кардани сохтори конститутсионӣ ва ташкили гурӯҳҳои мусаллаҳ даъват менамоянд, манъ аст.[2] Дар ин ҷо бахри ҳифзи манфиатҳо ва арзишҳои умумидавлатӣ ва умумихалқӣ давлат ҳамчун субъекти таъминкунандаи соҳибихтиёрии давлатӣ, амнияти давлатӣ, тамомияти арзӣ, истиқлолияти давлатӣ ва ҳимояи асосҳои сохтори конститутсионӣ ва тартиботи ҳуқуқӣ ба зиммаи худ пешгирӣ ва таъсирррасонӣ ба иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ ва ҳизбҳои сиёсиеро мегирад, ки мақсаду ҳадафҳои созанда надоранд ва хоҳони амалҳои зиддиқонунианд.

Дар асоси таҳлили дар боло гузаронидашуда ба чунин хулоса омадан мумкин аст, ки танзими ҳамаҷонибаи конститутсионӣ-ҳуқуқии фаъолияти ҳизбҳои сиёсӣ барои давлат, шаҳрвандон, худи ҳизбҳои сиёсӣ ва таъмини инкишофи ҷомеаи шаҳрвандии Тоҷикистон ниҳоят зарур мебошад. Зеро ки аз шумораи зиёди иттиҳодияи ҷамъиятии шаҳрвандон маҳз ба ҳизбҳои сиёсӣ рисолати таъмини ҳуқуқи шаҳрвандони Тоҷикистон ба муттаҳидшавӣ ва иштирок дар ҳаёти сиёсии давлат дода шудааст.

Аз фаъолияти ҳуқуқии ҳизбҳои сиёсӣ дар ҶТ инкишофи равандҳои сиёсӣ ва ҳуқуқии кишвар вобаста буда, низоми бисёрҳизбӣ ва гуногунандешии сиёсӣ таъмин карда мешавад. Бо иштироки фаъолонаи худ дар ҳаёти сиёсӣ ва идоракунии давлатии ҶТ ҳизбҳои сиёсӣ метавонанд ҳаёти сиёсиро рангин

---

[1]Имомов Ҳ.Ш. Баъзе аз масъалаҳои иштироки ҳизбҳои сиёсӣ дар амалигардонии муносибатҳои конститутсионӣ-ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон // Маҷаллаи академии ҳуқуқ. - 2019.- №2 (30) –С.183.

[2]Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон, аз 6 - уми ноябри соли 1994, бо тағйироту иловаҳои охирин аз 22 майи соли 2016.- Душанбе, 2016. –С.3.

намуда, барои ҳифз шудани ҳуқуқу манфиатҳои шаҳрвандон дар соҳаҳои гуногуни иҷтимоию иқтисодӣ ва сиёсиву фарҳангӣ нақши намояндагиро иҷро намоянд.

**Адабиёт:**


1. Имомов А. Ҳуқуқи конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон. Китоби дарсӣ. Нашри чорум бо тағйироту иловаҳо.- Душанбе: «Офсет Империя», 2017.
2. Имомов Ҳ.Ш. Баъзе аз масъалаҳои иштироки ҳизбҳои сиёсӣ дар амалигардонии муносибатҳои конститутсионӣ-ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон // Маҷаллаи академии ҳуқуқ. - 2019.- №2 (30).- С. 175 – 186.
3. Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон, аз 6 – уми ноябри соли 1994, бо тағйироту иловаҳои охирин аз 22 – уми майи соли 2016.- Душанбе, 2016.
4. Старостенко К.В. Конституционно-политическое многообразие: сущность и проблемы реализации в Российской Федерации. – СПб.: Изд.- во Р.Асланова «Юридический центр Пресс», 2018.
5. Теория государства и права // Под ред. В.М. Корельского, В.Д. Перевалова. М., 1997.
6. Чиркин В.Е. Правовое положение политических партий: российский и зарубежный опыт // Журнал российского права.- 1999.- № 3/4.- С. 117 - 132.


**Имомов Ҳ.Ш.**


**Фишурда**

**Робитаи ҳуқуқӣ – конститутсионии ҳизбҳои сиёсӣ бо давлат**

Дар мақола масъалаҳои мубрами робитаи ҳуқуқӣ-конститутсионии ҳизбҳои сиёсии ҶТ бо давлати Тоҷикистон таҳқиқ ва баррасӣ карда шудааст. Давлат ҳамчун субъекти асосии муносибатҳои ҳуқуқии конститутсионӣ эътироф гашта, бо иштирокчиёни зиёди ин муносибатҳо, аз ҷумла ҳизбҳои сиёсӣ дар робитаи ҳуқуқӣ қарор дорад. Робитаи ҳуқуқӣ-конститутсионии давлати Тоҷикистон бо ҳизбҳои сиёсӣ дар самтҳои гуногуни ҳаёти давлатӣ, ҷамъиятӣ ва идоракунии ҳаёти сиёсӣ ба назар мерасанд. Дар раванди таъйин ва баргузории маъракаҳои муҳимми сиёсӣ-ҳуқуқӣ ба мисли, интихоботи Президенти ҶТ, интихоботи вакилони Маҷлиси Олии ҶТ, интихоботи вакилони Маҷлисҳои маҳалли вакилони халқӣ, интихоботи вакилони Ҷамоатҳо, раъпурсии умумихалқӣ робитаи зичи ҳизбҳои сиёсӣ бо давлат амалӣ гардонида мешаванд. Дар таҳия ва татбиқи сиёсати давлатӣ давлат якҷоя бо ҳизбҳои сиёсӣ барномаҳои соҳавиро коркард ва қабул менамоянд, ки дар ин раванд робитаи ҳуқуқӣ-конститутсионии онҳо муайян мешавад.


**Имомов Х.Ш.**


**Аннотация**

**Конституционно – правовая связь политических партии с государством**

В статье анализируются и рассматриваются актуальные вопросы конституционно – правовая взаимодействия политических партии Таджикистана с государством Таджикистана. Государство признается как основной субъект конституционно-правовых отношений и взаимодействует с многими участниками правовых отношений, в том числе и с политическими партиями. Консти-

туционно-правовая связь политических партий с государством Таджикистана определяется во многих сферах государственной, общественной и политической управлении. В процессе назначение и проведение основных политико-правовых мероприятиях, таких как, выборы Президента РТ, выборы депутатов Маджлиси намояндагони МО РТ, выборы депутатов в Местные маджлисы народных депутатов, выборы депутатов в Джамоаты, всенародный референдум реализуется непосредственная связь между политическими партиями и государством. В подготовке и реализации государственной политики государство вместе с политическими партиями вырабатывает и принимает государственные отраслевые программы и в данном процессе определяется конституционно-правовой связь между этими субъектами.

**Imomov H.Sh.**

**The summary**

**Legal – constitutional relation of political parties with state**

In the article they are analyzed and researched the actual problems of legal constitutional relations of political parties of the Republic of Tajikistan with a state of Tajikistan state recognized the main subject of legal constitutional ties, with many. Participants of these relations including political parties has legal relations. Legal constitutional relations of a state of Tajikistan has in different directions of state, public and political lives. They are seen in the processes of announcement and holding important legal political campaigns such as Presidential elections of RT, Parliamentary elections, local governments, referendums. Political parties work together with a state in preparations of programs in various branches which defined their legal-constitutional contacts.

**Муқарризи мақола Гадоев Б.С. – доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, профессор**

**Муродзода У. У.***

Байни дигар нишондодаҳои сифати мол, кору хизмат, нақши махсусро нишондиҳандаи бехатарӣ дорад. Нишондиҳандаи мазкур ба монанди комплектонӣ, навъи мол, ҷойи истеҳсол ва ғайра дар ҳамбастагии худ сифатро ифода намуда, вале дар алоҳидагӣ унсури сифат мебошанд. Аз лиҳози афзалиятҳои субъективӣ, завқи зебопарастӣ ва дигар манфиатҳо ба ин ё он унсури сифати мол диққати хосса ва тарғиботи зиёд дода мешавад. Вале чунин муносибати шахсони манфиатдор моҳияти сифатро ҳамчун мафҳуми ҷамъоварандаи якчанд хосиятҳои объективӣ тағйир дода наметавонад.

Вазъи махсуси талаботи бехатарӣ тибқи яке аз ҳуқуқҳои истеъмолкунанда ба ҳаёт ва дахлнопазирии шахсӣ муайян карда мешавад.Ин, пеш аз ҳама, он нуқтаро тасдиқ мекунад, ки харидор, ҳуқуқ ва озодиҳои ӯ дар шароити волоияти ҳуқуқҳои гражданӣ ва рушди савдо муҳим аст. Ҳаёт, қадр, номус ва дигар ҳуқуқҳои фитрии шахсони воқеӣ дар қонунгузорӣ эътироф ва ҳифз карда мешаванд. Чунин ҳолат давлатро уҳдадор менамояд, ки механизми танзими ҳуқуқиро доимо такмил диҳад, аз дастовардҳои илму техника, ҳамкориҳои бахшҳои хусусӣ ва давлатӣ бештар истифода намояд.

Мутобиқи м. 199 Кодекси граждании ҶТ шартномаи хариду фурӯши моли хатарнок (ба талаботҳои ҳатмӣ, ки ба бехатарӣ пешниҳод карда мешавад, ҷавобгӯй нест), ки ба тартиботи ҳуқуқӣ мухолиф аст, беэътибор мебошад. Чунин амал ҳуқуқӣ нест, чунки ба меъёри ҳуқуқ мухолифат мекунад, ҳуқуқ ва озодиҳои ҷудонашавандаи шаҳрвандонро, ки дар м. 1, 5, 10 ва 12 боби якуми Конститутсияи ҶТ[3] дарҷ гардидааст, вайрон мекунад. Дар ҳолати мазкур фурӯшанда оид ба хатарнокии мол огоҳ аст ё барқасдона ба мавҷудияти он роҳ

---

[1]Гридин А.В. Гражданско-правовые способы обеспечения качества товаров, работ и услуг: дис. ... канд. юрид. наук: 12.00.03. – Краснодар, 2006. - С.35.

[2]Ҳамон ҷо - С.35-36.

[3] Конститутсияи ҶТ аз 6-уми ноябри соли 1994, бо тағйиру иловаҳо аз 26-уми сентябри соли 1999, 22- юми июни соли 2003 ва 22-юми майи соли 2016. [Захираи электронӣ] // http://www.mmk.tj/ru/ (Санаи муроҷиат: 08.02.2021с.).

медиҳад, яъне қасдона амал мекунад. Моли аз харидор аз рӯи аҳд гирифташуда, бояд ба тарафи дигар баргардонида шавад, зарари он бошад ба фоидаи ҶТ ҷуброн карда мешавад.

Аз рӯи шумораи хосиятҳои тавсифшаванда нишондиҳандаи сифат ба ягона ва маҷмӯӣ ҷудо мешавад. Шакли ягона ба намуди мушаххаси маҳсулот ворид мешавад ва онро танҳо аз рӯи яке аз хосиятҳо тавсиф мекунанд.

Шакли маҷмӯии он метавонад сифати ягонаи маҳсулотро аз рӯи якчанд хосият ё ҳаҷми бароиши маҳсулот тавсиф кунад. Ба ақидаи Э.П. Райхман, нишондиҳандаи маҷмӯӣ метавонад гуруҳӣ, функсионалӣ ва интегралӣ бошад.[1]

Хосияти асосӣ ё гуруҳи хосиятҳоро, ки сифатро ташкил мекунанд, тасниф намуда, ба таври кофӣ ба сифати мол, кору хизмат метавонем онро пурра дарк намоем. Хосияте, ки сифати маҳсулотро ташкил мекунад – ин хосиятест (гуруҳи хосиятҳоест), ки он, аз як тараф маҳсулотро бо дигар намудҳои маҳсулот муқоисашаванда мекунад, аз тарафи дигар бошад, намудҳои маҳсулотҳои муқоисашавандаро аз ҳамдигар фарққунанда месозад. Беҳгардонии як хосият ё гуруҳи хосиятҳо метавонад ба бадкунии дигар хосият ё гуруҳи хосиятҳо оварда расонад.

Нишондиҳандаи сифат барои баҳогузории сифати мол дар вақти сохтан, санҷидан, сертификатсияи мутобиқат ва истеъмоли он истифода бурда мешавад. Нишондиҳандаи сифат на танҳо баҳо додани тағйироти дар зери таъсири ҷараёни илмӣ – техникӣ дар вақти лоиҳакашӣ, истеҳсол, истифодабарӣ бавуҷудоянда имконият медиҳад, инчунин барои аз рӯи шумора санҷидани сифати мол, кору хизмат имконият фароҳам меорад. Ин ҷо сухан дар бораи унсурҳои муайяни ҳаёти моддии инсон меравад.

Баъзе муаллифон нишондиҳандаи сифатро тибқи фаҳмиши субъективии худ шарҳ медиҳанд. Масалан, зери нишондиҳандаи сифат А.В. Гличев «тавсифи шумориавии як ё якчанд хосияти маҳсулотро, ки сифати онҳоро ташкил мекунанд», мефаҳмад.[2] Аммо ҳама муаллифон ба хулосае меоянд, ки нишондиҳандаи сифат чораи шуморавии хосияти маҳсулотро ифода мекунад. Тавсифи шуморавии хосияти маҳсулот, ки сифати онро ташкил мекунад, ба воситаи нишондиҳандаи сифат ифода мегардад.

Номгӯи нишондиҳандаҳои сифат аз намуд ва таъиноти маҳсулот вобаста аст ва нишондиҳандаҳои тавсифӣ ва баҳодиҳиро фаро мегирад. Номгӯи нишондиҳандаҳои сифат дорои таркиби мураккаби нишондиҳандаҳои баҳодиҳии маҳсулот мебошад. Мутобиқи Стандарти давлатии 15467– 791 нишондиҳандаҳои зерин истифода мешаванд: таъинкунӣ, устуворӣ, сарфакорона истифода бурдани захираҳо (маҳсулоти хом, маводҳо, сӯзишворӣ, энергия) технологӣ, стандартонӣ, ҳамгунасозӣ; патентӣ – ҳуқуқӣ, экологӣ, бехатарӣ ва ғайра, ки бояд, ки дар ҷараёни ҳуқуқэҷодкунӣ ба инобат гирифта шаванд. Албатта ин талаботҳоро дониста, амалӣ намудан лозим аст. Масалан, ашёи чарм-

[1]Райхман Э.П. Основные понятия оценки качества продукции // Стандарты и качество. - 1988. - №9. - С.24.

[2]Гличев А.В. Очерки по экономике и организации управления качеством продукции. Очерк третьый: что такое качество // Стандарты и качество. - 1993. - № 1. - С.13.

гарӣ ва дӯзандагӣ сифати баланд дорад, вале истеҳсолкунанда ин донишу малакаи худро бо гирифтани патент расмӣ накардааст. Ин ҳолат метавонад барои дастрасии бозор ба ӯ мушкилот биёрад.

Ба номгӯи муайяни маҳсулот нишондиҳандаҳои асосии таъинот вобаста аз шумораи вазифаҳои иҷрошаванда мувофиқат мекунад.

Дар адабиёти махсус истилоҳи устуворӣ – ҳамчун қобилияти нигоҳдорӣ дар ҳадди додашуда, дар давоми фосилаи вақти талабшудаи ҳама хосиятҳои истеъмолии мол баррасӣ мешавад.

Нишондиҳандаи устуворӣ қобилияти молро (кору хизмат) ҷиҳати иҷро намудани вазифаи талабшуда дар чорчӯбаи додашуда ва шартҳои истифода, хизматрасонии техникӣ, таъмир, нигоҳдорӣ ва интиқол тавсиф мекунад, ки барои муқаррар намудани муҳлати кафолатӣ, муайян намудани асоси истифодаи масъулияти ҳуқуқӣ хеле муҳим мебошад.

Ба ақидаи баъзе муаллифон «мафҳуми устувориро мумкин аст ҳамчун «берадкунӣ», «барои иҷрои вазифаи муайян қодир» ё ҳамчун «эҳтимолияти иҷрои вазифаи муайян ё вазифа дар давоми вақти муайян ва дар шартҳои муайян» шарҳ додан мумкин аст».[1]

Устуворӣ – ин нишондиҳандаи маҷмӯӣ мебошад, ки бо нишондиҳандаҳои ягона тавсиф мешаванд: дарозмуҳлат, берадкунӣ, ба таъмир хос, нигоҳдорӣ.

А. Л. Денисов дар мавриди муқоисаи устувории хизматрасонии иттилоотӣ «қобилияти хизмат ҷиҳати қонеъ намудани талаботи иттилоотии муштариро дар муҳити иттилоотии махсус ташкилшуда» мефаҳмад. Устуворӣ, чи тавре дар назарияи идоракунии умумӣ қабул шудааст, сифат ба воситаи нишондиҳандаи устуворӣ баҳогузорӣ карда шуда ва дар он вақти кори давомноки маҳсулот (ашёи инфиродан муайян) тавсиф карда мешавад».[2]

Дар вақти омӯзиши устуворӣ, тавре Е. М. Купряков қайд менамояд, ба берадкунӣ гузаронидани санҷиши назоратӣ зарур аст.

Берадкунӣ – хосияти маҳсулот ҷиҳати нигоҳ доштани коршоямӣ дар давоми баъзе соати корӣ, бе танаффуси зарурӣ мебошад».[3]

Дарозмуҳлатӣ – хосияти маҳсулот ҷиҳати нигоҳ доштани коршоямӣ то ҳолати ниҳоӣ бо танаффуси зарурӣ барои хизматрасонии техникӣ ва таъмир мебошад.

Ба таъмир хос – ин қобилияти маҳсулот ба огоҳсозӣ, дарёфт кардан ва бартараф кардани азкормонданҳо ва нуқсонҳо бо роҳи гузаронидани хизматрасонии техникӣ ва таъмир мебошад.

---

[1]Управление качеством: Книга для высшей школы. // Отв. ред. С.Д. Ильенковой. - М.: ЮНИТИ, 1998. - С.93.

[2]Денисова А.Л. Качество информационных услуг (Теория и методология): дис. ….. д.-ра экон. наук: 08 00 05. – Тамбов., 2001. - С.98.

[3]Купряков Е.М. Стандартизация и качество промышленной продукции. – М.: Высшая школа, 1991.- С.143.

Нигоҳдорӣ – хосияти маҳсулот ҷиҳати нигоҳ доштани нишондиҳандаҳои истифодабарӣ дар давом ва пас аз муҳлати хизмат, ки дар ҳуҷҷати техникӣ муқаррар гардидааст, ба шумор меравад.

Нишондиҳандаҳои экологӣ – сатҳи таъсироти зарароварро ба муҳити зист тавсиф мекунад, ки дар вақти истифодаи (истеъмоли) маҳсулот ба вуҷуд меояд. Табиист, ки моли хушсифат ба талаботҳои экологӣ мутобиқ мебошад. Мувофиқи боби 8 (м. 44 – 54) Қонуни ҶТ «Дар бораи ҳифзи муҳити зист» аз 2 – юми августи соли 2011, таҳти № 760[1] риояи талаботҳои ҳатмии экологӣ барои пешгирии таъсири номатлуби фаъолияти истеҳсолӣ – тиҷоратӣ ба муҳити зист, ташкилу истифодаи оқилонаи захираҳои табиӣ ва таъмини амнияти экологӣ равона шудааст. Бинобар ин, риояи талаботҳои мазкур барои расидан ба натиҷаҳои судманди фаъолияти субъектони ҳуқуқи граждании мусоидат мекунад, ифодакунандаи сатҳи баланди муносибат ба муҳити зист ва масъулияти иҷтимоӣ мебошад. Оид ба ҷорӣ намудани талаботҳои нави экологӣ субъектони фаъолияти соҳибкорӣ бояд ба стандартҳои ISO, силсилаи 14000 диққати махсус диҳанд. Дар ин кор ҳамкорӣ бо муассисаи давлатии «Лабораторияи илмӣ – таҳқиқотии ҳифзи табиат» аз манфиат холӣ нест. Соҳибкор барои расидан ба ҳадафҳои моддӣ ва маънавии худ бояд бо чунин пажуҳишгоҳҳо, бизнес – инкубатторҳо ва дигар паркҳои технологӣ ҳамкорӣ намуда, сифати маҳсули фаъолияти худро баланд бардорад. Бозорро обод ва зебо гардонад.

Нишгондиҳандаи эргономикӣ талаботеро, ки ба таъмини созиши тавсифи техникии маҳсулот бо тавсифи иқтисодӣ ва хосияти инсон равона карда шудааст, ба низом медарорад.

Нишондиҳандаи сарфакорона истифода намудани захираҳо, тавре Г. А. Антонов дуруст қайд намудааст, хосияти маҳсулотро, ки мукаммалии техникии онро аз рӯи сатҳ ё дараҷаи истифодабарии маҳсулоти хом, моддаҳо, сӯзишворӣ ва энергия дар вақти меъёри танзими истифодаи маҳсулотро аз рӯи таъинот ифода мекунад.[2]

Қайд намудан лозим аст, ки нишондиҳандаи ҳимояи патентӣ, ки сатҳи баланди эҷодии асари техникиро тавсиф мекунад. Нишондиҳандаи зикршуда дар вақти ба охир расонидани коркарди маҳсулот муайян карда мешавад. Ҳуҷҷати расмӣ, ки оид ба тозагии патентӣ ва ҳимояи патентии маҳсулот шаҳодат медиҳад, шакли патентӣ мебошад, ки мутобиқи Стандарти давлатии 2.110 – 68 иҷро карда шудааст.[3] Гузариш ба чунин шакли ҳимояи объектҳои муайяни моликияти саноатӣ яке аз дастовардҳои муҳими истиқлолияти давлатӣ мебошад. Чунин ҳолат барои рушди навовариҳои техникӣ ва технологӣ дар саноат

[1]Қонуни ҶТ «Дар бораи ҳифзи муҳити зист» аз 2. 08. соли 2011, таҳти № 760 // Ахбори Маҷлиси Олии ҶТ. – 2011. - № 7-8. – Мод. 614; 2014. - №11. – Мод. 669. Бо тағйиротҳо мувофиқи қонунҳои ҶТ: аз 27. 11. соли 2014, таҳти № 1160; аз 18. 07. соли 2017, таҳти № 1449.

[2]Антонов Г.А. Основы стандартизации и управления качеством продукции: учебник. - СПб.: Изд.-во СПбУЭФ, 1995. - Ч.3. - С.9.

[3]Хисамова Э.Д. Качество как стратегический фактор повышения конкурентоспособности приборостроительной и электротехнической продукции: дис. ... канд. эконом. наук: 08.00.05.- Казань., 1999. - С.72.

ва қосибӣ замина мегузорад, доираи занҷираи «ашёи хом – истеҳсоли маҳсулоти ниҳоӣ – дарёфти бозори фурӯш» амалӣ менамояд.

Истилоҳҳои «сифат» ва «шумора» дар робитаи зич ва вобастагии мутақобила қарор доранд. Қонуни гузариши ченкунии шуморавӣ ба сифатӣ барои фаҳмидани табиати сифати мол, кору хизмат аҳамияти муҳим дорад. Ба ақидаи А.В. Гличева: «Низомнок ва робитаи мутақо–билаи хосиятҳои алоҳидаи сифат бо шумораи умумии ашё аз пуррагии сифат, ягонагии он дарак медиҳанд. Ҳамаи ин имконият медиҳад, ки сифати маҳсулотро ҳамчун низоми мураккаби хосиятҳои ба ҳам робитадошта ва ҳаракаткунандаи арзишҳои мод-дии муайяни ин хосиятҳо баррасӣ намоем».[1]

Ба ақидаи А.В Гридин мо ҳамфикр мебошем, ки тибқи он нақши нишондиҳандаи сифати объекти ҳуқуқи гражданӣ дар он ифода мегардад, ки он имкони аз рӯи шумора сифати мол, кор ва хизмат ҳамчун зинаи асосӣ арзёбӣ намудани ин чараёнро фароҳам меорад.[2]

Ҳамин тавр, мақолаи мазкурро ҷамъбаст намуда, чунин ибрози назари хулосавӣ намудан мумкин аст. Мол, кор ва хизмат объектҳои хеле паҳншудаи ҳуқуқи гражданӣ мебошанд. Онҳо аломатҳои хос доранд, бештар фармуда ё харидорӣ мешаванд. Речаи ҳуқуқии муомилоти онҳо гуногун аст. Ҳамзамон ин объектҳо бояд тибқи қонунгузорӣ дорои маҷмӯи хусусиятҳои истеҳсолӣ ва истеъмолӣ (коршоямӣ, камхарҷӣ, экологӣ, бехатарӣ, тарҳи бадеию конструкторӣ ва ғайра) бошанд. Чунин ҳолат бархурди манфиатҳо намебошад, чунки дар таҳия ва риояи талаботҳои сифатии мол, кор ва хизмат ҳамаи субъектҳои манфиатдори ҳуқуқи гражданӣ иштирок менамоянд. Ислоҳоте ки дар Тоҷикистон оид ба стандартонӣ, ҷорӣ намудани хизматҳои гуногуни баҳодиҳии мутобиқат, аудити сифат ва ғайра амалӣ шуда истодааст, аз як ҷиҳат талаботро оид ба истеҳсол ва муомилоти объектҳои ҳуқуқи гражданиро такмил медиҳад, аз ҷиҳати дигар, бо бартараф намудани монеаҳо дар савдо ва танзими техникӣ, риояи ҳуқуқҳои граждании соҳибкорро таъмин менамояд.

**Адабиёт:**


1. Антонов Г.А. Основы стандартизации и управления качеством продукции: учебник. - СПб.: Изд.-во СПбУЭФ, 1995. - Ч.3.
2. Гличев А.В. Очерки по экономике и организации управления качеством продукции // Стандарты и качество. - 1992. - №11. - С. 8-14.
3. Гличев А.В. Очерки по экономике и организации управления качеством продукции. Очерк третьый: что такое качество // Стандарты и качество. - 1993. - № 1. - С.9 - 14.
4. Гридин А.В. Гражданско-правовые способы обеспечения качества товаров, работ и услуг: дис. ... канд. юрид. наук: 12.00.03. – Краснодар, 2006. - 212 с.


---

[1]Гличев А.В. Очерки по экономике и организации управления качеством продукции // Стандарты и качество. - 1992. - №11. - С. 11-12.

[2]Гридин А.В. Асари ишорашуда.- С.40.

5. Денисова А.Л. Качество информационных услуг (теория и методология): дис. ….. д.-ра экон. наук: 08 00 05. – Тамбов., 2001. – 341с.

6. Купряков Е.М. Стандартизация и качество промышленной продукции. – М.: Высшая школа, 1991.- 303с.

7. Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 6-уми ноябри соли 1994, бо тағйиру иловаҳо аз 26-уми сентябри соли 1999, 22- юми июни соли 2003 ва 22-юми майи соли 2016. [Захираи электронӣ] // http://www.mmk.tj/ru/ (Санаи муроҷиат: 08.02.2021с.).

8. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ҳифзи муҳити зист» аз 2. 08. соли 2011, таҳти № 760 // Ахбори Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон. – 2011. - № 7-8. – Мод. 614; 2014. - №11. – Мод. 669. Бо тағйиротҳо мувофиқи қонунҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон: аз 27. 11. соли 2014, таҳти № 1160; аз 18. 07. соли 2017, таҳти № 1449.

9. Райхман Э.П. Основные понятия оценки качества продукции // Стандарты и качество. - 1988. - №9. - С.16 - 26.

10. Управление качеством: Книга для высшей школы. // Отв. ред. С.Д. Ильенковой. - М.: ЮНИТИ, 1998.

11. Хисамова Э.Д. Качество как стратегический фактор повышения конкурентоспособности приборостроительной и электротехнической продукции: дис. ... канд. эконом. наук: 08.00.05.- Казань., 1999. – 254с.

**Ғаюрзода Ш. К.,**
**Мирзозода П. З.**

**Фишурда**
**Аломатҳои сифат дар муомилоти гражданӣ**

Дар ин мақола аломатҳои асосии сифати ашё, кор ва хизмат дар муомилоти гражданӣ таҳлил шудаанд. Дар он чунин хусусиятҳо ё унсурҳои сифат, ба монанди пурра будан, комплекснокӣ, устувор будан, амнияти экологӣ ва истифодабарии объектҳои муомилоти молумулкӣ муайян шудаанд. Ба андешаи муаллифон ислоҳоти танзими техникӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои ҳалли ду масъалаи бо ҳам алоқаманд равона шудааст: баланд бардоштани сифати мол, кор ва хизмат ва бартарафнамудани монеаҳо дар танзими техникӣ ва савдо. Ҳалли ин вазифаҳо барои инкишофи муомилоти гражданӣ ва таъмини ҳуқуқҳои граждании соҳибкор мусоидат карда метавонанд.

**Гаюрзода Ш. К.,**
**Мирзозода П. З.**

**Аннотация**
**Признаки качества в гражданском обороте**

В данной статье анализируется основные признаки качества вещей, работ и услуг в гражданском обороте. В нем определяется такие свойства или элементы качества как полнота, комплексность, устойчивость, экологичное и эксплуатационная безопасность объектов имущественного оборота. По мнению ав-

торов, реформа технического регулирования в Республике Таджикистан направлено на решение двух взаимосвязанных задач: повышение качества товаров, работ и услуг; устранение барьеров в техническом регулировании и торговли. Решение этих задач способствует развитию гражданского оборота и обеспечению гражданских прав предпринимателей.

**Gayurzoda Sh.K.,**
**Mirzozoda P.Z.**

**The summary**
**Signs of quality in civil circulation**

This article analyzes the main features of the quality of things, works and services in civil circulation. It defines such properties or elements of quality as completeness, complexity, sustainability, environmental friendliness and operational safety of objects of property turnover. According to the authors, the reform of technical regulation in the Republic of Tajikistan is aimed at solving two interrelated tasks: improving the quality of goods, works and services; elimination of barriers in technical regulation and trade. The solution of these problems contributes to the development of civil circulation and ensuring the civil rights of entrepreneurs.

**Муқарризи мақола Қурбонолизода Н.Ш. – номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ, дотсент**

**Қосимов Ф. А.***

## НЕРӮГОҲИ БАРҚИ ОБИИ «РОҒУН» СУБЪЕКТ Ё ОБЪЕКТИ ҲУҚУҚИ ГРАЖДАНӢ?

**Калидвожаҳо:** субъект, объекти ҳуқуқи гражданӣ, муносибатҳои молумулкӣ, гидростансия, Роғун, ҷамъияти саҳомии шакли кушода, корхонаи давлатии энергетикӣ, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, шартномаи ҳуқуқи гражданӣ, бозори энергетикӣ, ҳуқуқи энергетикӣ, ҳуқуқи омма

**Ключевые слова:** субъект, объект гражданского права, имущественные отношения, гидроэлектростанция, Рогун, акционерное общества открытого типа, государственное энергетическое предприятие, Президент Республики Таджикистан, гражданско – правовой договор, энергетический рынок, энергетическое право, публичное право

**Keywords:** subject, object of civil law, property relations, hydroelectric power station, Rogun, open joint stock company, state energy enterprise, President of the Republic of Tajikistan, civil law contract, energy market, energy law, public law

Масъалаи муайян намудани нерӯгоҳи барқи обии «Роғун» ба сифати субъект ё объекти ҳуқуқи гражданӣ басо муҳим мебошад. Аз дуруст муайян намудани он, самаранокии танзими ҳуқуқии муносибатҳои молу мулкӣ ва ғайримо-

*Директори институти Конфутсий назди Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ, дотсент.

лумулкии соҳаи энергетикии ба баробарӣ ва мухторияти ирода асосёфта, вобастагӣ дорад.

Чи тавре ки Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар яке аз паёмҳои худ қайд мекунад: «низоми энергетикии ҷумҳурӣ, ки дар заминаи захираҳои маҳалии гидроэнергетикӣ таъсис дода шудааст, воқеан дар Иттиҳоди Давлатҳои Мустақил яке аз низомҳои пешрафта ва боэътимод мебошад».[1] Яке аз унсурҳои функсионалии низоми мазкур ҳуқуқи гражданӣ мебошад. Муносибатҳои молу мулкӣ ва ғайримолумулкии таъсиси Ҷамъияти саҳомии кушодаи «Нерӯгоҳи барқи обии «Роғун», муайян намудани речаи ҳуқуқии молумулки он, эътирофи ҳуқуқҳои шахсии ғайримолумулкиаш, ба бозори энергетикӣ ворид намудани маҳсулоти он ва ҳимояи ҳуқуқҳои граждании ташкилоти ин неругоҳ, мавзӯи танзими ҳуқуқи гражданӣ мебошанд. Чунин андеша бевосита аз мазмуни қ. 1 м. 1 Кодекси граждании Ҷумҳурии Тоҷикистон[2] (минбаъд – КГ ҶТ) бармеояд.

Вале оид ба ин масъала дар адабиёти ҳуқуқшиносӣ андешаҳои дигар низ вуҷуд доранд. Таҳлили онҳо ва муайян намудани мавқеи мо, яке аз ҳадафҳо дар таҳияи ин мақола мебошад. Сухан дар бораи эътирофи ҳуқуқи энергетикӣ ҳамчун соҳаи комплексии ҳуқуқ меравад. Барои эътирофи он, заминаи асосии меъёрӣ – ҳуқуқии соҳаи энергетика на КГ, балки Қонун «Дар бораи энергетика» эътироф карда мешавад. Муносибатҳои энергетикӣ бо ҳайати хосси субъектонаш маънидод шуда, яке аз онҳо, дар баробари давлат, ташкилотҳои байнидавлатӣ, мақомоти ваколатдори давлатии соҳавӣ, корхонаҳои давлатии энергетикӣ мебошанд. Бинобар ин, баъзе муаллифон ҳуқуқи энерге-тикиро ҳамчун соҳаи комплексии сатҳи сеюми ҳуқуқ эътироф менамоянд.[3] Чунин ақидаҳо баҳснок мебошанд. Ба услуби қадимаи ҳуқуқшиносӣ оид ба оне, ки дуализми ҳуқуқ (ҳуқуқи давлатӣ ва ҳуқуқи хусусӣ (гражданӣ)) баҳри такми-ли ҳуқуқ аст, мухолиф аст. Назарияи комплексии ҳуқуқ маҳсули сохтаи ҳуқуқи шӯравӣ буд, ки заминаи боэътимоди ҳаётӣ ва илмӣ надорад. Аз ҳамон як гуфтаи доҳии пролетариати ҷаҳон дар хусуси оне, ки «мо дар бахши хоҷагӣ ягон чизи хусусиро эътироф намекунем», бармеояд. Ба ҳастии инсон ҳамчун шахси воқеӣ ва молик мутобиқ нест. Қонуни байнисоҳавӣ соҳаи комплексии ҳуқуқро ба вуҷуд намеорад. Соҳаи ҳуқуқ бо доштани предмети танзими худ,

---

[1]Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 20 – уми апрели соли 2006. // http://www. prezident.tj (Санаи муроҷиат: 23. 07. соли 2022.).

[2]КГ ҶТ. Қисми якум. Аз 30-юми июни соли 1999. //Ахбори Маҷлиси Олии ҶТ. – 1999. - № 6. - м. 153; 2001. - № 7. - м. 508; 2002. - № 4. – қ.1. - м. 170; 2005. - № 3. - м. 125; 2006. - № 4. - м. 193; 2007. - № 5. - м.356; 2010. - № 3. - м. 156; № 12. - қ. 1. - м. 802; Қонуни ҶТ аз 03.07.2012., № 850; Қонуни ҶТ аз 28.12.2012., № 928; Қонуни ҶТ аз 22.07.2013., № 976.

[3]Предпринимательское (хозяйственное) право: учебник. В. 2 т. Т. 1. / Отв. ред. О. М. Олейник. – М., 1999. – С. 33; Предпринимательское право Российской Федерации: учебник /Под ред. Е. П. Губина и П. Г. Лахно. – М., 2003. – С. 53; Сангинов Д. Ш. Энергетическое право Республики Таджикистан: учебное пособие. – Душанбе: «ЭР - граф», 2013. – С. 57.

принсипҳои бунёдӣ ва усулҳои хосси танзимӣ вуҷуд дорад ва барои рушди устувории инсон, ҷомеа ва давлат мусоидат мекунад. Ба таври сунъӣ таъсис додани ҳуқуқи комплексӣ дар амал аз ҷониби ҳуқуқи омма фурубурдани ҳуқуқи гражданӣ буд ва мебошад. Чунин муттаҳидсозӣ танҳо ҳадафи васеъ намудани доираи танзими давлатӣ мебошад.

Ҳуқуқи энергетикӣ соҳаи комплексии ҳуқуқ буда наметавонад, чунки чунин соҳаи ҳуқуқ вуҷуд надорад. Ҳуқуқе ки мо мефаҳмем заминаи хусусӣ ва ё оммавӣ дошта, аз қонеъгардонии манфиатҳои шахсӣ, ҷамъиятӣ ва давлатӣ дар шакли меъёрии ҳуқуқӣ, амалӣ намудани он, татбиқ ва назорати иҷро, иборат аст. Меъёрҳои ҳуқуқи хусусӣ (гражданӣ) ва ҳуқуқи оммавӣ (ҳуқуқи конститутсионӣ, ҳуқуқи маъмурӣ, ҳуқуқи молиявӣ, ҳуқуқи ҷиноятӣ ва ғайра) бо ҷойгиршуданашон дар як қонун (кодекс), меъёрҳои табиати дигардоштаро ба вуҷуд оварда намета-вонанд. Зеро дар ин маврид ҷойгиршавии онҳо дар як ҳастии ҳуқуқӣ мустақилияти соҳавиро азбайн намебарад. Агар одӣ карда гӯем, масалан, дар ҷуздон як дафтар, як қалам ва як китобро ҷойгир намоем, бо ҷойгиркунии онҳо объектҳои номбаршудаи ҳуқуқи гражданӣ несту нобуд намешаванд. Моҳияти чунин амали ҳаётӣ дар он аст, ки ҷуздон барои нигоҳдорӣ, интиқол ва истифодаи объектҳои номбаршуда мусоидат мекунад. Барои истифодабаранда имконияти қонеъ гардонидани эҳтиёҷоташро фароҳам меорад. Ҳамин гуна эҳтиёҷотҳо ҳангоми таҳия ва қабули қонунҳои комплексӣ (байнисоҳавӣ) ба назар гирифта мешавад. Масалан, Қонуни ҶТ «Дар бораи энергетика» (минбаъд – Қонун дар бораи энергетика) аз 29 – уми ноябри соли 2000, таҳти № 33, бо тағйиру иловаҳои охирон аз 28 – уми декабри соли 2013,[1] санади меъёрӣ – ҳуқуқии байнисоҳавӣ буда, дар он асосан меъёрҳои ҳуқуқи маъмурӣ ва ҳуқуқи гражданӣ ҷойгир карда шудаанд. Маълум аст, ки дар матни ин қонун меъёрҳои андозбандӣ буда наметавонад, зеро тамоми муносибатҳои муқаррар, ҳисоб, андозбандӣ ва маъмурияти он, предмети танзими Кодекси андози ҶТ аз 23 – юми декабри соли 2021, таҳти № 1844, мебошанд, ба ғайр аз истисноӣ муқаррарнамудаи қ. 10 м. 1 ҳамин қонун.[2]

Дар дебочаи Қонун дар бораи энергетика зикр карда шудааст, ки он принсипҳои асосии ташкилию ҳуқуқӣ ва тарзу усулҳои танзими фаъолияти хоҷагиро дар соҳаи энергетикаи ҶТ муайян менамояд. Дар алоқаманди ба ин ҳолат, ки талаботи умумиҳатмӣ надорад, дар боби 4 «Такмили базаи меъёрию ҳуқуқӣ бо мақсади таъмин ва танзими ҳамкориҳои мутақобилаи судманди байнидавлати» – и Консепсияи рушди соҳаҳои комплекси сӯзишворию энергетикии

---

[1]Қонуни ҶТ «Дар бораи энергетика» аз 29 – уми ноябри соли 2000, таҳти № 33, бо тағйиру иловаҳои охирон аз 28 – уми декабри соли 2013. // Адлия: Бонки марказонидаи маълумоти ҳуқуқии ҶТ. Тафсири 6.0. / Вазорати адлияи ҶТ. – Душанбе, 2021. – 1 фиттаи электронӣ (CD-ROM).

[2] Кодекси андози ҶТ аз 23. 12. 2021с., таҳти № 1844 //Адлия: Бонки марказонидаи маълумоти ҳуқуқии ҶТ. Тафсири 6.0. / Вазорати адлияи ҶТ. – Душанбе, 2021. – 1 фиттаи электронӣ (CD-ROM).

ҶТ дар давраи солҳои 2003 – 2015,[1] қонуни мазкур яке аз санадҳои асосии танзими ҳуқуқии соҳаи энергетика номида шудааст. Асосӣ будани он бебаҳс дар муайян намудани мақсадҳои асосии давлат дар ин соҳа инъикос мегардад. Чунончӣ:

– таъмини боэътимод ва сифатноки эҳтиёҷоти рӯзафзуни ҷумҳурӣ ба захираҳо ва маҳсулоти энергетикӣ ва кафолати амнияти энергетикии кишвар;

– таъмини ҳифзи муҳити зист ва аҳолӣ аз таъсири зараровари фаъолият дар соҳаи энергетика;

– муҳайё намудани шароити зарурӣ барои пайгирона гузаштани энергетика ба муносибатҳои бозоргонӣ, ҷалб намудани сармоягузории ватанӣ ва хориҷӣ ба он, ба корхонаҳои энергетикӣ додани мустақилияти иқтисодӣ ва таъмини тараққиёти онҳо дар асоси рақобати бозоргонӣ;

– баланд бардоштани самаранокии фаъолияти комплекси сӯзишворию энергетикӣ дар асоси ҷорӣ намудани технологияҳои пешқадам, сарфаҷӯии энергия, истифодаи манбаъҳои барқароршавандаи энергия, кам кардани хароҷоти нисбии захираҳои энергетикӣ дар истеҳсоли маҳсулоти умумии миллӣ.

Дар дебочаи Қонун дар бораи энергетика қонунгузор аз истилоҳи «фаъолияти хоҷагӣ» истифода намудааст, зеро ин фаъолият аз маҷмӯи чораҳои ташкилӣ – маъмурӣ ва истеҳсолию тиҷоратӣ иборат мебошад, ки ба истеҳсол, интиқол ва фурӯши маҳсулоти энергетикӣ равона гардидааст. Масалан, муқаррар намудани нархҳои танзимӣ ба маҳсулоти энергетикӣ аз ҷониби Ҳукумати ҶТ яке аз чораҳои ташкилӣ – маъмурие мебошад, ки аҳамияти калони иҷтимоӣ дорад. Вале барои ҷалби сармояи хусусӣ дар соҳаи комплекси сӯзишворию энергетикӣ монеа эҷод мекунад. Ҷиҳати истеҳсолию тиҷоратии Ҷамъияти саҳомии кушодаи «Нерӯгоҳи барқи обии «Роғун» тақозо менамояд, ки субъекти мазкур ташаббускор ва озод бошад. Субъекти мазкур ҳамчун соҳибкор бояд фаъолияти истеҳсолию тиҷоратии худро тибқи принсипҳои муқаррар намудаи қ. 1 м. 3 КГ ҶТ анҷом диҳад. Риояи ҳатмии принсипҳои дахлнопазирии моликият, озодии шартнома, номумкин будани дахолати худсаронаи ҳар касе ба корҳои хусусӣ, зарурати татбиқи бемонеаи ҳуқуқи гражданӣ, таъмини барқарор намудани ҳуқуқи вайронгардидаи гражданӣ ва ҳифзи судии онҳо асоси таъмини ҳуқуқии фаъолияти соҳибкории Ҷамъияти саҳомии кушодаи «Нерӯгоҳи барқи обии «Роғун» мебошанд. Ҳамзамон танзими давлатии соҳаи энергетика бо таъмини ҳуқуқӣ анҷом намеёбад. Моддаи 5 Қонун дар бораи энергетика иҷозатномадиҳӣ, андозситонӣ, қарздиҳӣ, маблағгузорӣ, таъмини сиёсати сармоягузорӣ, иҷтимоӣ, илмию техникӣ ва назорати иҷрои қонунгузории ҶТ усулҳои дигари танзими давлатӣ дар соҳаи энергетика мебошанд. Татбиқи онҳо ва дигар усулҳои танзими давлатӣ (масалан,

---

[1]Консепсияи рушди соҳаҳои комплекси сӯзишворию энергетикии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар давраи солҳои 2003 – 2015. Бо Қарори Ҳукумати ҶТ аз 3 – юми августи соли 2002, таҳти № 318 тасдиқ шудааст. // Адлия: Бонки марказонидаи маълумоти ҳуқуқии ҶТ. Тафсири 6.0. / Вазорати адлияи ҶТ. – Душанбе, 2021. – 1 фиттаи электронӣ (CD-ROM).

танзими техникӣ, хизматрасонии мутобиқат ба талаботҳои сифат, назорати савдо ва ғайра) дар ҳамон маврид самаранокии Ҷамъияти саҳомии кушодаи «Нерӯгоҳи барқи обии «Роғун» – ро ба вуҷуд меоранд, агар волоияти қонун таъмин карда шавад ва ҳуқуқҳои граждании ин ҷамъиятро вайрон накунанд.

Дар боби сеюми Қонун дар бораи энергетика (м. 10 – 18) муқаррар гардидааст, ки ба корхонаҳои комплекси сӯзишворию энергетикӣ дар идоракунии фаъолияти хоҷагию истеҳсолӣ мустақилият дода мешавад. Фаъолияти онҳо тибқи қонунгузории ҶТ анҷом дода мешавад. Қонунгузор аз истилоҳи васеъ истифода мебарад. Чунин ҳолат аз он бармеояд, ки қонунгузории энергетикӣ ва ҳуқуқи энергетикӣ дар Таснифи ягонаи умумиҳуқуқии ҶТ[1] эътироф нашудааст.

Мутобиқи м. 15 Қонуни ҶТ «Дар бораи санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ» аз 30 – юми майи соли 2017, таҳти № 1414, бо тағйиру иловаҳо тибқи Қонуни ҶТ аз 19 – уми июли соли 2019, таҳти № 1632,[2] Таснифи ягонаи умумиҳуқуқии ҶТ – номгӯи соҳаҳои қонунгузории ҶТ, ки барои мураттабсозии санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ ва пешбурди Маҳзани мутамаркази иттилооти ҳуқуқии ҶТ истифода мешавад. Ин тасниф аз ҷониби Ҳукумати ҶТ бо пешниҳоди Вазорати адлияи ҶТ тасдиқ мешавад. Пешбурди он аз ҷониби Вазорати адлияи ҶТ амалӣ мешавад. Мақомоти давлатӣ уҳдадоранд Таснифи ягонаи умумиҳуқуқии ҶТ – ро ҳангоми мураттабсозии санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ татбиқ намоянд.

Энергетика ҳамчун боби алоҳида (рамзи 180), дар зерфасли 140 ба соҳаи қонунгузории соҳаи саноат (рамзи 150) дар таснифоти мазкур муайян карда шудааст.

Аз боби сеюми Қонун дар бораи энергетика (м. 10 –18) бармеояд, ки корхонаҳои энергетикӣ метавонанд дар асоси шаклҳои гуногуни моликият таъсисёбанд ва амал намоянд. Моликони ин корхонаҳо дар назди қонун баробаранд ва аз ҳимояи баробар бархӯрдоранд. Давлат ба табъизӣ чунин корхонаҳо роҳ намедиҳад. Манфиатҳои қонунии истеъмолкунандагони маҳсулоти энергетикӣ ҳифз карда мешаванд. Фаъолияти ин корхонаҳо аз ҳисоби маблағҳои давлатӣ ва ё хусусӣ таъмин карда шуда, манфиатҳои қонунии сармоягузорони дохилӣ ва беруна тибқи қонунгузории ҶТ ҳифз карда мешаванд. Давлат ё молики дигар ба онҳо метавонанд захираи энергетикии худро барои истифодаи мақсаднок ва муҳлатнок интиқол диҳанд. Дар ин маврид қ. 2 м. 14 Қонун дар бораи энергетика муқаррар мекунад, ки истифодабарии объектҳои зикршуда тибқи шартнома танзим карда мешавад. Сухан дар бораи шартно-

---

[1]Таснифи ягонаи умумиҳуқуқии ҶТ бо Қарори Ҳукумати ҶТ «Дар бораи Таснифи ягонаи умумиҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Маҳзани мутамаркази иттилооти ҳуқуқӣ» аз 1 – уми августи соли 2006, таҳти № 359 тасдиқ шудааст. Бо тағйиру иловаҳо аз 1 – уми марти соли 2018. // Адлия: Бонки марказонидаи маълумоти ҳуқуқии ҶТ. Тафсири 6.0. / Вазорати адлияи ҶТ. – Душанбе, 2021. – 1 фиттаи электронӣ (CD-ROM).

[2]Қонуни ҶТ «Дар бораи санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ» аз 30 – юми майи соли 2017, таҳти № 1414, бо тағйиру иловаҳо тибқи Қонуни ҶТ аз 19 – уми июли соли 2019, таҳти № 1632. // Адлия: Бонки марказонидаи маълумоти ҳуқуқии ҶТ. Тафсири 6.0. / Вазорати адлияи ҶТ. – Душанбе, 2021. – 1 фиттаи электронӣ (CD-ROM).

маи ҳуқуқи гражданӣ меравад. Ба сифати мавзӯи танзими он муносибатҳои молумулкие баромад мекунад, ки ба асосҳои бунёдии ҳуқуқи гражданӣ (қ. 1 м. 3 КГ ҶТ) тобеъ мебошанд. Шартномаи мазкур мешавад, ки бо қонуни махсус муқаррар карда шавад, вале аз ин кор воситаи худтанзимкунии он азбайн намеравад. Чунин созишномаи дутарафае мебошад, ки тибқи он объекти (захираи) мушаххаси энергетикӣ аз ҷониби молик ё вакили ӯ барои истифодаи мақсаднок ва мӯҳлатнок ба истифодабаранда интиқол дода мешавад, истифодабаранда бошад ухдадор мешавад, ки таъиноти объекти мушаххаси шартномавиро риоя намуда, пардохтҳои муқarraршударо анҷом диҳад. Аз таърифи додашуда бармеояд, ки шартномаи истифодаи захираи энергетикӣ яке аз воситаҳои ҳуқуқи граждании амалӣ намудани ҳуқуқи моликият ба захираи энергетикӣ мебошад.

Мувофиқи сархати 7 м. 2 Қонун дар бораи энергетика захираи энергетикӣ – ҳомили энергия, ки дар айни замон ё дар оянда метавонад мавриди истифодаи самарабахш гардад. Ин объекти ҳуқуқи гражданӣ ба намудҳои зерин ҷудо карда мешавад:

– захираҳои энергетикии барқароршаванда – ин захираҳое мебошанд, ки ба таври табиӣ ба вуҷуд омада, доимо аз нав пайдо мешаванд (гармии офтоб, ҷараёни табии обу ҳаво, обҳои геотермалӣ ва биомассаҳо) ва ба намудҳои дигари энергия мубаддал шуда метавонанд;

– захираҳои аввалияи энергетикӣ – захираҳои табие, ки метавонанд бевосита чун сӯзишворӣ истифода шаванд (нафт, гази табиӣ, ангишт) ё мавриди истеҳсоли намудҳои гуногуни энергия қарор гиранд;

– захираҳои энергетикии дуюмдараҷа – захираҳое, ки ба шакли маҳсулоти иловагӣ дар ҷараёни истеҳсолоти асосӣ ба даст меоянд.

Субъекти ҳуқуқи моликият ба захираи энергетикӣ ҳама гуна шахси қобилияти ҳуқуқи субъективӣ дошта, шуда метавонад. Агар захираи мазкур боигарии табиӣ (м. 13 Конститутсияи ҶТ[1] ва м. 239 КГ ҶТ) бошад, онгоҳ ин шартнома яке аз воситаҳои ҳуқуқи граждании амалӣ намудани ҳуқуқи моликияти давлатӣ мегардад. Объектҳои молие, ки дар м. 13 Конститутсияи ҶТ муқаррар шудаанд, аломатҳои объектҳои танзими ҳуқуқи гражданиро доранд. Бо муқаррар шуданашон дар қонуни асосӣ, ҳолати дар боло зикршударо гум намекунанд. Давлат ухдадор аст, ки аз воситаҳои танзими ҳуқуқи гражданӣ истифода намуда, аз ҳисоби боигариҳои табиӣ некуаҳволии мардумро таъмин намояд. Ҷамъияти саҳомии кушодаи «Нерӯгоҳи барқи обии «Роғун» маҳсули истифодаи воситаҳои танзими ҳуқуқи гражданӣ буда, дар ҳолати риояи қобилияти ҳуқуқи субъективиаш, метавонад барои таъмини некуаҳволии мардум хизмат намояд.

Пайдоиши субъекти мазкур ба қалами эҷоди мутахассисони варзидаи соҳаи гидроэнергетика Семён Колежнюк ва Виктор Нинахов иртибот дорад. Онҳо соли 1931 ҳамчун шахсони масъули гуруҳи ҷустуҷӯии таҳқиқотӣ ба

---

[1] Конститутсияи ҶТ аз 6 – уми ноябри соли 1994, бо тағйиру иловаҳо аз 26 – уми сентябри соли 1999, 22 – юми июни соли 2003 ва 22 – юми майи соли 2016. [Захираи электронӣ] // http://www.mmk.tj/ru/ (Санаи муроҷиат: 08.07.2022с.).

мавзеи мазкур омада, пешниҳод намуданд, ки он ба харитаи захираҳои гидроэнергетикии собиқ Иттиҳоди Шӯравӣ ворид карда шавад. Соли 1932 объекти мазкур ба харитаи захираҳои гидроэнергетикии собиқ Иттиҳоди Шӯравӣ бо номи «Сичароғ» дарҷ гардид. 10 – уми июли соли 1972 асоснокии Нерӯгоҳи барқи обии «Роғун» аз ҷониби филиали дар шаҳри Тошканд будаи Институти «Гидропроект» - и собиқ Иттиҳоди Шӯравӣ таҳия ва барои тасдиқ пешниҳод намуд. 27 – уми сентябри соли 1976 Вазорати энергетикаи собиқ Иттиҳоди Шӯравӣ барои бунёди ин объекти муҳим розигӣ дод. 27 – уми ноябри соли 1980 Шӯрои Вазирони собиқ Иттиҳоди Шӯравӣ лоиҳаи сохтмони онро тасдиқ намуд.[1] Вале бо пошхурдани Иттиҳоди Шӯравӣ татбиқи корҳои лоиҳавию сохтмонӣ қатъ гардид.

Ҳамзамон, асоснокии ин объект бо талошу ғайрати Эмомалӣ Раҳмон – Президенти ҶТ, Пешвои миллат, дар сатҳи гуруҳи экспертии Бонки Умумиҷаҳонӣ, бо ҷалби коршиносони сатҳи байналмилалӣ холисона эътироф гардид, сохтмони он аз нигоҳи нав, технологияи пешрафта ва ба талаботҳои муосир ҷавобгӯй, оғоз гардид.

Соли 2018 агрегати аввали ин нерӯгоҳ ба истифода дода шуд ва Ҷамъияти саҳомии кушодаи «Нерӯгоҳи барқи обии «Роғун» ҳамчун истеҳсолкунандаи нерӯи барқ ба муомилоти гражданӣ ворид гардид.

Мувофиқи м. 18 Қонун дар бораи энергетика, корхонаҳои давлатии энергетика фаъолияти худро дар асоси тиҷорат ба сифати воҳидҳои мустақили хоҷагӣ, бо усули бастани шартнома бо мақомоти ваколатдор анҷом медиҳанд. Чунин шартномаҳо нисбат ба корхонаҳои мазкур пешбинӣ менамоянд:

– мақоми зарурии корпоративӣ ва тиҷоратии он;

– нақша – ҷадвали корҳои тиҷоратикунонии он;

– дараҷаи мустақилияти молиявӣ ва идоракунии он;

– стандартҳо ва меъёрҳои кор ва тобеияти роҳбарияти он;

– усул ва тартиби таҳияи сохтори ҳисоботдиҳии он, аз ҷумла ҳисоботдиҳии алоҳида барои воҳидҳои мухталифи амалкунандаи он, муайян намудани арзиши молумулк ва ҳиссаҷудокунӣ барои хӯрдашавии он;

– муайян кардани кор ва хизматрасонӣ, ки барои эҳтиёҷоти давлат иҷро мешаванд ва арзиши онҳо;

– нишондиҳандаи нақшавии солонаи молиявӣ ва истеҳсолӣ.

Таҳлили Қарори Ҳукумати ҶТ «Дар бораи таъсиси Ҷамъияти саҳомии кушодаи «НБО – и «Роғун»» аз 31 – уми августи соли 2007, таҳти № 454 нишон дод,[2] ки ҷамъияти мазкур гарчанде як намуди корхонаи давлатӣ бошад ҳам, дар нисбати ӯ бастани шартномаи алоҳидаро муассис муқаррар намеку-над. Баръакс, банди 2 Қарори Ҳукумати ҶТ «Дар бораи тасдиқи тавозуни

---

[1] Аҳмадзода Р. Зинаҳои хуршед. // Адабиёт ва санъат. – Душанбе, 2022, № 29 (2156), аз 21 – уми июн. – С. 14.

[2]Қарори Ҳукумати ҶТ «Дар бораи таъсиси Ҷамъияти саҳомии кушодаи «НБО – и «Роғун»» аз 31 – уми августи соли 2007, таҳти № 454. // Адлия: Бонки марказонидаи маълумоти ҳуқуқии ҶТ. Тафсири 6.0. / Вазорати адлияи ҶТ. – Душанбе, 2021. – 1 фиттаи электронӣ (CD-ROM).

барҳамдиҳии «Дирексияи Нерӯгоҳи барқи обии сохташудаистодаи Роғун» аз 26 – уми феврали соли 2010, таҳти № 65,[1] пешбинӣ менамояд, ки воситаҳои асосӣ, иншооти сохтмонаш нотамом, қарзҳои дебиторӣ ва кредитории «Ди-рексияи Нерӯгоҳи барқи обии сохташудаистодаи Роғун» мутобиқи замимаҳои 2, 3, 4, 5 ва 6 ба тавозуни Ҷамъияти саҳомии кушодаи «НБО – и «Роғун»» гузаронида шаванд. Илова бар он, мувофиқи банди 1 Қарори Ҳукумати ҶТ «Дар бораи тасдиқ намудани Фармоишгар ва Пудратчии генералии сохтмони Нерӯгоҳи барқи обии «Роғун»» аз 2 – юми августи соли 2008, таҳти № 395,[2] ба сифати фармоишгари неругоҳи мазкур аз ҷониби муассис худи Ҷамъияти саҳомии кушодаи «Нерӯгоҳи барқи обии «Роғун» таъин карда шуд.

Мувофиқи банди 9 Оинномаи ҷамъияти мазкур муассиси ягонаи он танҳо Ҳукумати ҶТ буда, сад дар сади саҳмияҳои онро дар ихтиёри худ дорад.[3] Чунин ҳолат масъалаи муайян намудани нерӯгоҳи барқи обии «Роғун» ба сифати субъект ё объекти ҳуқуқи гражданӣ мураккаб мегардонад, зеро ҳолатҳои овардашуда исботи он мебошад, ки ҷамъияти мазкур худ як навъи хоссаи корхонаи давлатӣ мебошад. Чунин корхона аз як ҷиҳат ҳамчун объекти ҳуқуқ маҷмӯи молумулкӣ (корхона) эътироф карда мешавад, ки барои фаъолияти соҳибкорӣ истифода мегардад (қ. 1 м. 144 КГ ҶТ). Ҷиҳати дигари масъала дар он аст, ки вай субъекти ҳуқуқи гражданӣ эътироф шудааст (м. 124 КГ ҶТ).

Ҳамин тавр, ба хулосае омадан мумкин аст, ки нерӯгоҳи барқи обии «Роғун» ҳамчун маҷмӯи молумулкӣ (корхона) объекти ҳуқуқи гражданӣ мебошад. Вале Ҷамъияти саҳомии кушодаи «Нерӯгоҳи барқи обии «Роғун» як навъи корхонаи давлатии энергетикӣ буда, фаъолияти худро бидуни бастани шартнома бо мақомоти ваколатдори соҳавӣ анҷом медиҳад. Дар ин маврид ҳамон ҳолате ба назар мерасад, ки шакли интихоб гардида, мазмунро тағйир намедиҳад. Давлат мавзӯи инҳисории худро (истеҳсол, интиқол ва фурӯши нерӯи барқ) нигоҳ медорад. Корхонаи давлатии энергетикӣ яке аз воситаҳои амали намудани фаъолияти инҳисорӣ дар ин соҳа мебошад. Гарчанде ҷамъияти саҳомӣ субъекти ҳуқуқи моликият бошад ҳам, вале саҳомигардонии ин объект моликияти хусусиро ба вуҷуд наовард, яъне давлат ҳуқуқи моликиятии худро нигоҳ дошт. Чунин саҳомигардонии НБО – и «Роғун» хусусигардонӣ набуда, онро ғайриинҳисорикунонӣ номидан ҳам мушкил аст.

---

[1] Қарори Ҳукумати ҶТ «Дар бораи тасдиқи тавозуни барҳамдиҳии «Дирексияи Нерӯгоҳи барқи обии сохташудаистодаи Роғун» аз 26 – уми феврали соли 2010, таҳти № 65

[2] Қарори Ҳукумати ҶТ «Дар бораи тасдиқ намудани Фармоишгар ва Пудратчии генералии сохтмони Нерӯгоҳи барқи обии «Роғун»» аз 2 – юми августи соли 2008, таҳти № 395. // Адлия: Бонки марказонидаи маълумоти ҳуқуқии ҶТ. Тафсири 6.0. / Вазорати адлияи ҶТ. – Душанбе, 2021. – 1 фиттаи электронӣ (CD-ROM).

[3] Қарори Ҳукумати ҶТ «Дар бораи тасдиқи Оинннома, сохтори идоракунӣ, тартиби ба муомилот баровардани саҳмияҳо ва сертификати саҳмияҳо, намунаи саҳмияҳо ва сертификати саҳмияҳои Ҷамъияти саҳомии кушодаи «НБО – и «Роғун»» аз 30 – юми декабри соли 2009, таҳти № 685. // Адлия: Бонки марказонидаи маълумоти ҳуқуқии ҶТ. Тафсири 6.0. / Вазорати адлияи ҶТ. – Душанбе, 2021. – 1 фиттаи электронӣ (CD-ROM).

Ин ақидаҳо сарсухани масъалаи гузошташуда буда, нуқтаҳои навгонӣ доранд. Бояд муаллифҳое пайдо шаванд, ки оид ба ин масъалаҳо ақидаҳои худро дошта бошанд. Эътирофи Ҷамъияти саҳомии кушодаи «Нерӯгоҳи барқи обии «Роғун» ба сифати як навъи корхонаи давлатии энергетикӣ ақидае мебошад, ки хусусиятҳои хосси ҳастии ҳуқуқиро дар қонунгузории миллӣ инъикос менамояд. Изҳори он далели даъват ба муҳокима ва баёни ақидаи озоди дигарон мебошад. Ҳуқуқи граждании ҳамчун соҳаи мустақили илми ҳуқуқшиносӣ, ба ғайр аз донишҳои боэътимоди санҷидашуда, ҷомеаи маданиеро ифода мекунад, ки аъзоёни он озод, ватандор ва донишафзун мебошанд.

**Адабиёт:**


1. Аҳмадзода Р. Зинаҳои хуршед. // Адабиёт ва санъат. – Душанбе, 2022, № 29 (2156), аз 21 – уми июн. – С. 14.
2. Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 6 – уми ноябри соли 1994, бо тағйиру иловаҳо аз 26 – уми сентябри соли 1999, 22 – юми июни соли 2003 ва 22 – юми майи соли 2016. [Захираи электронӣ] // http://www.mmk.tj/ru/ (Санаи мурочиат: 08.07.2022с.).
3. Кодекси граждании Ҷумҳурии Тоҷикистон. Қисми якум. Аз 30-юми июни соли 1999. //Ахбори Маҷлиси Олии ҶТ. – 1999. - № 6. - м. 153; 2001. - № 7. - м. 508; 2002. - № 4. – қ.1. - м. 170; 2005. - № 3. - м. 125; 2006. - № 4. - м. 193; 2007. - № 5. - м.356; 2010. - № 3. - м. 156; № 12. - қ. 1. - м. 802; Қонуни ҶТ аз 03.07.2012., № 850; Қонуни ҶТ аз 28.12.2012., № 928; Қонуни ҶТ аз 22.07.2013., № 976.
4. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи энергетика» аз 29 – уми ноябри соли 2000, таҳти № 33, бо тағйиру иловаҳои охирон аз 28 – уми декабри соли 2013. // Адлия: Бонки марказонидаи маълумоти ҳуқуқии ҶТ. Тафсири 6.0. / Вазорати адлияи ҶТ. – Душанбе, 2021. – 1 фиттаи электронӣ (CD-ROM).
5. Кодекси андози Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 23. 12. 2021с., таҳти № 1844 // Адлия: Бонки марказонидаи маълумоти ҳуқуқии ҶТ. Тафсири 6.0. / Вазорати адлияи ҶТ. – Душанбе, 2021. – 1 фиттаи электронӣ (CD-ROM).
6. Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи тасдиқи тавозуни барҳамдиҳии «Дирексияи Нерӯгоҳи барқи обии сохташудаистодаи Роғун» аз 26 – уми феврали соли 2010, таҳти № 65
7. Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи тасдиқ намудани Фармоишгар ва Пудратчии генералии сохтмони Нерӯгоҳи барқи обии «Роғун»» аз 2 – юми августи соли 2008, таҳти № 395. // Адлия: Бонки марказонидаи маълумоти ҳуқуқии ҶТ. Тафсири 6.0. / Вазорати адлияи ҶТ. – Душанбе, 2021. – 1 фиттаи электронӣ (CD-ROM).
8. Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи тасдиқи Оинннома, сохтори идоракунӣ, тартиби ба муомилот баровардани саҳмияҳо ва сертификати саҳмияҳо, намунаи саҳмияҳо ва сертификати саҳмияҳои Ҷамъияти саҳомии кушодаи «НБО – и «Роғун»» аз 30 – юми декабри соли 2009, таҳти № 685. // Адлия: Бонки марказонидаи маълумоти ҳуқуқии ҶТ. Тафсири 6.0. / Вазорати адлияи ҶТ. – Душанбе, 2021. – 1 фиттаи электронӣ (CD-ROM).

9. Консепсияи рушди соҳаҳои комплекси сӯзишворию энергетикии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар давраи солҳои 2003 – 2015. Бо Қарори Ҳукумати ҶТ аз 3 – юми августи соли 2002, таҳти № 318 тасдиқ шудааст. // Адлия: Бонки марказонидаи маълумоти ҳуқуқии ҶТ. Тафсири 6.0. / Вазорати адлияи ҶТ. – Душанбе, 2021. – 1 фиттаи электронӣ (CD-ROM).

10. Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 20 – уми апрели соли 2006. // http://www. prezident.tj (Санаи муроҷиат: 23. 07. соли 2022.).

11. Предпринимательское (хозяйственное) право: учебник. В. 2 т. Т. 1. / Отв. ред. О. М. Олейник. – М., 1999.

12. Предпринимательское право Российской Федерации: учебник /Под ред. Е. П. Губина и П. Г. Лахно. – М., 2003.

13. Сангинов Д. Ш. Энергетическое право Республики Таджикистан: учебное пособие. – Душанбе: «ЭР - граф», 2013.

14. Таснифи ягонаи умумиҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон, бо Қарори Ҳукумати ҶТ «Дар бораи Таснифи ягонаи умумиҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Маҳзани мутамаркази иттилооти ҳуқуқӣ» аз 1 – уми августи соли 2006, таҳти № 359 тасдиқ шудааст. Бо тағйиру иловаҳо аз 1 – уми марти соли 2018. // Адлия: Бонки марказонидаи маълумоти ҳуқуқии ҶТ. Тафсири 6.0. / Вазорати адлияи ҶТ. – Душанбе, 2021. – 1 фиттаи электронӣ (CD-ROM).

**Қосимов Ф. А.**

**Фишурда**

**Нерӯгоҳи барқи обии «Роғун» субъект ё объекти ҳуқуқи гражданӣ?**

Дар мақолаи мазкур муаллиф ба саволи Нерӯгоҳи барқи обии «Роғун» субъект ё объекти ҳуқуқи гражданӣ ҷавоб медиҳанд. Тибқи андешаи ӯ ин нерӯгоҳ ҳамчун маҷмӯи молумулкӣ (корхона) объекти ҳуқуқи граждании давлат мебошад. Ҳамзамон, объекти мазкур шакли ташкилӣ – ҳуқуқии ҷамъияти саҳомии шакли кушодаро дорад, ки дар он ҳамаи саҳмияҳо аз они Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон мебошанд. Мувофиқи аломатҳои зикршуда, муаллиф Ҷамъияти саҳомии кушодаи «НБО – и «Роғун» - ро намуди алоҳидаи корхонаи давлатии энергетикӣ меҳисобанд.

**Косимов Ф. А.**

**Аннотация**

**Рогунская гидроэнергостанция субъект или объект гражданского права?**

В данной статье автор отвечают на вопрос о том, что Рогунская гидроэнергостанция субъект или объект гражданского права. По его мнению, данная станция как имущественный комплекс (предприятие) представляет собой объект гражданских прав государства. При этом, данный объект имеет организационно – правовую форму открытого акционерного общества, в котором все акции принадлежать только Правительству Республики Таджикистан. По этим признакам, автор рассматривают открытое акционерное общество «Рогунская ГЭС» отдельным видом государственного энергетического предприятия.

**Kosimov F.A.**
**The summary**
**Rogun hydroelectric power plant subject or object of civil law?**

In this article, the author answer the question that the Rogun hydropower plant is a subject or object of civil law. In their opinion, this station as a property complex (enterprise) is an object of civil rights of the state. At the same time, this object has the organizational and legal form of an open joint stock company, in which all shares belong only to the Government of the Republic of Tajikistan. According to these features, the author consider the open joint-stock company "Rogun HPP" as a separate type of state-owned energy enterprise.
**Муқарризи мақола Қурбонолизода Н.Ш. – номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ, дотсент**

**Золотухин А.В.***

## ПРАВОВАЯ ОСНОВА РЕКЛАМНОЙ ДЕЯТЕЛЬНОСТИ

**Калидвожаҳо:** реклама, фаъолияти рекламавӣ, танзими ҳуқуқӣ, иттилоот, фаъолияти соҳибкорӣ, қонунгузории гражданӣ, кор, хизматрасонӣ, интернет, иттилооти рекламавӣ, истеъмолкунанда, ҳаракати маркетингӣ, воситаҳои ахбори омма, муомилот, аҳд, ба даст овардани ҳуқуқ, корхона

**Ключевые слова:** реклама, рекламная деятельность, правовое регулирование, информация, предпринимательская деятельность, гражданское законодательство, работа, услуга, интернет, рекламная информация, потребитель, маркетинговое поведение, средства массовой информации, товарооборот, сделка, приобретение права, предприятие.

**Keywords:** advertising, advertising activity, legal regulation, information, entrepreneurial activity, civil law, work, service, Internet, advertising information, consumer, marketing behavior, mass media, turnover, transaction, acquisition of rights, enterprises

В современном обществе информация играет важнейшую роль, так как обеспечивает выход складывающихся в нем отношений на новый уровень общения – массовой коммуникации. Вместе с тем одним из важнейших и наиболее распространенных видов информации становится реклама.

На сегодняшний день реклама представляет собой оповещение различными способами для создания широкой известности, привлечения потребителей, зрителей и т.д. Об этом свидетельствует этимология слова «реклама», которое берет свое начало в латинском языке, происходя от слова «reclamare», означающего «громко кричать». Иначе говоря, реклама – это достоверная ин-

* Декан юридического факультета Российско-Таджикского (Славянского) университета, д.ю.н., профессор

формация о товаре, работе или об услуге, которое различными законными способами доносится до сведения потребителей с целью заинтересовать их и привлечь, повысить уровень товарооборота. Ведь реклама возникла одновременно с общественными отношениями, складывавшимися в процессе купли-продажи товаров, причем в современном мире «рекламные коммуникации встроены в экономику каждой страны».[1]

Следует отметить, что рекламу можно понимать в узком и широком смысле. Так, реклама в узком смысле - это маркетинговое поведение, используемое для убеждения клиентов, как правило, с целью активизировать покупку товаров или услуг, то есть коммерческая реклама. С другой стороны, реклама в широком смысле представляет собой все рекламные и коммуникационные действия с целью передачи информации. Каждое рекламное объявление состоит из сообщения и носителя, через который это сообщение доставляется. Реклама - это только одна часть общей маркетинговой стратегии. Другие аспекты маркетинга включают рекламу, связи с общественностью, продажу и конкуренцию. Реклама может помочь обществу лучше понять характеристики продукта.

В последнее время мобильные технологии раскрывают новые возможности перед рекламной деятельностью. Среди таких возможностей особо выделяется рекламирование, которое может направляться не только группе потребителям (отдельным сегментам рынка), но и конкретному потребителю. Иными словами, реклама также может быть адресована конкретным лицам, являющимся, например, потенциальными потребителями рекламируемого товара.[2]

Между тем появление новых средств массовой информации, таких как Интернет, позволило рекламе перейти на новый уровень. Теперь интегрированная в коммуникационную стратегию интернет-реклама является не только средством оптимизации вложенных бюджетов, но и важным инструментом для развития бренда/продукта и продаж.

Исходя из этого, необходимо признать, что реклама играет важную роль в нашей повседневной жизни. Она во многом определяет образ жизни, оказывает влияние на наше мышление, а также на отношение к себе и окружающему миру. Субъекты предпринимательской деятельности тратят значительные средства на рекламные кампании, что приносит им и их фирмам многомиллиардные прибыли. Более того, это «товар первой необходимости» для любого предприятия, нацеленного на коммерческий успех, и он становится все дороже и дороже.

Реклама появилась давно. Это подтверждается фактом его существования в доисторические времена, например, египетский папирус с информацией о

---

[1] Цит. по: Коменский М.А. Гражданско-правовое регулирование производства и распространения рекламы на территории Российской Федерации: дисс. …канд. юрид. наук. – М., 2019. – С. 20; Спиридонова Г.В. Реклама в современной экономике: теория и практика зарубежных стран. Реклама в XXI веке: современные тренды: доклады и материалы научно-практической конференции XVI Международного студенческого фестиваля рекламы (Москва, 23-25 апреля 2014 г.) / отв. ред. Р.Т. Мухаев. – М.: Издательство Московского гуманитарного университета, 2014. - С. 45.

[2]Нюняев В.О. Правовое регулирование рекламной деятельности: дис. …. канд. юрид. наук. - СПб, 2008.- С. 33.

готовящейся продаже раба. Реклама в те времена была представлена письменными или устными объявлениями, продвигающими тот или иной товар или услугу.

Дар баъзе ҳолатҳо фармоишгар ҳамчун як иштирокчии касбии сохтмон ҳисобида мешавад ва дар ҳолатҳои дигар – ҳамчун сармоягузор ё «фармоишгар» (дар фаҳмиши қонунгузорӣ дар бораи фаъолияти сармоягузорӣ). Дар ин ҳолат, ҳатто номҳои гуногун истифода мешаванд: «иморатсоз», «фармоишгар», «фармоишгар-иморатсоз».

Таҷрибаи муносибатҳои молумулкии ҶТ дар самти мазкур нишон медиҳад, ки ширкатҳои сохтмонӣ аслан дар шакли ташкилӣ-ҳуқуқии ҷамъиятҳои хоҷагидорӣ таъсис дода мешаванд. Аз ҷониби ширкатҳои сохтмонӣ интихоби шакли ташкилӣ-ҳуқуқии ҷамъиятҳои хоҷагидорӣ бесабаб нест, чунки тибқи қонунгузории амалкунанда ҷамъиятҳои хоҷагидорӣ масъулияти маҳдуди молумулкӣ доранд. Масъулияти маҳдуди молумулкӣ доштани ҷамъиятҳои хоҷагидорӣ дар он зоҳир мегардад, ки онҳо ҳангоми барҳамдиҳӣ, муфлисшавӣ ва дигар ҳолатҳо масъулияти молумулкиро танҳо дар доираи сармояи оинномавӣ ва молу мулки ба ҷамъият тааллуқдошта ба ухда доранд. Тибқи қ. 2 м. 16 Қонуни ҷумҳурӣ "Дар бораи ҷамъияти дорои масъулияти маҳдуд" аз 10 – уми майи соли 2002, № 53, "ҳаҷми сармояи оинномавии ҷамъият на камтар аз 500 сомонӣ бошад." Қисми дуюми моддаи 17 Қонуни ҷумҳурӣ "Дар бораи ҷамъиятҳои саҳомӣ" аз 5 – уми марти соли 2007, таҳти № 237, муқаррар намудааст, ки "сармояи ҳадди ақали оинномавии ҷамъияти саҳомии кушода бояд накамтар аз панҷ ҳазор сомонӣ ва ҷамъияти саҳомии пӯшида бояд на камтар аз як ҳазор сомонӣ бошад." Чунин ҳадди камтарини молиявӣ дар соҳаи мазкур нокифоя буда, ҳиссагузорон дар ин кор ба таваккалии зиёд роҳ медиҳанд. Шояд аз ҳамин сабаб бошад, ки дар банди якуми Қарори Раиси ш. Душанбе "Дар бораи тадбирҳои иловагӣ зимни таҳия ва пешниҳоди ҳуҷҷатҳои пешазлоиҳавии корҳои сохтмонӣ" аз 16 – уми июни соли 2022, таҳти № 295, муқаррар шудааст: "Лоиҳаи қарори Раиси шаҳри Душанбе дар бораи лоиҳакашӣ ва сохтмони бино ва иншоот танҳо пас аз пешниҳод гардидани маълумотҳои зерин таҳия ва барои қабул пешниҳод карда шаванд:

– мавҷудияти маълумотнома дар бораи набудани қарз аз андоз ва дигар пардохтҳои ҳатмӣ аз ҷониби ширкати сохтмонӣ;

– мавҷудияти маълумотномаи асоснокии лоиҳаи ангоравӣ бо нишондодҳои техникӣ – иқтисодӣ (пешакӣ);

– омӯзиши вазъи молиявӣ ва имкониятҳои моддии субъектони хоҷагидоре, ки ба фаъолияти сохтмони бино ва манзилҳо машғул мегарданд;

– мавҷудияти маълумот оид ба таҷрибаи сохтмонӣ ва фаъолияти иқтисодии тиҷоратӣ;

– мавҷудияти суратҳисоби ҷории алоҳида дар бонкҳо барои соҳибкорони инфиродӣ ва ҷамъоварии маблағҳои ҳиссагузорон;

– ба ширкати сохтмоние, ки бори аввал ба корҳои сохтмонӣ машғул мегардад, таҳияи лоиҳа барои сохтмони танҳо як бино (як блок);

– додани бартарият ба сохтмони маҷмааи биноҳо танҳо ба ширкатҳои сохтмонии таҷрибадор ва дорои заминаи моддию техникии замонавӣ."

Таҷрибаи ҳуқуқтатбиқкунӣ дар масъалаи мазкур нишон медиҳад, ки маблағҳои ҷамъовардашуда аз ҳиссагузорон аз ҷониби фармоишгарон на ҳама вақт мақсаднок истифода мегарданд. Аз лиҳози қонунгузорӣ бошад истифодаи маблағҳои ҷамъовардашуда аз ҷониби онҳо ба таври умумӣ танзим гардида, ба ваколати худи онҳо вогузор карда шудааст.

Ҳарчанд масъалаи мазкур, яъне мақсаднок истифода кардани маблағи саҳм, давраҳои иҷрои ӯҳдадорӣ, пешниҳод кардани ҳисобот оид ба сари вақт

иҷро гардидани уҳдадориҳо ва ғайра метавонад тибқи шартҳои шартномаи тарафҳо ҳал гардад, аммо танҳо тавассути шартнома ба танзим даровардани муносибатҳои мазкур натиҷабахш намебошад. Дар ин масъала нақши калонро ҷиҳати танзими ҳуқуқӣ ва тартиби истифодаи чунин маблағҳо меъёрҳои императивӣ ишғол менамоянд. Ба таври умумӣ танзим намудани масъалаи мазкур боиси ба вуҷуд омадани мушкилотҳо бобати ғайрисамаранок истифода кардани маблағҳо шуда метавонад.

Дар алоқамандӣ ба ин масъала, дар қонунҳои соҳавии баъзе давлатҳо, ки танзимкунандаи муносибатҳои баррасишаванда мебошанд, тартиби истифодаи мақсадноки маблағҳои ҷамъовардашуда муқаррар гардидааст, ки чунин ҳолат боиси қонеъ гардидани манфиатҳои тарафҳои шартнома, хусусан ҳиссагузорон мебошад. Зери мафҳуми ҷой доштани тартиби муайяни истифода кардани маблағҳо дар қонунҳои соҳавӣ ин коркард ва пешниҳод кардани механизми муайян ҷиҳати мақсаднок истифода кардани чунин маблағҳо мебошад. Масалан, дар қонуни соҳавӣ муқаррар гардидани талаботи ҳатмӣ ҷиҳати кушодани суратҳисоби махсус дар бонк ва интиқол додани маблағҳои шартномаи сохтмони манзили истиқоматӣ дар он. Аз ҷониби фармоишгар ҷудо кардан ва ё гирифтани маблағ аз суратҳисоби зикргардида танҳо бо пешниҳод кардани маълумоти дақиқ ҷиҳати мутаносибан анҷом додани кор дар сохтмони бинои баландошёна имконпазир аст.

Бо чунин механизм танзим кардани муносибатҳои мазкур ҳам барои дар мӯҳлати муқарраргардида ба анҷом расонидани сохтмон ва ҳам барои мақсаднок истифода кардани маблағҳои ҷамъоварда мегардад. Дар қонунҳои соҳавии мамлакатҳои хориҷӣ дар баробари механизми зикргардида боз дигар роҳҳои дар мӯҳлат ба анҷом расонидани сохтмон ва қонеъ гардидани манфиати ҳиссагузорон, хусусан имконият надодан бобати минбаъд поймол кардани қонун (роҳҳои пешгирикунанда аз вайронкунии қонун) пешбинӣ гардидааст. Масалан, тибқи қонун манъ кардани ҷалби минбаъдаи маблағҳо ва бастани шартномаҳо ҳангоми аз ҷониби фармоишгар иҷро карда натавонистани уҳдадориҳои андозӣ ва дигар пардохтҳои ҳатмӣ ба буҷети давлат.

Механизмҳои зикргардида ҷиҳати ҳифзи ҳуқуқҳои ҳиссагузорон ва худи фармоишгар мебошад, аммо мутаассифона дар қонунгузории ҶТ масъалаҳои мазкур ба пуррагӣ ҳалли худро наёфтаанд. Омӯзиши қонунгузории давлатҳои пешрафта дар самти мазкур, ҷамъ овардан, коркард кардан, пешниҳод кардани механизмҳои мушаххас ва қабули қонуни соҳавӣ дар шароити кунунии рушди муносибатҳои молумулкӣ ба мақсад мувофиқ мебошад.

Дар адабиёти ҳуқуқӣ, ақидаҳо дар бораи вазъи ҳуқуқии фармоишгар низ ба ҳам мувофиқат намекунанд. С.Н. Медведев чунин мешуморад, ки байни фармоишгари воқеӣ ва шахсе, ки вазифаҳои пудратчиро иҷро мекунад, фарқ кардан лозим аст. Ҳамзамон, гарчанде ки мафҳумҳои пудрадчӣ ва фармоишгар гуногунанд, дар сохтмон ин ду мафҳум аксар вақт ба ҳам пайванди ногусастанӣ доранд. Ин аз он ҷиҳат аст, ки фармоишгар, чун қоида,

иҷрои як қисми функсияҳои ӯ (вазифаҳои иморатсоз) ба ташкилоти шахси сеюм, ки назорати техникии сохтмонро анҷом медиҳад, вогузор мекунад.[1]

Баъзе муаллифон вазифаҳои фармоишгар, пудратчӣ ва сармоягузорро муттаҳид мекунанд. Ба ақидаи онҳо фармоишгар шахсе мебошад, ки ҳадди аққал чор функсияи зеринро иҷро мекунад: хариди қитъа ва ҳуҷҷатҳои иҷозатномавӣ, ташкили маблағгузорӣ, сохтмон.[2]

Ба андешаи Г. Ханатаев қонунҳои дар охири сол қабулшуда, ки муносибатҳоеро, ки дар ҷараёни сохтмон ба миён меоянд, танзим мекунанд, вазъияти мавҷударо бо таърифи истилоҳи «фармоишгар» тағйир надодаанд.[3]

Ҳамин тавр, фармоишгар ҳамчун шахси ҳуқуқӣ, сарфи назар аз шакли ташкилию ҳуқуқӣ ё соҳибкори инфиродӣ, ки бо тартиби пешбининамудаи қонунгузорӣ қитъаи заминро барои сохтмони ҳиссагӣ ба даст овардааст ва иштирокчиёни он барои сохтмони ҳиссагӣ тибқи қонун маблағ ҷалб намуда, дар қитъаи замин бинои бисёрхонагӣ ва ё дигар молу мулки ғайриманқул дар асоси иҷозатномаи бадастомада бунёд менамояд. Дар баробари ин, ба дигар объектҳои молу мулки ғайриманқул, ба истиснои объектҳои саноатӣ, гаражҳо, таваққуфгоҳҳо, иншоотҳои тандурустӣ, хӯроки умумӣ, тиҷорат, савдо ва дигар объектҳои молу мулки ғайриманқул дохил мешаванд.

Хулоса баровардан мумкин аст, ки ин таъриф мавқеи фармоишгаро то андозае маҳдуд мекунад. Масалан, шахси воқеӣ бошад. Инчунин шахсони ҳуқуқие, ки шакли ташкилию ҳуқуқии он ба он иҷозат намедиҳад, наметавонанд фармоишгар бошанд. Чунин маҳдудиятҳо ба як қатор муқаррароти қонуни гражданӣ ошкоро мувофиқат намекунанд. Ба андешаи мо, бояд ҳамоҳангсозии қонунгузорӣ зарур бошад, ки вазъи ҳуқуқии фармоишгарро танзими аниқ намояд. Ҳолате, ки як истилоҳи ҳуқуқӣ дар санадҳои гуногуни меъёрии ҳуқуқӣ дорои мазмуни мухталиф аст, ғайри қобили қабул аст, зеро ин дар раванди татбиқи қонун мушкилот эҷод мекунад. Вазъи ҳуқуқии фармоишгар бояд тавассути мафҳуми «сохтмон» баррасӣ карда шавад. Сохтмон раванди дарозмуддатест, ки чунин марҳилаҳо, ба монанди ба даст овардани ҳуқуқи азхудкунӣ (гирифтани қитъаи замин ё гирифтани соҳибияти қитъаи замин аз ҷониби соҳиби қитъаи замин), ҷудо кардани қитъаи замин, гирифтани иҷозатномаҳои зарурӣ, сохтмон ва ғайраро дар бар мегирад.

Фармоишгар маблағҳои иштирокчиёни сохтмони ҳиссагиро барои сохтмони объектҳои молу мулки ғайриманқул ҷалб мекунад. Ҷалб ва истифодаи маблағҳои ҳиссагузорон аз ҷониби ӯ ба мақсадҳои ба ғайр аз сохтмони объектҳои ғайриманқул иҷозат дода намешавад.

Ҳамин тариқ, фармоишгар (шахси ҳуқуқӣ ё соҳибкори инфиродӣ) – субъекти ҳуқуқи гражданӣ мебошад, ки барои ба даст овардани фоида ё қонеъ

---

[1]Медведев С.Н. Правовая природа договора долевого участия в строительстве жилья // Проблемы гражданского права. Сборник научных статей. – Ставрополь, 2006. – С. 316.
[2]Бузырев В.В., Чекалин В.С. Экономика жилищной сферы: учеб. пособие. – М.: ИН-ФРАМ, 2001. – С. 113.
[3] Ханатаев Г. Правовое положение застройщика // Хозяйство и право. 2005. – № 3. – С. 7

гардонидани эҳтиёҷоти иҷтимоӣ дар соҳаи сохтмони асосӣ фаъолият намуда, дорои ҳуқуқ ба қитъаи замин барои сохтмон ва иҷозатномаи сохтмон мебошад. Ҳамзамон, на шумораи объектҳои молу мулки ғайриманқул, ки фармоишгар дар он иштирок кардааст ва на давомнокии чунин фаъолиятҳо аҳамият надоранд. Ҳатто як объекти ягонае, ки аз ҷониби фармоишгар бо ҷалби маблағҳои ҳиссагузорон сохта шудааст, ҳуқуқ медиҳад, ки онро ҳамчун субъекти фаъолияти соҳибкорӣ банудубаст кард, зеро ӯ дар раванди фаъолияти худ фоида ба даст меорад, гарчанде ки аксарияти он, албатта, ба лаҳзаи ба охир расидани сохтмон рост меояд.

Ташкили сохтмон гузаштани якчанд марҳилаҳои ба ҳам алоқамандро дар бар мегирад: иҷрои корҳои тадқиқотӣ ва лоиҳакашӣ дар асоси натиҷаҳои бадастомада ва сохтмони воқеӣ анҷом дода мешавад. Дар марҳилаи зеҳнӣ, маълумот дар бораи шароити сохтмони оянда ва фаъолияти ояндаи объекте, ки барои сохтмон ба нақша гирифта шудааст, инчунин тадқиқоти муҳандисӣ ва ғ., омӯзиши шароити табиӣ ва омилҳои таъсири антропогенӣ барои истифодаи оқилона ва бехатари ҳудудҳо ва қитъаҳои замин дар ҳудуди онҳо, омода кардани маълумот дар бораи асосноккунии мавод барои банақшагирии ҳудудӣ, банақшагирии ҳудуд ва тарҳрезии меъморию сохтмон анҷом дода мешавад. Ин марҳила бо фармоишгар ба интиқол додани натиҷаҳои корҳои муҳандисӣ-геологӣ, топографӣ-геодезӣ, гидрометеорологӣ, муҳандисӣ-ҷустуҷӯӣ ва дигар корҳо, маводҳои дахлдор дар шакли ченакҳои техникӣ, хулосаҳо хотима меёбад. Дар марҳилаи дуюм, лоиҳаҳо ва харҷномаҳои он таҳия карда мешаванд ва он одатан бо ташхиси коршиносони лоиҳа ба анҷом мерасад. Марҳилаи сеюм сохтмони объект тибқи лоиҳа ва смета мебошад.

Ҳамин тариқ, фармоишгар бояд дорои:

а) қитъаи замин бошад;

б) иҷозат барои сохтмони бинои истиқоматӣ ва ё дигар объектҳои молу мулки ғайриманқул дошта бошад;

в) ба талаботҳои муайян ҷавобгӯ будан (устувории молиявӣ, мавҷудияти маблағҳои худӣ ва ғайра).

Дар ин ҳолат, фармоишгар бояд маблағҳоро аз иштирокчиёни сохтмони ҳиссагӣ танҳо бо мақсади сохтани бинои истиқоматӣ ва ё дигар объектҳои молу мулки ғайриманқул, ба истиснои объектҳои саноатӣ, ҷалб кунад. Дигар объектҳои молу мулки ғайриманқул метавонанд иншоотҳои тандурустӣ, хӯроки умумӣ, тиҷорат, савдо, фарҳанг ва дигар объектҳои молу мулки ғайриманқулро, ба истиснои иншооти саноатӣ, бошанд.

Фармоишгар вазифадор аст, ки манзили истиқоматиро (объекти дигари молу мулки ғайриманқул) мустақилона ё бо ҷалби шахсони дигар дар муҳлати пешбининамудаи шартномаи тарафҳо ва пас аз ба даст овардан иҷозат барои ба истифода додани объекти сохтмони ҳиссагӣ ба ҳиссагузор диҳад. Интиқоли объекти сохтмони ҳиссагӣ дар асоси музднокӣ сурат мегирад ва худи объект бинои истиқоматӣ ё ғайриистиқоматӣ мебошад, ки ба объекти молу мулки ғайриманқул дохил мешавад. Азбаски интиқоли объекти сохтмонӣ дар асоси музднокӣ сурат мегирад, мувофиқан, фаъолияти фармоишгар, пеш аз ҳама ба гирифтани фоида ё беҳбудии дигари иҷтимоӣ нигаронида шудааст. Агар

ҳадафи фармоишгар гирифтани фоида ё судмандии дигари тиҷоратӣ бошад, онгоҳ фаъолияти онро соҳибкорӣ номидан мумкин аст. Дар дигар ҳолат, масалан аз ҷониби Донишгоҳи миллии Тоҷикистон сохтмони манзили истиқоматӣ барои устодону кормандоне, ки ниёз ба манзили истиқоматӣ доранд, фаъолияти соҳибкорӣ намебошад.

Аз гуфтаҳои боло, метавон ба хулоса омад, ки фармоишгар метавонад шахсе бошад, ки қобилияти ҳуқуқии истифодаи қитъаи замин, таҳия ва фармоиши сохтмон ва иҷозатнома мебошад.

Бо мақсади пешгирӣ аз сӯиистифода ва бемасъулиятии фармоишгар, суботи молиявӣ дошта бошад. Стандартҳои баҳодиҳии суботи молиявии фармоишгар инҳоро дар бар мегиранд:

– андозаи маблағҳои худи фармоишгар;
– стандарти таъмини ӯҳдадориҳо;
– стандарти безарар.

Фармоишгар бояд ҳар семоҳа маблағҳои худро ҳисоб кунад. Маълум аст, ки ҳисоб бояд дар рӯзи охирини тақвимии семоҳа анҷом дода шавад. Арзёбии устувории молиявии фармоишгар тибқи стандарти таъмини ухдадориҳо дар семоҳа гузаронида мешавад.

Нишондиҳандаи меъёри безарар аз ҷиҳати табиӣ аз ду нишонаи қаблӣ то андозае фарқ мекунад. Он ба шумораи солҳои се соли охири кори фармоишгар, ки ӯ ҳеҷ талафоте надошт, баробар аст. Ин стандарт низ набояд аз як стандарт кам бошад. Аз ин лиҳоз, ширкатҳои навтаъсис тартиби махсуси мутобиқати ин таносуб ба стандартро доранд. Барои қонеъ гардонидани стандарти зараровар, чунин ширкат бояд пас аз соли аввали фаъолият фоида ба даст орад. Устувории молиявии фаъолияти фармоишгар мувофиқи таносуби зарар дар семоҳа баҳогузорӣ карда мешавад.

**Адабиёт:**


1. Федеральный закон “Об участии в долевом строительстве многоквартирных домов и иных объектов недвижимости» [Захираи электронӣ]. – Манбаи дастрасӣ: **http://www.consultant.ru/document/cons_doc_LAW_51038/** (Санаи муроҷиат: 27.10.2022с.).
2. Закон Республики Казахстан “О долевом участии в жилищном строительстве” [Захираи электронӣ]. – Манбаи дастрасӣ: https//online.zakon.kz/Document/?doc_id =38446797&pos=3;-106#pos=3;-106 (Санаи муроҷиат: 27.10.2022с.).
3. Бузырев В.В., Чекалин В.С. Экономика жилищной сферы: учеб. пособие. – М.: ИНФРАМ, 2001. – 113 с.
4. Медведев С.Н. Правовая природа договора долевого участия в строительстве жилья // Проблемы гражданского права. Сборник научных статей. – Ставрополь, 2006. – 316с.
5. Ханатаев Г. Правовое положение застройщика // Хозяйство и право.- 2005. – № 3. – С. 7-14.

**Ғаюрзода Ш. К.,**
**Султонова Д. Ш.**

**Фишурда**

**Вазъи ҳуқуқии фармоишгар дар шартномаи иштирок дар сохтмони ҳиссагии манзили истиқоматӣ**

Дар мақолаи мазкур моҳияти вазъи ҳуқуқии фармоишгар дар шартномаи иштирок дар сохтмони ҳиссагии манзили истиқоматӣ таҳлил гардидааст. Фармоишгар дар шартномаи иштирок дар сохтмони ҳиссагии манзили истиқоматӣ яке аз тарафҳои асосӣ ба ҳисоб меравад, ки аз ҷониби он объекти сохтмони ҳиссагӣ бунёд карда мешавад. Доир ба шакли ташкилӣ-ҳуқуқӣ, ҳуқуқу уҳдадориҳо ва тартиби ҷалби маблағ барои сохтмони ҳиссагӣ дар адабиёти илмӣ нуқтаҳои назари мухталиф ҷой доранд. Муаллифон дар заминаи адабиёти илмӣ, қонунгузорӣ ва таҷрибаи мамлакатҳои хориҷӣ вазъи ҳуқуқии иморатсозро таҳлил намуда, андешаҳои худро ҷиҳати такмили қонунгузорӣ пешниҳод намудааст.

**Гаюрзода Ш. К.,**
**Султонова Д. Ш.**

**Аннотация**

**Правовой статус застройщика в договоре участия в долевом строительстве жилого дома**

В данной статье анализируются сущность правового положения застройщика в договоре участия в долевом строительстве. Застройщик является одной из основных сторон договора участия в долевом строительстве жилого дома, которым возводится объект долевого строительства. В научной литературе существуют различные взгляды на организационно-правовую форму, права и обязанности и порядок привлечения средств на долевое строительство. Авторы анализирует правовое положение застройщика на основе научной литературы, законодательства и опыта зарубежных стран и предлагает свои взгляды на совершенствование законодательства.

**Gayrzoda Sh. C.**
**Sultanova D. Sh.**

**The summary**

**Of the legal status of the landlord in the contract of participation in the construction of shared housing**

This article analyzes the concept and essence of the legal status of the landlord in the contract of participation in the construction of shared housing. The builder is one of the main parties in the contract of participation in the partial construction of a dwelling house, by which the object of partial construction is constructed. There are different views in the scientific literature on the organizational and legal form, rights and obligations and the procedure for raising funds for equity construction. The authors analyzes the legal situation of the builder on the basis of scientific literature, legislation and experience of foreign countries and offers his views on improving the legislation.

**Муқарризи мақола Ғаффорзода И.Ғ. – доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, профессор**

Қурбонов Қ. Б.,*
Буриев А.Р.*

# НАҚШИ ҚОНУНГУЗОРИИ ГРАЖДАНӢ ДАР ТАНЗИМИ МУНОСИБАТҲО ОИД БА ИСТИФОДАИ САРВАТҲОИ ЗЕРИЗАМИНӢ

**Калидвожаҳо:** сарватҳои зеризаминӣ, ҳуқуқи гражданӣ, муносибатҳои шартномавӣ, канданиҳои фоиданок, захираҳои табиӣ, ҳуқуқи моликият, истифодабарӣ, ихтиёрдорӣ, соҳибӣ, ҳуқуқи кӯҳӣ, истеҳсолот, моликияти давлатӣ, иҷозатномадиҳӣ, шартномаи консессионӣ, ҳуқуқи экологӣ, ҳуқуқи замин

**Ключевые слова:** недра, гражданское право, договорные отношения, полезные ископаемые, природные ресурсы, имущественные права, пользование, распоряжение, право собственности, право недропользования, добыча, государственная собственность, лицензирование, концессионный договор, экологическое право, земельное право

**Keywords:** subsoil, civil law, contractual relations, minerals, natural resources, property rights, use, disposal, property right, subsoil use right, production, state property, licensing, concession agreement, environmental law, land law

Истифодаи самаранок, оқилона ва мақсадноки сарватҳои зеризаминӣ барои рушди устувор ва таъмини амнияти иқтисодии кишвар аҳаммияти муҳим дорад. Айни замон, бинобар демократикунонии муносибатҳои ҷамъиятӣ, аз ҷумла ҳуқуқӣ, доираи истифодаи усулҳои танзими ҳуқуқии гражданӣ нисбати муносибатҳои истифодаи сарватҳои зеризаминӣ васеъ шудаанд ва ҳаҷми меъёрҳои ҳуқуқии гражданӣ дар муносибатҳои соҳаи мазкур хело назаррас мебошанд, махсусан муносибатҳои шартномавиро дар соҳаи истифодаи сарватҳои зеризаминӣ танзим менамоянд.

Муносибатҳо оид ба истифодаи сарватҳои зеризаминӣ тибқи меъёрҳои соҳаҳои гуногуни ҳуқуқ ба монанди конститутсионӣ, маъмурӣ, экологӣ, замин, молиявӣ, гражданӣ ба танзим дароварда мешаванд, ки ин масъала борҳо дар адабиёт қайд карда шудааст.[1] Конститутсияи ҶТ[2] ҳуқуқи моликияти истисноӣ ба сарватҳои зеризаминиро (м. 13) муқаррар намуда, ваколатҳои иштирокчиёни муносибатҳои сарватҳои зеризаминро дар соҳаи соҳибӣ ва истифодаи сарватҳои зеризаминӣ муайян мекунад. Ҳуқуқи маъмурӣ масъалаҳои муносибатҳои мутақобилаи байни истифодабарандагони гуногуни сарватҳои зериза-

---

* Мудири кафедраи ҳуқуқи нақлиёт ва ҳуқуқи истифодаи сарватҳои табиии факултети ҳуқуқшиносии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ, дотсент

* Ассистенти ҳамин кафедраи факултети ҳуқуқшиносии донишгоҳи зикршуда

[1]Теплов О.М. Развитие законодательства о недрах в рамках горного законодательства Российской Федерации // Дело и право. – 1995. – № 8. – С. 28.

[2] Конститутсияи ҶТ аз 6 – уми ноябри соли 1994 дар раъйпурсии умумихалқӣ қабул карда шуд. 26 сентябри соли 1999, 22 июни соли 2003 ва 22 майи соли 2016 бо роҳи раъйпурсии умумихалқӣ ба он тағйиру иловаҳо ворид карда шудаанд. – Душанбе, 2016. – 64 с.

миниро бо мақомоти давлатӣ ба танзим медарорад. Дар ин ҷо аз ҳама бештар усули императивии танзими муносибатҳои ҷамъиятӣ ифодаи худро меёбад. Як қисмати муносибатҳое, ки ҳангоми истифодаи сарватҳои зеризаминӣ пайдо мешаванд, тибқи қонунгузории замин танзим карда мешаванд, аз ҷумла, масъалаҳои ҷудо кардан, истифодаи қитъаҳои замин бо мақсади истифодаи сарватҳои зеризаминӣ ва ғ. Аз ҷумла, тибқи м. 82-и Кодекси замини ҶТ[1] заминҳои истихроҷ ва коркарди канданиҳои фоиданок қитъаҳои замине ба ҳисоб меравaнд, ки ба шахсони воқеию ҳуқуқӣ барои истихроҷ ва коркарди канданиҳои фоиданок тибқи қонунгузории ҶТ дода шудаанд. Масъалаҳои марбут ба ҳифзи захираҳои табиӣ, истифодаи оқилонаи маъданҳои фоиданок ба мавзуи танзими ҳуқуқи экологӣ мансубанд.

Вобаста ба ин, дар доираи таҳқиқоти мазкур зарурати муайян намудани андозаи муносибатҳо, ки дар соҳаи истифодаи қаъри замин пайдо шуда, бевосита тибқи қонунгузории гражданӣ танзим карда мешаванд, ба миён меояд. Муддати дароз олимон вуҷуд доштани соҳаи ҳуқуқро, ки ҳуқуқи кӯҳӣ[2] (як қатор муаллифон чунин мафҳум «ҳуқуқи қаъри замин”[3]-ро истифода мекарданд) номида мешуд, асоснок карданд ва ба зарурати ҷудо намудани ҳуқуқи кӯҳӣ ҳамчун соҳаи алоҳида, ки дорои мавзуи хос аст, қайд менамуданд.

Баъзе муаллифон бошад, баръакс, соҳаи алоҳидаи ҳуқуқи кӯҳиро ҷудо намекунанд, балки меъёрҳои ҳуқуқии танзимкунандаи муносибатҳои истифодаи сарватҳои зеризаминӣ (муносибатҳои кӯҳӣ)-ро ҳамчун бахши соҳаи ҳуқуқи замин баррасӣ менамоянд.[4] Дигар гурӯҳи муҳаққиқон бошад, қонунгузории соҳаи захираҳои табиӣ, қонунгузории қаъри замин ва ҳуқуқи захираҳои таббииро дар навбати худ, ба ҳуқуқи экологӣ шомил менамоянд.[5]

Г.А. Аксененок қайд менамояд, ки ҳуқуқи захираҳои табиӣ дар худ қонунгузории сарватҳои зеризаминиро дар бар мегирад ва ба сифати объект

---

[1] Ахбори Маҷлиси Олии ҶТ, с. 1996, №23, мод. 351; с. 1997, №23-24, мод. 333, фасли IV; с. 1999, №5, мод. 59; с. 2001, №4, мод.176; с. 2004, №2, мод. 55, №3, мод. 190; с. 2006, №7, мод. 347; с. 2008, №1, қ. 2, мод. 22, №6, мод. 463; с. 2011, №3, мод. 171; с. 2012, №4, мод. 269; №8, мод. 828.

[2] Башмаков Г.С., Каверин А.М., Краснов Н.И. Законодательство о недрах. – М., 1976.; Коган М.Е. О кодификации советского горного законодательства // Советское государство и право. – 1957. –№ 6. – С. 92.; Лагуткин А.В. История и теория горного права Российской Федерации: автореф. дис. … д-ра юрид. наук. - СПб., 1997. – С. 21; Сыродоев Н.А. Научные основы кодификации горного законодательства // Советское государство и право. – 1969. – № 4. – С. 38.

[3] Петров В.В. Экологическое право России: учебник для вузов. – М., 1995. – С. 54.; Казанцев Н.Д. Из истории науки советского земельного и природоохранительного права // Правоведение. – 1968. – № 1. – С. 75, 82.

[4] Григорьев В.К. Вопросы теории земельного права. – М., 1963. – С. 4.; Теория государства и права. Курс лекций // Под ред. Н.И. Матузова, А.В. Малько. – Саратов, 1995. – С. 308; Чхиквадзе В.М., Ямпольская Ц.А. О системе советского права // Советское государство и право. – 1967. – № 9. – С. 33.

[5] Сорокина Ю.В. Природоресурсное законодательство Российской Федерации и субъектов Российской Федерации (сравнительно-правовой анализ): автореф. дис. … канд. юрид. наук. – Саратов, 2000. – С. 9, 11, 12.

захираҳои таббииро дорад, ки аз ҷониби одамон мутобиқ карда шуда, барои мақсадҳои мушаххас истифода мешавад.[1] Он канданиҳои фоиданоке, ки қисми таркибии қаъри замин ба ҳисоб мераванд, ҳангоми истихроҷи онҳо ба объекти муносибатҳои молӣ-пулӣ дар фарқият аз замин, мубаддал мегарданд.[2]

Як қатор олимон кӯшиш менамоянд, ки ба сифати соҳаҳои алоҳида ҳуқуқи захираҳои табиӣ ва ҳифзи муҳити зистро[3] ҷудо намоянд ва бо ин заминаи ягонаи соҳаи захираҳои табиӣ – моликияти истиснoии давлатӣ ба ҷангал, қаъри замин, объектҳои обӣ ва ғайра таъкид намоянд. Лекин ба андешаи Н.Б. Муҳитдинов розӣ шудан мумкин аст, ки чунин иброз медорад: «... ҳифз ва истифода чунон бо ҳамдигар зич алоқамананд, ки вуҷуд доштани яке, ҷудо аз дигар, номумкин аст.”[4] В.А. Тархов низ, ки бо ҷудо намудани ҳуқуқи ҳифзи таббиӣ розӣ нашуда, оид ба мавҷуд набудани имконияти ҷудо намудани он аз танзими муносибатҳои мунтазами истифодаи қаъри замин таъкид менамояд.[5]

Байни соҳаҳои ҳуқуқ «девори хитоӣ» мавҷуд нест, ки онҳоро бо соҳаҳои алоҳидаи махсус ҷудо намояд. Аз рӯйи сатҳи рушди ҷомеа, шохаҳои нави ҳуқуқ пайдошуда, соҳаи танзими баъзеи онҳо васеъ шуда, баъзеи дигарашон бошанд, маҳдуд мешаванд.[6] Низоми ҳуқуқ доимо дар самти тафовут ва ҳамгироии якҷоя инкишоф меёбад. Чунин равандҳо ба он оварда мерасонанд, ки аз соҳаҳои анъанавӣ зербахшҳо ҷудо шуда, ба соҳаҳои мустақил мубаддал гарданд ва дар навбати худ, раванди дохилшавии мутақобилаи соҳаҳои гуногуни қонунгузории миллӣ амалӣ шуда истодааст. Афзоиши нақши ҳуқуқи гражданӣ дар танзими муносибатҳои истифодаи сарватҳои зеризаминӣ, тавсеаи доираи амали ҳуқуқи гражданӣ дар соҳаи истифодаи сарватҳои зеризаминӣ, мисоли равшани ин аст. Ин ҳолат ҳангоми бастани шартномаҳое, ки бо мақсади ба даст овардани маълумоти иктишофӣ, истихроҷи канданиҳои фоиданок, аз ҷумла газ ва нафт баста шудаанд, возеҳ дида мешаванд. Ҳамин тавр, қонунгузор мавҷудияти танзими ҳуқуқии граждании баъзе муносибатҳоро таъкид мекунад, аз ҷумла, ҳангоми бастан, иҷро намудани созишномаҳои тақсими маҳсулот ва ғайра.

Қаблан ба ҳуқуқи гражданӣ мавқеи барои танҳо танзими муносибатҳо оид ба канданиҳои фоиданок, ки ба сатҳи замин истихроҷ мешаванд, пешбинӣ карда мешуд. Тағйиротҳо дар қонунгузорӣ асос дар бораи васеъ кардани ҳудуди танзими ҳуқуқии граждании муносибатҳои истифодаи қаъри замин

---

[1]Аксененок Г.А. Понятие советского земельного права и его системы // Советское государство и право. – 1969. – № 3. – С. 30.
[2]Ерофеев Б.В. Соотношение земельного, горного, лесного и водного права // Советское государство и право. – 1971. – № 1. – С. 56.
[3]Казанцев Н.Д. Асари ишорашуда. – С. 81-83.
[4]Мухитдинов Н.Б. Закон Республики Казахстан об охране окружающей природной среды: проблемы и особенности их решения // Государство и право. – 1992. – № 8. – С. 90.
[5]Тархов В.А. Асари ишорашуда. – С. 33.
[6] Алексеев С.С. Общие теоретические проблемы системы советского права. – М., 1961. – С. 82.

шуда метавонанд. Ба он метавон розӣ шуд, ки чунин соҳаи ҳуқуқ ба монанди ҳуқуқ дар бораи захираҳои табиӣ вуҷуд дорад, лекин ба андешаи мо, мавзуи танзими ҳуқуқии ин соҳа назар ба ақидаи олимон маҳдуд аст. Муносибатҳое, ки дар қ. 1 м. 1 КГ ҶТ дар истифодаи сарватҳои зикршуда ба вуҷуд меоянд, мавзӯи танзими ҳуқуқи граждании мебошанд.

Дар КГ ҶТ аз 30 - юми июни соли 1999[1] низ бевосита муқаррар гардидааст, ки муносибатҳои дигар соҳаҳои ҳуқуқ мумкин аст тавассути қонунгузории гражданӣ танзим гардад, агар бевосита дар қонунҳои махсуси соҳавӣ муқаррароти мушаххас пешбинӣ нагардида бошад. Дар асоси сархати дуюми қ. 1 м. 1 КГ ҶТ "муносибатҳои оилавӣ, меҳнатӣ, муносибатҳои марбут ба истифодаи захираҳои табиӣ ва ҳифзи муҳити зистро, ки дорои нишонаҳои дар сарсатри аввали ҳамин модда зикргардида мебошанд, агар дар қонунҳои оила, меҳнат, замин ва қонунҳои дигар махсус тартиби дигаре пешбинӣ нашуда бошад, қонунҳои гражданӣ танзим менамоянд." Аз муқаррароти мазкур бармеояд, ки қонунгузории гражданӣ муносибатҳои молумулкии дар соҳаҳои оилавӣ, мешнатӣ ва муносибатҳои вобаста ба истифодаи захираҳои табиӣ ва ҳифзи муҳити зистро танзим менамояд, агар: а) дар қонунгузории соҳаҳои мазкур меъёрҳои махсус вобаста ба танзими ин муносибатҳо пешбинӣ нагардида бошад; б) дар ин муносибатҳо баробарӣ, мухторияти хоҳишу ирода ва мустақилияти молумулкии тарафҳо мавҷуд бошад.

Б.Д. Клюкин ба сифати мавзуи танзими ҳуқуқи кухӣ муносибатҳои мазкурро шомил менамояд: ҳуқуқи моликият ба қаъри замин; тартиби махсуси идоракунии сарватҳои зеризаминӣ; низоми иҷозатномадиҳии истифодаи қаъри замин; назорати давлатӣ ва мониторинги истифодаи сарватҳои зеризаминӣ; пардохтҳо барои истифодаи қаъри замин; шаклҳои ташкилии фаъолияти корхонаҳои истихроҷи маъдан ва навъҳои махсуси шартномаҳо дар ин соҳа.[2] Ин ақида баҳснок аст, чунки аксарияти ин муносибатҳоро КГ танзим мекунад.

Н.Б. Мухитдинов бошад, муносибатҳои зерини ҳуқуқи кӯҳиро ҷудо мекунад: 1) моликияти давлатӣ ба қаъри замин; 2) оид ба пешниҳоди сарватҳои зеризаминӣ барои истифода ё ин ки қатъи ҳуқуқи ҷустуҷӯ ва истифодаи қаъри замин; 3) оид ба идоракунии фонди геологӣ; 4) оид ба ҷустуҷӯ ва иктишофи канданиҳои фоиданок; 5) оид ба интиқоли конҳо барои азхудкунии саноатӣ; 6) оид ба истифодаи сарватҳои зеризаминӣ; 7) оид ба ҳифзи низоми ҳуқуқии қаъри замин.[3]

О.М. Теплов қайд менамояд, ки муносибатҳои кӯҳӣ, инчунин муносибатҳоеро дар бар мегирад, ки бо фурӯши канданиҳои фоиданок

---

[1] Ахбори Маҷлиси Олии ҶТ, с. 1999, № 6, мод. 153, мод. 154; с. 2001, № 7, мод. 508; с. 2002, № 4, қ. 1, мод. 170; с. 2005, № 3, мод. 125; с. 2006, № 4, мод. 193; с. 2007, № 5, мод. 356; с. 2010, № 3, мод. 156, № 12, қ. 1, мод. 802; с. 2012, № 7, мод. 700, № 12, қ. 1, мод. 1021; с. 2013, № 7, мод. 504; с. 2015, № 3, мод. 200; с. 2016, № 7, мод. 612.

[2]Клюкин Б.Д. Формирование Российского горного законодательства н а основе законодательства о недрах // Законодательство и экономика. – 1995. – № 17/18. – С. 7.

[3]Мухитдинов Н.Б. Горные правоотношения в СССР: автореф. дис. … д-ра юрид. наук. – Алма-Ата, 1973. – С. 10.

алоқаманд мебошанд.[1] Ин муқаррарот пурра асоснок карда нашудааст, зеро фурӯши маъданҳои истихроҷшуда, чун қоида, аз рӯйи бастани шартномаҳои ҳуқуқи гражданӣ (хариду фурӯш, таъминот ва ғайра) ба амал баровarda мешаванд, аз ин рӯ, пурра зери танзими ҳуқуқи гражданӣ мегардад.

Илова бар ин, мутобиқи қ. 2 м. 1 Қонуни ҶТ «Дар бораи созишномаҳо оид ба тақсими маҳсулот» аз 5 – уми марти соли 2007, №238,[2] муносибатҳои байни давлат ва сармоягузор, ки дар раванди истифодаи сарватҳои зеризаминӣ, инчунин интиқол, коркард, азнавкоркунӣ, нигаҳдорӣ, истифодабарӣ, фурӯш ё ихтиёрдории маҳсулоти истеҳсолшуда ба миён меоянд, бо созишномаҳо оид ба тақсими маҳсулот, ки мутобиқи қонуни мазкур баста мешаванд, танзим карда мешаванд. Ҳамчунин тибқи қисми сеюми моддаи мазкур ҳуқуқ ва вазифаҳои тарафҳо, ки хусусияти ҳуқуқи гражданӣ доранд, мутобиқи қонуни мазкур ва КГ ҶТ муайян карда мешаванд.

Чунин ба назар мерасад, ки як қатор муносибатҳои ҳуқуқӣ бо меъёрҳои қонунгузории гражданӣ танзим мешаванд. Масалан, бо вуҷуди он ки ҳуқуқи моликияти давлатӣ падидаи мураккаб аст, қисмати асосии меъёрҳои ҳуқуқие, ки ба танзими ин муносибатҳо равона шудаанд, маҳз дар қонунгузории гражданӣ инъикос шудаанд. Мувофиқи м. 1 КГ ҶТ ба соҳаи танзими ҳуқуқи гражданӣ ҳам муносибатҳои молу мулкӣ ва ҳам шахсии ғайримолумулкӣ дохил мешаванд. Ҳуқуқи гражданӣ пеш аз ҳама, муносибатҳои молумулкиро, ки асоси иқтисодии ҳама гуна ҷомеаро ташкил менамоянд, ба танзим медарорад.

Дар адабиёти ҳуқуқӣ то ҳол баҳс дар бораи он ки оё муносибатҳои истифодаи захираҳои табиӣ, аз ҷумла сарватҳои зеризаминӣ муносибатҳои моликиятӣ ҳастанд, мавҷуд аст. Як қатор олимон ба ин савол мусбат посух додаанд.[3]

Н.Д. Егоров дар бораи рушди танзими ҳуқуқии гражданӣ сухан ронда, қайд менамояд, ки замин, сарватҳои зеризаминии он ва дигар объектҳои табиӣ ба муомилоти гражданӣ ворид карда шуда, ба объектҳои аҳдҳои ҳуқуқи гражданӣ табдил меёбанд, ки инро қонунгузории гражданӣ тасдиқ мекунад.[4] А.В. Дозортсев муомилоти граждаиро ҳамчун маҷмӯи муносибатҳо дар соҳаи истеҳсолот ва мубодила мефаҳмад, ки бо қонунгузории гражданӣ танзим мешаванд, новобаста аз он ки онҳо аз амалиётҳои ҳуқуқӣ, санади маъмурӣ-идорӣ ё аз маҷмӯи онҳо ба вуҷуд омадаанд. Ҷудо намудани сарватҳои

---

[1]Теплов О.М. Асари зикршуда. – С. 2.

[2] Ахбори Маҷлиси Олии ҶТ, соли 2007, №3, мод.171, соли 2008, №6, мод.458; Қонуни ҶТ аз 01.08.2012с., №887.

[3]Братусь С.Н. Имущественные и организационные отношения и их правовое регулирование в СССР // Вопросы общей теории советского права / Сборник статей // Под ред. С.Н. Братуся. – М., 1960. – С. 108-109.; Полянская Г.Н. Право государственной собственности на леса в СССР. – М., 1959. – С. 182; Миронова Л.А. Гражданско-правовые договоры в сфере природопользования: автореф. дис. … канд. юрид. наук. – Казань, 2004. – С. 10.

[4] Гражданское право. Том. 1 . Учебник // Под ред. А.П. Сергеева, Ю.К. Толстого. – М., 2000. – С. 6, 13-14.

зеризаминӣ маънои онро надорад, ки онҳо дар муомилот қарор нагирифтаанд, балки мустаҳкамшавии онҳоро дар моликияти истисноии инҳисори давлатӣ нишон медиҳад.[1]

А.П. Сергеев бошад, қитъаҳои куҳии барои иктишоф ва коркарди конҳои фоиданоки маъданиро ҳамчун гардиши маҳдуд тасниф менамояд, ки мумкин аст ба истифодабарӣ ва ихтиёрдорӣ супурда шаванд.[2] Н.Б. Мухитдинов, сарфи назар аз танқиди он, ки сарватҳои зеризаминӣ мавзуи муомилоти ҳуқуқии гражданӣ метавонанд бошанд, чунин мешуморад, ки сарватҳои зеризаминӣ моликият ҳастанд ва муносибатҳои ҳуқуқии кӯҳӣ як намуди муносибатҳои молумулкӣ мебошанд.[3]

Дигарон сарватҳои зеризаминиро ҳамчун молу мулк эътироф намекунанд, аз ин рӯ, чунин мешуморанд, ки муносибатҳо оид ба истифодаи онҳо моликиятӣ нестанд,[4] аз ҷумла, бо сабабҳои зерин: сарватҳои зеризаминӣ мол намебошанд ва аз ин рӯ моликият низ нестанд; сарватҳои зеризаминӣ ба сарватҳои табиӣ мансубанд, ки онҳо чун қоида, маҳсули меҳнати инсон набуда, балки бевосита аз табиат ба даст оварда мешаванд, бинобар ин онҳо нарх, арзиши пулӣ надоранд ва дар муомилоти гражданӣ иштирок намекунанд.

Табиати молумулкиро танҳо захираҳои сарватҳои зеризаминӣ ба даст оварда метавонанд, ки аз қаъри замин истихроҷ карда мешаванд ва дар арзиши онҳо меҳнати инсонӣ таҷассум ёфтааст.[5] Сарватҳои зеризаминиро ҳамчун объекти табиӣ инсоният аллакай сохташуда пайдо мекунанд, ки ин ба ақидаи Г.В. Чубуков хусусияти молумулкии сарватҳои зеризаминиро истисно мекунад. Ба андешаи В.К. Григорьев сарватҳои зеризаминӣ моликият нестанд ва ба консепсияи моликияти давлатӣ дохил карда намешавад[6]. Баръакс, А.В. Карасс қайд мекунад, ки андешаи В.К. Григорьев хилофи Конститутсияи ИҶШС аст, ки дар м. 6-и он сарватҳои зеризаминӣ ба моликияти ҷамъиятӣ мансуб дониста шудааст, ба маънои он ки моликият ба тамоми мардуми шӯравӣ тааллуқ дошт.[7]

Е.В. Ерофеев чунин ақида дорад, ки баҳои пулӣ ва иштирок дар муомилоти гражданӣ меъёри муайян кардани муносибатҳои ҳуқуқии молумулкӣ нест, зеро моликияти давлатӣ на танҳо дар муомилоти гражданӣ

---

[1] Дозорцев А.В. Объекты права государственной социалистической собственности и их классификация // Советское государство и право. – 1949. – № 1. – С. 57.

[2] Гражданское право. Том. 1. Учебник // Под ред. А.П. Сергеева, Ю.К. Толстого. – С. 226.

[3]Мухитдинов Н.Б. Горные правоотношения в СССР. – С. 7-8.

[4] Аксененок Г.А. Земельные правоотношения в СССР. – М., 1958. – С. 148.; Колбасов О.С. Государство, право, экономика. – М., 1980. – С. 218-240.

[5]Чубуков Г.В. Горные отношения как предмет регулирования российского горного права/ /Материалы заседания круглого стола по теме: «Горное право России». – М., 1995. – С. 15-17.

[6]Григорьев В.К. Единый государственный земельный фонд СССР (правовая характеристика) / /Вопросы колхозного и земельного права. – М., 1951. – С. 172.

[7] Карасс А.В. Право государственной социалистической собственности. – М., 1954. – С. 63.

иштирок мекунад, балки ба таври маъмурӣ низ тақсим карда мешавад, аз ин рӯ, сарватҳои зеризаминӣ як навъи махсуси моликияти давлатӣ мебошад.[1] Зери мафҳуми моликият, ӯ пешниҳод мекард, ки ҳама гуна объектҳои муносибатҳои молумулкӣ, ки боиси бечунучарои эътирофи сарватҳои зеризаминӣ ҳамчун моликият мегардад, фаҳмида шавад.

Т.Е. Абова ва А.Ю. Кабалкин қайд мекунанд, ки дар мавриди соҳибӣ, истифода ва ихтиёрдории захираҳои табиӣ, қоидаҳои умумии ҳуқуқи гражданӣ риоя карда мешаванд, аз ҷумла ҳуқуқи моликият, ба шарте, ки онҳо ба муомилоти гражданӣ дохил карда шаванд.[2]

Он нуқтаи назарро бояд дастгирӣ кард, ки дар он муносибатҳо оид ба истифодаи сарватҳои зеризаминӣ моликият ҳисобида мешаванд. Ин бо тағйиротҳои мавҷуда дар ин соҳа тасдиқ карда мешаванд. Тавре ки аллакай қайд карда шуд, раванди аз байн бурдани истифодаи ройгони сарватҳои зеризаминӣ идома дорад, аз ин рӯ, сарватҳои зеризаминӣ ба муносибатҳои молӣ–пулӣ дохил карда мешаванд. Бо ҳамин назардошт баъзе муаллифон пешниҳод мекунанд, ки дар асоси механизмҳои ҳуқуқии гражданӣ баҳодиҳии захираҳоиканданиҳои фоиданок бо инъикоси арзёбии захираҳои табиӣ дар тавозуни ҳисобӣ гузошта шаванд.[3] Дар ҳақиқат қитъаҳои сарватҳои зеризаминӣ бояд баҳогузории арзиширо пайдо кунанд, аммо инъикоси баҳогузориҳои арзишии тағйирёбандаи канданиҳои фоиданок дар ҳуҷҷатҳои баҳисобгирӣ шубҳанок ба назар мерасад.[4] Дар тавозуни муҳосибӣ иншоотҳои мутобиқшуда барои истихроҷи канданиҳои фоиданок (чоҳҳо, дастгоҳҳои пармакунӣ), ки арзиши муайян доранд, инъикос мешаванд.

Бояд қайд кард, тибқи қонунгузории амалкунанда сарватҳои зеризаминӣ моликити истиснoии давлат эътироф шудаанд. Дар асоси м. 13 Конститутсияи ҶТ ва м. 239 КГ ҶТ замин, сарватҳои зеризаминӣ, об, фазои ҳавоӣ, олами набототу ҳайвонот ва дигар боигарии табиӣ моликияти истиснoии давлат мебошанд ва давлат истифодаи самараноки онҳоро ба манфиати халқ кафолат медиҳад. Дар баробари ин, м. 2 Қонуни ҶТ “Дар бораи сарватҳои зеризаминӣ” муайян менамояд, ки сарватҳои зеризаминии ҶТ пурра моликияти давлатӣ буда, ба моликони зерин дода мешавад:а) ба мақомоти муайяни давлатӣ бо роҳи ба онҳо додани ҳуқуқи моликӣ; б) ба истифодабарандагони сарватҳои зеризаминӣ бо роҳи интиқоли ҳуқуқи истифодаи бемӯҳлат ё таҳқими ҳуқуқи истифодаи мӯҳлатноки сарватҳои зеризаминӣ. Дар ҶТ сарватҳои зеризаминӣ моликияти хусусӣ шуда

---

[1]Ерофеев Е.В. Советское природоресурсовое право. – М., 1983. – С. 16-17.
[2]Комментарий к Гражданскому кодексу Российской Федерации: Часть вторая. В 3т. Т.2: Комментарий к Гражданскому кодексу Российской Федерации: Комментарий к Гражданскому кодексу Российской Федерации: Часть вторая // Под ред. Т.Е. Абовой и А.Ю. Кабалкина. – М., 2004. – С. 249.
[3]Зинатуллин М.З., Шашкин В.М., Кииельман С.А. Гражданско-правовые аспекты недропользования/ / Минеральные ресурсы России. Экономика и управление. – 2000. – № 2. – С. 48.
[4]Щербаков В.П. О концепции изменений гражданско-правовых аспектов недропользования // Минеральные ресурсы России. Экономика и управление. – 2000. – № 2. – С. 52.

наметавонад. Хариду фурӯш, тӯҳфакунӣ, ба гарав мондани қитъаҳои манбаи сарватҳои зеризаминӣ ё ивазкунии худсаронаи онҳо манъ аст.

Бояд самтҳои зерини танзими ҳуқуқи граждании муносибатҳо дар соҳаи истифодаи сарватҳои зеризаминӣ муайян карда шаванд:

– ҳуқуқи моликият ба сарватҳои зеризаминӣ ва канданиҳои фоиданок дар ҳолати муқаррарии онҳо;

– тартиби шартномавии додани ҳуқуқи истифодаи қаъри замин, аз ин рӯ, принсипҳои ҳуқуқи граждании баробарии тарафҳо, мухторияти хоҳишу ирода ва ғайра паҳн мегарданд;

– тартиби гузаронидани озмунҳо ҳангоми интихоби истифодабарандаи сарватҳои зеризаминӣ;

– шартномаҳои мушаххасе, ки ба ҷустуҷӯ, коркард ва истихроҷи канданиҳои фоиданок равона шудаанд (шартномаи консессионӣ, созишнома оид ба тақсими маҳсулот, шартномаҳои хизматрасонӣ), инчунин шартномаи иҷора барои қитъаҳои сарватҳои зеризаминӣ, ки ба истихроҷи маъданҳои фоиданок ва дигар объектҳо нигаронида нашудаанд;

– истифодаи ҷавобгарии ҳуқуқии гражданӣ дар муносибат бо истифодаи сарватҳои зеризаминӣ. Сарфи назар аз он, ки Қонуни ҶТ «Дар бораи сарватҳои зеризаминӣ» ба таври возеҳ истифода бурдани ҷавобгарии гражданиро барои вайрон кардани тартиби муқарраршудаи истифодаи сарватҳои зеризаминӣ пешбинӣ накардааст, таҷрибаи судии мамлакатҳои хориҷӣ зарурати татбиқи ҷавобгарии гражданиро барои истифодаи бе иҷозати сарватҳои зеризаминӣ бо мақсадҳои истихроҷи канданиҳои фоиданок пешбинӣ мекунанд.[1] Дар адабиёти илмӣ ба таври возеҳ баррасӣ шудааст, ки тарафҳо барои иҷро накардан ё иҷрои номатлуби уҳдадориҳои худ тибқи шартҳои шартнома бо риояи талаботи қонунгузории гражданӣ ҷавобгар мебошанд. Инро густариши истифодаи усули ҳуқуқи гражданӣ дар танзими муносибатҳои истифодаи сарватҳои зеризаминӣ тасдиқ мекунад. Ҳамзамон Ю.Х. Калмиков истифодаи ҷавобгарии ҳуқуқии гражданиро барои вайрон кардани қоидаҳо ҳангоми истифодаи сарватҳои зеризаминӣ қайд мекард.[2]

Ҳамин тариқ, маҷмӯи донишҳо оид ба истифодаи сарватҳои зеризаминӣ хусусияти маҷмуӣ (комплексӣ) дошта, ба ягон соҳаи ҳуқуқи алоҳида шомил шуда наметавонад. Ба объекти танзими ҳуқуқи захираҳои табиӣ танҳо муносибатҳоеро мансуб донистан мумкин аст, ки дар ҷараёни бевоситаи технологии ҷустуҷӯ ва истихроҷи геологӣ ба амал меоянд. Ба ақидаи мо, қонунгузории соҳаи кӯҳии истихроҷ (аз ҷумла, Қонуни ҶТ «Дар бораи сарватҳои зеризаминӣ") набояд ба Конститутсияи ҶТ ва КГ ҶТ мухолифат намояд.

---

[1] Постановление ФАС Западно-Сибирского округа от 18.04.2001г. № Ф04/1108-297/А27-2001/ /СПС «ГАРАНТ-Максимум .Практика ФАС округов». Версия от 25 декабря 2009г.

[2]Калмыков Ю.Х. Принцип всемерной охраны социалистической собственности в гражданском праве.- Саратов, 1987. – С. 196.

Ҳамин тавр, дар натиҷаи таҳлили адабиёти илмӣ ва қонунгузории амалкунанда вобаста ба танзими ҳуқуқи граждании муносибатҳо вобаста ба истифодаи сарватҳои зеризаминӣ хулосаҳои зеринро пешниҳод кардан мумкин аст:

– танзими муносибатҳо вобаста ба сарватҳои зеризаминӣ дар маҷмуъ хусусияти комплексӣ дорад, зеро самтҳои алоҳидаи он аз тарафи соҳаҳои мухталифи қонунгузорӣ танзим карда мешавад ва муносибатҳои ҳуқуқии гражданӣ танҳо он қисмати муайяни ин муносибатҳоро танзим менамояд, ба доираи мавзӯи танзими он шомил мешаванд;

– ҳуқуқи гражданӣ муносибатҳо оид ба сарватҳои зеризаминро танзим менамояд, агар дар қонунгузории сарватҳои зеризаминӣ меъёрҳои махсус вобаста ба танзими онҳо пешбинӣ нагардида бошад ва ин муносибатҳо тамоми нишонаҳои муносибатҳои танзимкунандаи қонунгузории граждаиро доро бошанд;

– хусусияти асосии танзими ҳуқуқии граждании истифодаи сарватҳои зеризаминӣ дар он зоҳир меёбад, ки он танҳо муносибатҳои молумулкиро дар соҳаи мазкур ва муомилоти истифодаи сарватҳои зеризаминӣ дар асоси шартнома мавриди танзим қарор медиҳад;

– ба андешаи мо сарватҳои зеризаминӣ объекти ҳуқуқи моликият мебошанд, чунки дар қонунгузории амалкунандаи кишвар он объекти моликияти истисноии давлатӣ муқаррар гардидааст, яъне бе ягон шубҳа сарватҳои зеризаминӣ объекти муомилоти гражданӣ мебошанд.

**Адабиёт:**


1. Конститутсияи ҶТ аз 6 - уми ноябри соли 1994 дар раъйпурсии умумихалқӣ қабул карда шуд. 26 сентябри соли 1999, 22 июни соли 2003 ва 22 майи соли 2016 бо роҳи раъйпурсии умумихалқӣ ба он тағйиру иловаҳо ворид карда шудаанд. – Душанбе, 2016. – 64 с.
2. Аксененок Г.А. Земельные правоотношения в СССР. – М., 1958.
3. Аксененок Г.А. Понятие советского земельного права и его системы // Советское государство и право. – 1969. – № 3. – С. 23 - 31.
4. Алексеев С.С. Общие теоретические проблемы системы советского права. – М., 1961.
5. Башмаков Г.С., Каверин А.М., Краснов Н.И. Законодательство о недрах. – М., 1976.
6. Братусь С.Н. Имущественные и организационные отношения и их правовое регулирование в СССР // Вопросы общей теории советского права / Сборник статей // Под ред. С.Н. Братуся. – М., 1960. – С. 108-109.
7. Григорьев В.К. Вопросы теории земельного права. – М., 1963.
8. Григорьев В.К. Единый государственный земельный фонд СССР (правовая характеристика) / /Вопросы колхозного и земельного права. – М., 1951.
9. Дозорцев А.В. Объекты права государственной социалистической собственности и их классификация // Советское государство и право. – 1949. – № 1. – С. 42 - 58.

10. Ерофеев Б.В. Соотношение земельного, горного, лесного и водного права // Советское государство и право. – 1971. – № 1. – С. 38 - 57.

11. Ерофеев Е.В. Советское природоресурсовое право. – М., 1983.

12. Калмыков Ю.Х. Принцип всемерной охраны социалистической собственности в гражданском праве.- Саратов, 1987.

13. Карасс А.В. Право государственной социалистической собственности. – М., 1954.

14. Клюкин Б.Д. Формирование Российского горного законодательства на основе законодательства о недрах // Законодательство и экономика. – 1995. – № 17/18. – С. 3 - 14.

15. Коган М.Е. О кодификации советского горного законодательства // Советское государство и право. – 1957. –№ 6. – С. 76 – 95.

16. Комментарий к Гражданскому кодексу Российской Федерации: Часть вторая. В 3т. Т.2: Комментарий к Гражданскому кодексу Российской Федерации: Комментарий к Гражданскому кодексу Российской Федерации: Часть вторая // Под ред. Т.Е. Абовой и А.Ю. Кабалкина. – М., 2004.

17. Казанцев Н.Д. Из истории науки советского земельного и природоохранительного права // Правоведение. – 1968. – № 1. – С. 71- 89.

18. Миронова Л.А. Гражданско-правовые договоры в сфере природопользования: автореф. дис. … канд. юрид. наук. – Казань, 2004.

19. Мухитдинов Н.Б. Горные правоотношения в СССР: автореф. дис. … д-ра юрид. наук. – Алма-Ата, 1973.

**Қурбонов Қ.Б.,**
**Буриев А.Р.**

**Фишурда**

**Нақши қонунгузории граждании дар танзими муносибатҳо оид ба истифодаи сарватҳои зеризаминӣ**

Дар мақола муаллифон кушиш ба харҷ додаанд, ки муносибатҳо оид ба истифодаи сарватҳои зеризаминиро аз лиҳози танзими қонунгузории граждании баррасӣ намоянд. Ба адешаи муаллифони мақола ҳуқуқи граждании муносибатҳо оид ба сарватҳои зеризаминро танзим менамояд, агар дар қонунгузории сарватҳои зеризаминӣ меъёрҳои махсус вобаста ба танзими онҳо пешбинӣ нагардида бошад ва ин муносибатҳо тамоми нишонаҳои муносибатҳои танзимкунандаи қонунгузории гражданиро доро бошанд. Хусусияти асосии танзими ҳуқуқии граждании истифодаи сарватҳои зеризаминӣ дар он зоҳир меёбад, ки он танҳо муносибатҳои молумулкиро дар соҳаи мазкур ва муомилоти истифодаи сарватҳои зеризаминӣ дар асоси шартнома мавриди танзим қарор медиҳад. Ба андешаи муаллифон сарватҳои зеризаминӣ объекти ҳуқуқи моликият мебошанд, чунки дар қонунгузории амалкунандаи кишвар он объекти моликияти истисноии давлатӣ муқаррар гардидааст, яъне бе ягон шубҳа сарватҳои зеризаминӣ объекти муомилоти гражданӣ мебошанд.

**Курбонов К.Б.,**
**Буриев А.Р.**

**Аннотация**
**Роль гражданского законодательства в регулировании отношений по пользованию недрами**

В статье авторы попытались рассмотреть отношения по пользования недрами с точки зрения регулирования гражданского законодательства. По мнению авторов статьи, гражданско-правовые отношения регулируют отношения по недрам, если в законодательстве о недрах не предусмотрены специальные нормы, связанные с их регулированием, и эти отношения имеют все признаки регулятивных отношений гражданского законодательства. Основной особенностью гражданско-правового регулирования недропользования является то, что оно регулирует только имущественные отношения в этой сфере и оборот недропользованию на основе договора. По мнению авторов, недра являются объектом права собственности, поскольку в действующем законодательстве страны они установлены как объект исключительной государственной собственности, то есть, вне всякого сомнения, недра являются и объектом гражданско-правовых сделок.

**Kurbonov K.B.,**
**Buriev A.R.**

**The summary**
**The role of civil law in regulating relations on subsoil use**

In the article, the authors tried to consider the relationship for the use of subsoil from the point of view of the regulation of civil law. According to the authors of the article, civil law relations regulate subsoil relations, if the subsoil legislation does not provide for special rules related to their regulation, and these relations have all the signs of regulatory relations of civil law. The main feature of the civil law regulation of subsoil use is that it regulates only property relations in this area and the turnover of subsoil use on the basis of an agreement. According to the authors, the subsoil is an object of property rights, since in the current legislation of the country they are established as an object of exclusive state property, that is, without a doubt, the subsoil is also the object of civil law transactions.

**Муқарризи мақола Саидов Ҳ.М. – номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ, дотсент**

**Хоҷамуродов Д. Г.***

# ОИД БА БАЪЗЕ МАСЪАЛАҲОИ ХУСУСИЯТИ ОММАВӢ ДОШТАНИ ШАРТНОМАИ ХИЗМАТРАСОНИИ МУЗДНОКИ БАЙТОРӢ

**Калидвожаҳо:** хизматрасонӣ, байторӣ, хизматрасонии байторӣ, шартномаи хизматрасонии музднокибайторӣ, озодии шартнома, шартномаи оммавӣ, истеъмолкунанда, уҳдадорӣ, ташкилоти тиҷоратӣ, ташкилоти ғайритиҷоратӣ, муассисаи давлатӣ, иҷозатнома, Кодекси гражданӣ, иҷтимоигароӣ, тарафҳои шартнома, ҳатмӣ будани бастани шартнома

**Ключевые слова:** услуги, ветеринария, ветеринарные услуги, договора возмездного оказания ветеринарных услуг, свобода договора, публичный договор, потребитель, обязательства, коммерческая организация, некоммерческая организация, государственные учреждения, лицензия, Гражданский кодекс, социализация, стороны договора, обязательность заключения договора

**Keywords:** service, veterinary, veterinary service, contract of paid veterinary services, freedom of the contract, public contract, consumer, obligations, commercial organization, non-profit organization, state institutions, license, civil Code, socialization, parties to the contract, obligation to conclude the contract

